

СУЛТОН НАВРӮЗОВ

# ФАЙЛАСУФОНИ ГУМНОМ Ё АРВОҲҲО ДАР ФАЛСАФА

СУЛТОН НАВРЎЗОВ

# ФАЙЛАСУФОНИ ГУМНОМ Ё АРВОҲҲО ДАР ФАЛСАФА

*(Нашри дуюм)*

Душанбе
«Ирфон»
2016

ББК 87, 3+87, 3 (2 тоҷик)

Н-35

Н-35 **Султон Наврӯзов. Файласуфони гумном ё арвоҳҳо дар фалсафа.** -Душанбе, «Ирфон», 2016. 220 саҳ.

Доктори илмҳои фалсафа, профессор Султон Наврӯзов ба проблемаҳои фалсафаи муосири тоҷик таваҷҷуҳи хоса дошта, ба ҳама гуна саҳлангорию бемантиқӣ дар илм назари оштинопазир дорад. Китоби «Файласуфони гумном ё арвоҳҳо дар фалсафа» аз зумраи силсилакитобҳои Султон Наврӯзов мебошад ки мавқеи принсипиалии ӯро ба мушкилоти таҳқиқотҳои фалсафӣ нишон дода, баёнгари саҳмгузории ӯ дар нақди фалсафӣ аст.

ISBN 978-99975-896-7-5

© Султон Наврӯзов, 2016

# МУҚАДДИМА

Дар шумораи № 2 (соли 2014)-и Ахбори Институти фалсафаи АИ ҶТ мақолае бо номи «Таърихи фалсафа ҳамчун майдони набардҳои фикрӣ ва худшиносӣ» нашр шудааст. Дар мақола ягон муаллифи зиндае ҳузур надорад, танҳо «муаллифе» бо номи «Шуъбаи таърихи фалсафа» ба ҷараёни мубоҳиса ворид шуда, андеша, танқид ва мулоҳизаронӣ мекунад. Нашр сохтани мақола аз номи шахсиятҳои гумном, бе номбар кардани муаллифи алоҳида ё муаллифони дигар, ки воқеию зинда ва муаррификунандаи субъекти ҳуқуқӣ бошанд, нишонаи беэҳтиромӣ ба илм ва номардӣ ба муҳаққиқи рақиб аст. Муҳаққиқи ҳақиқӣ набояд аз мубоҳисаю танқид ва аз шуниданӣ назари эътирозии олими дигар тарсу ҳарос дошта бошад. Гумон меравад, шахсияте ё шахсони номаълуме, ки мақолаи зикршударо иншо кардаанд, ба навиштаҳои худашон он қадар эътимод надоранд ва аз изҳори танқидии рақибони илмӣ сахт метарсанд. Қатъиёна бояд арз дошт: дар сурати зинда будани муаллифони мақола худро мурдаву гумном карданашон номардӣ ва шармандагӣ аст. Иддао доранд, ки ҳамчун муаллиф бо номи «Шуъбаи таърихи фалсафа» яке аз ҳарифони худро ба суд хоҳанд дод, вале ягон суд аризаашонро бо номи «Шуъбаи таърихи фалсафа» қабул намекунад. Онҳо унвонҳои илмии худро ҳам гум кардаанд. «Шуъбаи таърихи фалсафа» унвони илмии ҳар яке аз онҳо шудааст. Хеле ному унвони хандаовар, ки ному унвони илмии онҳоро номаълум гардондааст. Ин муҳаққиқони гумном, шояд ду-се нафар бошанд, ки худро ба сифати муаррификунандаи «Шуъбаи таърихи фалсафа» намоиш медиҳанд. Онҳо андеша намекунанд, ки дар «Шуъбаи таърихи фалсафа» шояд муҳаққиқон бошанд, ки аз номи онҳо баромад кардани як-ду нафар ҳаргиз ифодакунандаи фикру андешаи онҳо нахоҳад буд. Гумон меравад, аз ҷараёни навиштани ин мақола аксари аъзоёни ҳамин шуъба ҳатто огаҳис надошта бошанд. Аммо барои ин гумномҳо ҳеҷ аҳамияте надоштааст, ки ҳамкорони дигари онҳо чӣ андеша ва чӣ мавқеи



DENOV TADBIRKORLIK VA PEDAGOGIKA INSTITUTI ARM
№ 30929

назариявие доранд. Эътироф накардани хамкор ва ба инобат нагирифтани фикри онхое, ки макола аз номи худи онхо нашр мешавад, як навъ тахкир ба мухаккики дигар аст, ки номи ӯро сӯистеъмол кардаанд. Касе, ки маколаро бо унвони як шуъбаи том ба нашр мерасонад, нафари сохибхукм ва фармонравое дар нисбати аъзоёни лигаришуъба ба хисоб меравад ва маколаро хам бо «супориши қатъӣ» ва пуштибонии ӯ навиштаанд. Ман хамеша таъкид мекардам, хар навиштае, ки бо амр ва супориш анчом меёбад, öнчо беназмию хукмхои эклектикӣ рох меёбанд. Инчо маколаи «Таърихи фалсафа хамчун майдони набардхои фикрӣ ва худшиносӣ» истисно нест.

Шуъбае, ки ин гумномхо кору фаъолият доранд, шуъбаи «Таърихи фалсафа» номгузорӣ шудааст. Аммо бар асари аз сархади фалсафаи точик берун набаромадани ин «мухаккикон» унвони «Таърихи фалсафа» хеч ба мундаричаи фаъолияти тахкикотии онхо рост намеояд. Самтхои мухталифи фалсафаи чахонӣ инчо тахкик намеёбанд ва факат омӯзиши фалсафаи точик мекунанд, ки ин шуъба бояд «Шуъбаи таърихи фалсафаи точик» ном дошта бошад, на «Шуъбаи таърихи фалсафа». Дар холати ном доштани шуъбае чун «Таърихи фалсафа» мухаккикони ин шуъбаро бехтар мебуд самтхои мухталифи фалсафаи чахониро низ объекти тахкикоти худ карор дода, аз шарху тафсири танхо фалсафаи асримиёнагии исломӣ (ки ончо тахлили илмию танкидӣ хело кам аст) ба проблемахои назариявию методологии фалсафаи чахонӣ машгул мешуданд.

Фалсафа ва таърихи фалсафа факат аз халки алохида набуда, балки моли тамоми инсоният аст. Агар институти тахкикотӣ шуъбаеро чун як сохаи муайяни тахкикотӣ мукаррар карда бошад, набояд илмро, ки ба тамаддуни хама халкхо тааллук дорад, дар доираи як халку миллат ва тафсири таълимотхои сирф тасаввуфию ирфонӣ, танг созад. Холо хозир, дар доираи чунин фахмиш кормандони «Шуъбаи таърихи фалсафа»-и Институти фалсафа хеч вакт аз ӯхдаи тахкики фалсафаи умумичахонӣ баро-



мада наметавонанд. Инро мо баръало дар маколае, ки зикр шуд, мушохида мекунем. Дар макола ба бисёр сохтакорихо, дурӯғгӯихо ва аз худ кахрамонсозихои бехуда рох дода шудааст. Оё маколанависони гумном, аз худ кахрамонсозихоро хис мекунанд ё не?

Аз «фалсафадонихо»-и онхо баъзе мисолхо меорам. «Таърихи фалсафа, - менависанд онхо, - таърихи масъалахои умумии инсоният дар муносибати ӯ бо табиат, чамъият ва куввахои идоранашавандаи табиӣ — марг ва зиндагӣ мебошад». Магар зиндагии одамон дар чамъият идоранашаванда аст? Ё зиндагии одамон факат табиӣ буда, ягон мохияту зухуроти таърихӣ ва чамъиятӣ надорад? Зиндагии одамон агар факат табиӣ мебуд, пас инсонхо аз хайвонхо фарке намедоштанд. Ба сухани муаллифони гумном агар бовар кунем ё онхоро хак бишуморем, савол ба миён меояд, ки чӣ тавр инсонхо дар протсесси таърихии худ то ба сатхи имрӯзаи инкишофи иктисодӣ, техникиву технологӣ ва фархангии худ расидаанд? Агар зиндагии одамӣ идоранашаванда бошад, чӣ тавр ин чанобони номгум шуъбаи таърихи фалсафа ташкил карда, дар он кор ва бахсу мунозирахо намуда, китобу маколахояшонро навиштаю нашр месозанд? Дар зиндагии идоранашаванда, агар ин чанобони гумном чизеро фахманд, ягон тартиботу низом, пайдархамӣ ва устуворӣ наметавонад чой дошта бошад, чунки зиндагӣ дар чахонбинии онхо идоранашаванда тасвир мегардад. Гумномхо куввахои идоранашавандаи табиатро бо куввахои идорашавандаи чамъияту инсоният дар як катор гузошта, раванди сифатан нави олами зинда - чомеаи инсониро (сотсиумро) аз олами табиат фарк намегузоранд. Табиат ба маънои васеи худ – олам нестнашаванда аст ва марг агар ногузир хам бошад, инсони муосир метавонад чараёни фаношавии чизхо ва зухуротро то андозае ба самти муайяне рохандозӣ намояд. Зиндагӣ бошад, хусусан зиндагии инсонӣ ба мачрои конуниятхои устувор, вале идорашаванда дар доираи татбики дастовардхои илм ва хиради инсон сурат мегирад.

Ғайр аз ин, таърихи фалсафаро «...таърихи
масъалаҳои умумии инсоният дар муносибати ӯ бо таби-
ат, ҷамъият...» баҳогузорӣ намудани онҳо метавонад ба
илмҳое чун илмҳои табиатшиносӣ, фанҳои дигари гума-
нитарӣ низ баҳузӯр тааллуқ дошта бошад.
Чунин фаҳмиши кормандони Шуъбаи таърихи фалса-
фа, ки дар боло овардем, натиҷаи бефаҳмии назариявӣ ва
методологии онҳост. Дар ин гуфтаашон онҳо таърихи
фалсафаро аз фалсафа фарқ карда натавонистаанд. Агар
таърихи фалсафа «масъалаҳои умумии инсониятро дар
муносибати ӯ бо табиат, ҷамъият ва қувваҳои идоранаша-
вандаи табиӣ» таҳқиқ кунад, пас худи фалсафа чист ва чи-
ро меомӯзад? Таърихи фалсафа таҷассумкунандаи раванди
таърихии ташаккул ва инкишофи афкори фалсафии инсо-
ният аст, ки дар фазои ин илм моҳият ва мундариҷаи ра-
виях̣ои гуногуни фалсафӣ, умумият ва зиддияти онҳо
таҳқиқ мегарданд.
Мақола як хусусияти дигар ҳам дорад: муаллифони
номгуми он бо мо ҳарифон – оппонентҳо аз номи худашон
не, чунки гумномманд, аз номи муаллифони дигар «баҳс»
мекунанд. Барои ҳамин ҳам, дар 14 саҳифаи мақолаашон
зиёда аз 120 олимони «ба кироя» гирифтаи худро номбар
мекунанд ва ин амали онҳо бошад нишонаи он аст, ки
онҳо фикрҳои хоса ва мустақили худро надоранд, тафсир-
гарону бозгӯкунандагони фикрҳои дигар олимон ҳастанд.
Ҳамин ки аз матну рӯгардонкуниҳои фикру андешаҳои ди-
гарон берун бромаданд, ба даҳҳо душвориҳи назарияву
методологии барояшон ҳалнашаванда дучор меоянд,
онҳоро ҳал карда натавониста, ба ҳарзагӯӣ ва сухан-
бозиҳои подархаво мепардозанд. Тафсиру рӯгардонкунии
афкори дигарон касби асосии онҳо шудааст, ки онро
«таърихи фалсафа» номидаанд. Азбаски аз доираи тафси-
ру шарҳдиҳиҳои диниву ирфонӣ берун баромаданд, ба
дармондагии зиёди назариявӣ-фалсафӣ рӯ ба рӯ мешаванд.
Дармондагии назариявӣ-фалсафии онҳо на фақат дар ин
мақолаи онҳо, дар навиштаҳои дигари онҳо ҳам мушоҳида
мешавад.



Як чизи дигарро нагуфтан мумкин нест. Аз Абдуллоев – Абдуллозодаро танқид кардани ман 11 сол гузашт, аз Муҳаммадхоҷаеву Олимовро танқид кардани ман -5 сол. Чаро дар тӯли ин солҳо онҳо садое набароварданд, гӯё ки дар кадом чохе пинҳон шуданд ва имрӯз аз ин чоҳ берун баромадаанду фаъол гаштанд. Сабаби ин фаъолшавии онҳо мақолаи Ҳафиз Бобоёров (Холикзода) аст, ки дар он ӯ маро таъриф ва аҳли таҳлилро танқид кардааст. Ин бошад дарду аламҳи дар дил нигоҳдоштаи чандинсолаи аҳли таҳлил – аналитикҳои академиро бо номи «Шуъбаи таърихи фалсафа» тоза намудааст. Мақолаи Ҳафиз Бобоёров онҳоросахт асабонӣ кард ва ба навиштани мақола бар зидди ӯ пардохтанд, ки дар он бо ман ҳам ҳисобашонро баробар карданӣ шудаанд. Бо чоп шудани мақолаи Ҳафиз Бобоёров дар тафаккури онҳо гардише ба амал омад, ки дар натиҷаи он аҳли таҳлил шахсияту унвонҳои корӣ ва илмии худро гум карда, ба «Шуъбаи таърихи фалсафа» табдил ёфтанд. Гардише, ки онҳо аз сар гузарониданд, онҳоро олимони беному нишон гардонд. Дар баҳогузории илмӣ чун мардони илмӣ иштирок накардаанд. Олимоне, ки шахсияту унвонҳои илмии худро ҳурмат мекунанд, аз донишҳои худ боварӣ доранд, ба ин роҳ намераванд, ҷасурона ба майдони баҳс мебароянд. Чун аҳли таҳлил ин корро накардааст, аз донишҳои худ боварӣ надорад. Амали онҳо бечорагӣ ва беҷуръатии онҳо дар илм аст. Ҳарчанд ки аксарияти онҳо соҳиби унвонҳои илмиянд. Аҳли таҳлил ё аҳли таҳқиқ ба номардӣ ва корчаллонӣ роҳ дода, дар мақолаашон андешаҳои мустақилу хосаи худро надоранд, дар аксари кулли мавридҳо аз гуфтаҳои дигарон, ки мо ҳарифон бо онҳо ягон баҳс надоштем, истифода бурдаанд ва бо мо ҳарифон «баҳси илмӣ» оростаанд. Танқиди «хоса»-и худи онҳо мағзу ҷавҳари илмӣ надорад, ба ҷуз иқтибосҳо аз таълимоти исломӣ, гуфтору ривоятҳои ирфонӣ... «Танқиди илмӣ»-и онҳо оҳанги ҳарифонро тарсондан ҳам дорад. Масалан, онҳо маро тарсонданӣ шуда, менависанд, ки «ба мулоҳизаҳои танқидии Султон Наврӯзов... кормандони

*Шуъбаи* таърихи фалсафа посух омода намуданд... то ба маҷмӯи (?) фикрҳои интиқодии ӯ ҷавоби муносибе ироа гардад» (с. 108). Ман интизори «ҷавоби муносиби» онҳо хастам. Канӣ бинем, «ҷавоби муносибе», ки ба ман ироа мекунанд, чӣ гуна аст? Ман ба сатҳи назариявӣ ва фалсафадонии онҳо нағз шиносам, бигзор ҷавобашонро нависанд, бе сохтакории хоксорона мегӯям, ки онҳоро боз саркӯб мекунам. Чӣ ҷавобе, ки нависанд, аз доираи рӯгардонкуниву тафсирҳои диниву тасаввуфӣ, ки барои онҳо касби асосӣ шудааст, берун баромада наметавонанд.

Мақолаи аҳли таҳлил бо усули «парак-парак»-и бачагона (чехарда) навишта шудааст. Вале онҳо ба сифати «Шуъбаи таърихи фалсафа» аз ин усули мақолана висиашон шарм накарда, худро «аҳли таҳлил», «аҳли таҳқиқ» меноманд на мегӯянд, ки ба онҳо «ҳама чиз маълум аст». Масъалаҳои дар мақола «таҳқиқшуда» чунин таҳлилу таҳқикеро фаро гирифтааст, ки муаллифони гумноми он чӣ гуфтанашонро намедонанд ва бо суханбозиҳои болохонадор машғул шудаанд. Мақола бо усули «ҳам инҳам он» ва «ҳама» навишта шуда, дар он ягон пайдарҳамии мантиқӣ дида намешавад ва аз аввал то ба охир эклектикӣ аст. Дар он аз илму фалсафа, дину ирфон винегрети турше пухта шудааст, ки истеъмоли он меъдаи худи «таҳлилгарон»-ро ба дарди диарея гирифтор мекунад. Онҳо бо як по дар илму фалсафа ва бо пои дигар дар дуроҳаи илму дин, фалсафаву ирфон истодаанд ва роҳгум заданд. Вале ҳарчанд ки дину ирфону мистика онҳоро бештар қонеъ гардонанд ҳам, ба ин дарди бесаводии онҳо даво намебахшад. Пайдарҳамии мантиқии мақола, дар сатҳи хеле паст аст, ба хонанда таассуроте мебахшад, ки гӯё онро олимони унвондор не, балки дилетантҳое навиштаанд, ки ба фалсафа ва диншиносӣ аз наздик шинос нестанд, мантиқ барои онҳо бегона аст. Як мисол меорам: «давлати мо давлати дунявист ва дин аз давлат ҷудост» - «омӯхтану баррасӣ кардани ҷаҳонбинии дорои хусусияти динкамон... вазифаи Ҳукумати Ҷумҳурӣ ва аҳли зиёи он мебошад» (с. 121). Аз рӯи ин



«мантиқ» гуфтан мумкин аст, ки аҳли таҳлил худашонро аҳли таҳлили ҳукуматӣ ҳисоб мекунанд.

Дар мақолаи таҳлилиён (аналитикҳо) ба ин монанд гузоришҳои додарҳаво, бесаводона ва бемантиқ хеле зиёд аст, ки аз ӯҳдаи ҳалли мантиқии онҳо баромада натавонистаанд ва онҳоро бо суханбозиҳои бемантиқ рӯпӯш мекунанд. Муаллифони мақола – Шуъбаи таърихи фалсафа дурӯяву дахрӯя ва дурӯггӯянд, аз ӯҳдаи таҳқиқотҳои айниятноки проблемаҳои илмӣ, фалсафӣ, диниву ирфоние, ки дар пеши худ гузоштанд, баромада наметавонанд. Аҳли таҳлил – аналитикҳо ҳамон чанд масъалаи якрангро гаштаву баргашта такрор мекунанду тобиши нав медиҳанд. Ман наметавонам, ки ба ин тобишҳои «фикрҳои нави» онҳо аҳамият диҳам. Ба ҳамин сабаб дар китоб баъзе такрорҳо роҳ ёфтаанд.

Ман ба масъалаҳое, ки таҳлилиён диққати маро ҷалб кардан мехоҳанд, дар кутбҳои тамоман зид истодаам. Дар ин китоб ман бо таҳлилиён баҳси умумӣ-абстрактӣ намекунам, аввал иқтибос ё порчае аз мақолаи онҳо оварда, онро баррасӣ намуда, мазмуни онро ошкор сохта, хулоса мебарорам, яъне то чӣ андоза ба воқеият рост омадану наомадани онро муайян мекунам. (Дар ин ҷо бояд гуфт, ки таҳлилиён-ҳарифон маънои мафҳумҳои «ҳақиқат» ва «воқеият»-ро аз якдигар фарқ карда наметавонанд, барои онҳо «ҳақиқату» «воқеият» як чиз аст). Усули (методи) таҳқиқотии ман ҳамон хелест, ки онро дар китобу навиштаҳои дигари ман дарёфт кардан мумкин аст. Дар ин ҷавобам ҳам кӯшиш мекунам ба ақидаву масъалагузориҳои аҳли таҳлил – Шуъбаи таърихи фалсафа муносибати объективона дошта бошам, мақолаи онҳоро аз ғалбер гузаронам ва фалсафафурӯшии онҳоро рӯи об барорам. Азбаски дар мақола номҳои воқеии муаллифони он номардона пинҳон дошта шудаанд, ман дар ин китоб онҳоро ба маънои маҷозӣ ва писхандомез «таҳлилиён», «аналитикҳо», «таҳлилгарони академӣ» номбар мекунам.

# АҲЛИ ТАҲЛИЛ ВА ҲАРИФОН: КӢ ЧӢ МЕГӮЯД ВА ЧӢ МЕНАВИСАД

Мақолаи аҳли таҳлил бе далелу исботҳои илмӣ навишта шуда, аз суханбозиҳои нодарҳавову бебунёд иборат аст. Ҳам барои ҳарифон оппонентҳо, ҳам барои илму фалсафа ягон чизи наве намедиҳад, зеро мақола пур аз ғайбату буҳтонҳо ба унвони ҳарифон буда, баён-гари ҷаласаводиву нофаҳмии худи онҳо аст.

Таҳлилиён менависанд, ки «С. Наврӯзов ва Ҳ. Бобоёров меҳоҳанд, ки ҳамагуна илмро «илми моддагаро» гуфта, ба давронии шӯравӣ баргардем» (с. 110). Ин тӯҳмати носазо ва кӯрназарии аҳли таҳлил аст. На ман ва на Ҳ. Бобоёров дар ягон навиштаамон нагуфтаем, ки дар даврони шӯравӣ «ҳамагуна илмро моддагаро» мегуфтанд. Магар дар давраи шӯравӣ ба ғайр аз «илми моддагаро» илмҳои дигар вуҷуд надоштанд ва ба ғайр аз, ба қавле, «илмҳои модда-гаро» илмҳои дигар набудааст ва он замон чунин илмҳоро эътироф намекардаанд? Агар дар даврони шӯравӣ ҳама илм «моддагаро» мебуд, дигар илмҳо аз қабили илмҳои таърихию иҷтимоӣ ва гуманитарӣ намебуданд, чӣ тавр ху-ди таҳлилиён соҳиби маълумоти гуманитарӣ мешуданд? (Ин масъалагузории онҳоро дар ин ҷо номбар карда, мин-баъд ман онро баррасӣ мекунам). Аҳли таҳлил – Шуъбаи таърихи фалсафа бо ин фолбинии худ, ки хеле хандаовар аст, аз куҷо медонад, ки мо дар ин ақидаем? Вақте чунин фолбинӣ мекунанд, ягон далели исбот кардани ин фолби-нии худро надоранд. Ман ба худ иҷозат медиҳам, ки онҳоро «кӯтоҳбин» аз илму фалсафа гӯям. Дар давраи шӯравӣ илмҳои дигаре ҳам вуҷуд доштанд, ки онҳо қону-ниятҳои маънавӣ, протсессҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии ин-кишофи ҷамъияту инсонро меомӯхтанд. Ин бесаводҳо, ки худро аҳли таҳқиқ меноманд, агар ба классификатсияи илмҳо, ки дар замони шӯравӣ вуҷуд дошт, нигоҳ кунанд, дар он илмҳои ғайри моддагароро низ меёбанд. Ҷамъияти шӯравӣ ҷамъияти бемаънавият набуд, илмҳои классикии



(гурӯҳи) маънавиро ҳам омӯхта, ба шаҳрвандон аз психо-логия, этика, педагогика ва эстетика таълим дода мешуд. Агар ҷамъияти шӯравӣ намебуд таҳлилгарони беном соҳиби маълумоти олӣ ва унвонҳои илмӣ намешуданд, ихтисосҳое, ки худи онҳо аз фалсафа ва таърихи фалсафа, таърих, забону адабиёт гирифтанд, моддагаро набуда, ба сӯи тақвияти маънавии инсонҳо нигаронида шуда буданд.

Кашфиёти нестандарчаҳони таҳлилиён дар хусуси он ки дар даврони шӯравӣ моддиятро бидуни маънавият меомӯхтанд, на фақат тӯҳмат ба илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва гуманитарии давраи шӯравӣ, балки кӯрназарии худи онҳо мебошад. Агар дар хотираи фарсудашудаи онҳо (би-сёре аз онҳо дар давраи шӯравӣ тарбияи мактабӣ гирифта, соҳиби маълумоти миёнаву олӣ шудаанд) ягон чиз дар бо-раи ин давра боқӣ намонда бошад, бигзор ба нақшаву барномаҳои таълимии фалсафа, илмҳои ҷамъиятшиносӣ, инсоншиносӣ назар кунанд ва каме бошад ҳам хотираи пӯсидаи худро тоза созанд. Аз афти кор, онҳо «фаромӯш» кардаанд, ки аз илмҳои гуманитарӣ маълумот гирифта, имтиҳон супорида ва аз илмҳои гуманитарӣ соҳиби ди-пломҳои касбӣ шуданд, баъзеи онҳо унвонҳои илмии худ-ро дар ҳамин муҳити шӯравӣ дарёфтанд. Ҳамкори онҳо (Абдуллозода) дар давраи шӯравӣ аз атеизми илмӣ рисо-лаи номзадӣ ҳимоя карда буд ва яке аз пешқадамони та-швиқоту тарғиботҳои атеистӣ буд. Имрӯз бошад, ниқоби нав ба рӯ кашида, ҷаҳонбиниашро дингароёна сохтааст

Аҳли таҳқиқ ба бесаводиҳои дигаре ҳам роҳ додаанд, ки маънои чӣ гуфтани худашонро нафаҳмидаанд. Масалан, менависанд, ки «афкори ирфонӣ дар бораи охират баҳс намекунад... инсонро ба «касб кардани ахлоқи ҳамида дар олами моддӣ равона мекунад» (с. 110). Онҳо ҳеҷ наме-фаҳманд, ки олами моддӣ «ахлоқи ҳамида» надорад. Ғайр аз ин, мувофиқи ин фол – бесаводии таҳлилиён, афкори ирфонӣ қариб, ки «материалистӣ» будааст. Кӯтоҳ карда гӯем, олами моддӣ ахлоқ надорад, на ахлоқи ҳамидаи ир-фонӣ – мистикӣ ва на ахлоқи дунявӣ. Олами моддиро ба доштану надоштани «ахлоқи ҳамида» маънидод кардан

мумкин нест. Ахлоқ, шаклу зуҳуроти гуногуни он ҳанӯз пеш аз ирфони исломӣ вуҷуд доштанд. Ахлоқ падидаи ҷамъияти инсонӣ буда, то замони пайдо шудани динҳои ҷаҳонӣ ҳам ташаккул ёфта буд, на бо пайдоиши афкори исломӣ. Бо пайдо шудани ислом ва ҳукмрон шудани он дин меъёрҳои ахлоқӣ (ва ҳуқуқиро низ) ба ихтиёри худ қарор дод ва ба он самту мазмуни динӣ дод. Худи ислом аз аввал кашфкунандаи ахлоқи умумиинсонӣ нест. Ҳамаи он чизе, ки аз ахлоқи умумиинсонӣ гирифтааст, онро моли худ эълон кардааст. Таҳлилиёни «ахлоқшинос» бо ин фаҳмиши худ чӣ хел худро файласуфу таърихчиёни фалсафа ҳисоб мекунанд? Онҳо хостаанд, ки худро дар назарияи фалсафӣ санҷанд, вале ба сабаби надоштани саводи назариявии фалсафӣ, сахт пешпо хӯрдаанд. «Ахлоқ дар олами моддӣ» гуфта худашон маънои ин суханашонро нафаҳмидаанд. Дар доираи мантиқи тасаввури онҳо, гӯё ки кӯҳу дарё, сангу хок, обу ҳаво, гармиву хунукӣ ахлоқ (мораль) доштаанд. Агар олами моддӣ ахлоқ дошта бошад, ин маънои онро дорад, ки таҳлилиён худашонро аз дигар падидаҳои олами моддӣ аз ҷиҳати ахлоқӣ фарқ карда наметавонанд. Боз як бемаънигии дигари таҳлилиён: «Аз ғояи фикри муаллифи мақола (мақолаи Ҳ. Бобоёров) ва ҳомиёни ӯ (кихоянд ҳомиёни ӯ?) чунин бармеояд, ки мо – ходимони илмии Шуъбаи фалсафа ба мисли давраи Эҳёи Ғарб танҳо ба ҷиҳатҳои ахлоқӣ, озодандешӣ ва ватанпарастии дин аҳамият дода, ба дин муносибати уфуқӣ (яъне он чи ба олами моддӣ, физикӣ судманд аст) дошта бошем» (с. 110-111). Ин абракадабраи таҳлилиён дар мақолаи Ҳ. Бобоёров хеле хуб таҳлил шудааст ва дар охири китоб ин мақола низ нашр гаштааст.

Ин ҷумлаи таҳлилиён бемантиқ аст. Аввал ин ки дар ин ҷумлаи онҳо «ғояи фикрӣ»-и мақолаи Ҳ. Бобоёровро дар айни замон «ғояи» кадом ҳомиёни номаълуму бенишоне баҳо медиҳанд. Таҳлилгароннамедонанд, ки икс- ҳомиёни Бобоёров кихоянд ва оё «ҳомиён» чунин ғоя доранд ё не. Дуюм ин ки худашонро «мисли давраи Эҳёи Ғарб» мегӯянд. Магар муъҷиза нест, ки «кормандони



илмии Шуъбаи фалсафа» «мисли даврaи Эҳёи Ғарб» шуданд. Акнун тақозо кунед, ки ин «кормандони илмии шуъбаи фалсафа» кихоянд ва давраи Эҳёи Ғарб чист? Сеюм ин ки «ба дин муносибати уфуқӣ (яъне он чӣ ба олами моддӣ, физикӣ судманд аст) дошта бошем» гуфтани онҳо тамоман бемаънӣ аст.

Муаллифони гумноме, ки аз номи «Шуъбаи таърихи фалсафа» худро муаррифӣ мекунанд, аз доираи ваколатҳои худ берун баромада, ба дигарон супориш медиҳанд, ки кадом корро кунанду кадом кореро не. Масалан, аз Ҳ. Бобоёров талаб мекунанд, ки ӯ бояд мақолаашро «замима ба кори С. Наврӯзов «Потребительство» мегуфт. Чаро, дар кадом асос? Мақолаи Ҳафиз Бобоёров замима ба китоби ман нест. Мақолаи ӯ баъди ду соли чоп шудани китоби ман навишта шуда, ҳадаф ва таъиноти мақолааш дар дасти худи ӯ қарор дорад (Бовар кунед, аз рӯи виҷдон мегӯям: то ҳол ман бо ӯ шинос нестам ва рӯ ба рӯ нашудаам). Кӣ тарафдори кист, ба ақидаҳои кӣ пайравӣ мекунад ё намекунад, ин кори шахсии ӯ мебошад. Таҳлилиёнро ҳеҷ кас жандарм таъйин накардааст, ки ба кору ба ваколатҳои дигарон дахолату фармонфармоӣ кунанд. Таҳлилиён ба Ҳ. Бобоёров ҳасад мебаранд ва эрод мегиранд, ки «дар мақолааш тақрибан 12 маротиба баҷою беҷо ба китоби Султон Наврӯзов «Игры в науку» истинод кардааст» (с. 108). Вале онҳо аз худашон бехабаранд, худи онҳо дар мақолаи 14-саҳифагии худ ба 120 нафар муаллифони гузашта ва ҳозира муроҷиат карда, аз номи онҳо бесаводии худро ҳақ баровардани мешаванд; масъалаҳои бойси баҳс гардидаро аз номи онҳо «ҳал» мекунанд. Ин амали онҳо раво будаасту амали Ҳ. Бобоёров не.

Акнун дар бораи он чие, ки ба ман дахл дорад: «ба мулоҳизаҳои танқидии Султон Наврӯзов низ кормандони Шуъбаи таърихи фалсафа посух омода намуданд ва мунтазиранд, ки китоби дуюми навбатии (?) ӯ низ бароянд, то ба маҷмӯи фикрҳои танқидии ӯ ҷавоби муносибе ироа гардад» (с. 108). «Китоби навбатии» ман хаёли худи таҳлилгарон аст.

Ду китоби ман бо номи «Игры в науку. Книга первая»
ва «Игры в науку. Книга вторая» ханӯз соли 2012 дар фо-
силаи ду-се моҳ паиҳам нашр шуда буданд. Ман ба ягон
кас ваъда надода будам, ки китоби дуюмам чоп мешавад
ва ба муқобили таҳлилгарон нигаронда шудааст.
Танқидҳои ман ва Ҳ. Бобоёров таҳлилиёнро чунон аса-
бонӣ кардааст, ки бори дуюм тарсондание мешаванд: «Ин
ҳама суханҳои С. Наврӯзов аст (дар ин ҷо суханҳои Бо-
боёроврo «суханҳои Наврӯзов» мегӯянд), ки баъди
навиштани китоби дуюмаш посух гирифт» (с. 110). Дар ин
маврид ҳам аҳли таҳлилу таҳқиқ фолбинӣ мекунанд. Онҳо
ҳам бадгумонӣ мекунанд ва ҳам маро тарсонданӣ меша-
ванд. Вале ман ягон тарсу ҳарос аз посухи онҳо надорам.
Маро тарсондани ҳарифон нишонаи он аст, ки онҳо бо
ҳарифи худ баҳси илмӣ нею гур-гури ғайриилмӣ мекунанд.
Онҳо ба «илми динӣ» гуфтани худ (истифодаи чунин ибора
ҳам аз нафаҳмидани моҳияти илм ва таъиноти дин аз
ҷониби онҳост) маро аз номи дин тарсонданианд.
«Соҳибон»-у ҳомиёни дин агар ақлу фаросати илмӣ дошта
бошанд, ҳарифонро натарсонда, тафсирнома ва луғатно-
маҳоро варақ зада, дар бораи мафҳумҳои «илм» ва «дин»
барои худашон маълумоте пайдо кунанд ва ин бесаводии
худро, ки илму динро яксон месозанд, чунин фаҳмиши ха-
тои худро ошкор созанд. Худи онҳо маънои мафҳумҳои
«дин», «илм», «теология»-ро нафаҳмида, Бобоёровро «ба-
рои тақвияти фикраш ҳарфҳои беҷои ҳомии худро (яъне
Наврӯзовро) овардааст» (с. 110) гуфта, айбдор мекунанд.
Ҷанобон, аҳли таҳқиқу таҳлил, агар шумо қобилияту си-
фатҳои таҳлилгарӣ дошта бошед, акси фаҳмиши нодуру-
сти худ – «илми динӣ» ё «дини илмӣ» - ро аз мавқеи илм ба
ҳарифон ва хонандагон исбот кунед. Вале шумо ин ҳунар-
ро надоред, чунки «илму» таҳлилҳои шумо фақат аз таф-
сиру рӯгардонкуниҳои догмаҳои динӣ, ривоятҳои ирфонӣ
ва фикру андешаҳои рӯҳониён манша гирифтааст. Аҳли
таҳқиқу таҳлил на дар бораи дин ва на дар бораи илм та-
саввуроти айниятноку басанда надорад, онҳоро бесаводо-
на ба ҳам омехта сохтаанд. Дар бораи фикри дигари онҳо



бе ханда сухан рондан мумкин нест. Нусхаи аслии он чунин аст: «дарси илм барои обод кардани зиндагии заминиро дар даврони Шӯравӣ гузашта будем ва маҳз аз сабаби он ки моддиётро бидуни робита бо маънавиёт омӯхтем» (с. 110). Ин чӣ хел фалсафадонӣ аст? На фақат дар «даврони шӯравӣ», балки дар ягон давраи мутамаддини таърихӣ, дар ягон давлату мамлакат ҳеч касе моддиётро бидуни маънавият наомӯхтааст. Ин «хирадмандис», ки таҳлилиён дар масъалаи таносуби моддият ва маънавият (материальное и идеальное) намоиш медиҳанд, барои онҳое, ки худро файласуфу таърихшиноси фалсафа меноманд, аблаҳӣ аст. Дар даврони шӯравӣ таълими илмҳое, ки маънавият (идеальное)-ро меомӯхтанд, манъ набуд. Вақте таҳлилиёни бесавод мегӯянд, ки дар даврони шӯравӣ моддиётро бидуни маънавият омӯхтем, ба сабаби кӯрсаводӣ ва бемаърифатии илмии худ ба даврони шӯравӣ тӯҳмат мекунанд ё ки ин давраро beшуурона бадгӯӣ ва сиёҳ мекунанд. Шарм надошта боз мегӯянд, ки «дар бораи таъриф ва табиати илму дин... ба аҳли таҳқиқ маълум аст» (с. 110). Аз мақолаи онҳо бошад маълум мегардад, ки мафҳуми «илм» ва «дин» ҳаммаъно будаанд ва ин ҳаммаъно будани онҳоро мафҳуми «илми динӣ» ифода мекардааст. Ба сабаби мавқеи муайян надоштанашон, таҳлилиён дар масъалаи илму дину ирфон дар мақолаашон мавқеи аввалаи худро («дин илм аст», «илм дин аст») тарк карда, ба мавқеи ҳарифон – Бобоёрову Наврӯзов мегузаранд ва менависанд: «Ҳеҷ гоҳ бо шуури давраи феодализм, аз ҷумла аҳкоми динӣ (он чие, ки ман ва Бобоёров танқид мекунем), ки тору пуди мафкураи аксари кулли аҳолии ҷумҳуриҳоиОсиёи Миёнаро печонда гирифтааст, мо ба фардои фирӯзу саодатманд расида наметавонем» (с. 111). Вале аз гуфтаҳои зиёди диндарастии онҳо, маълум мегардад, ки худи онҳо аз ҳудуди феодализми диниву ирфонӣ берун баромада натавонистаанд, зиндагии дунявиро ба дину ирфон тобеъ кардан мехоҳанд. Худи онҳо чунон динзада шудаанд ва ҳис намекунанд, ки дар Институти таҳқиқотии давлати дунявӣ кор мекунанд ва ин давлат ба онҳо маош медиҳад, то ки

манфиатҳои давлату халқро дар таҳқиқотҳояшон баррасӣ ва ҳимоя кунанд. Ҳайфи он маоше, ки давлат ба онҳо медиҳад!

Онҳо як мавқеи муайян надоранд. Мисли бодбарак (флюгер) ҳам ин тараф ҳам он тараф чарх мезананд. Онҳо фикри худро, ки дар боло иқтибос шуд, гӯё фаромуш карда, боз мегӯянд, ки «сиришти зиндагии моро дар кӯраи боварҳои динӣ шакл дода буданд» (с. 111). Кӣ кураи сиришти Шуморо, ба ғайр аз аҳли дину ирфон ва тасаввуф, ки ҳамроҳашон будед, шакл дода будааст? Ин тоифа дар мақолаашон дину диндорӣ, суфизму суфигароиро чунон тавсиф мекунанд, ки гӯё дину ирфон ба зиндагии одамон новобаста аз худи онҳо ба таври муъҷизавӣ ворид шуда бошад. Чунин мулоҳизаронии ханнотона (спекулятивӣ) кӯрназарии худи аҳли таҳлилу таҳқиқ аст. Дар зиндагии одамон дину ирфон новобаста аз худи онҳо ва бе иштироки онҳо ворид намешавад, ягон дину ирфон бе худи одамон вуҷуд дошта, ба майнаи онҳо ворид шуда наметавонад. Тасаввуроти таҳлилиён дар бораи дину ирфон фаталистӣ, азалӣ ва фармуди тақдир аст. Ин тасаввуроти худро ҳақ бароварда, боз менависанд: «Дуруст аст, ки бунёди ҷаҳонбинии мо бо амри таърих (ба ҷиҳоду ғазовати арабҳо – СН), динӣ шуда, вале дар чаҳорчӯби ин ҷаҳонбинии динӣ, ки дар ҳаёти моддию (?) маънавии мо русухунуфуз кардааст, афкори фалсафӣ, ирфонӣ, ахлоқӣ, назари зебошиносӣ (эстетикӣ), ҷомеашиносӣ, инсоншиносӣ, кайҳоншиносӣ ва ғайраро дорем, ки онҳо низ огӯшта ба диданд, ҳатто ақидаҳои табиию (?) илмии (натурфалсафии) мо рангу бӯи динӣ доранд» (с. 111). Ин «рангу бӯи динӣ»-ро ба онҳо кӣ додаст? Рангу бӯй додан ба ақидаҳои илмию табиатшиносӣ субъектҳои худро дорад, ки бешак таҳлилиёни имрӯзаи мо аз ҷумлаи онҳоянд. Агар ислом ба гардани мардуми мо бо роҳи зӯрӣ, ғазовату ҷиҳод бор карда намешуд, бо ин роҳ арабҳои сусморхӯру малахшикор фарҳанги миллии моро хароб намекарданд, мо имрӯз дар сатҳи дигари инкишофу илму маърифат мебудем. Бо ислом андоза ва муайян кардани зиндагии мо хатои бахши-



дананшавандаи аҳли таҳлил аст. Аҳли таҳлилу таҳқиқ ҷаҳонбинии имрӯзаи мардумро ба исломи ирфони исломӣ нисбат дода, дар бораи омилу қонуниятҳои инкишофи дунявии он муҳр ба даҳон задааст, намедонад ё ки намехоҳад донад, ки ҷаҳонбинии мо пайдоиши тоисломӣ ва ғайриисломӣ дошт ва имрӯз ҳам танҳо ба ислом асос наёфтааст. Таҳлилиён «ҷаҳонбинии мо бо амри таърих динӣ шуд» гуфта, ба таърихи миллии мо самти фаталистӣ ва мистикӣ медиҳанд. Онҳо намефаҳманд, ки «амри таърих» гуфтан, ба дасти «таърих» супоридани фаъолияту муносибатҳои ҷамъиятии ҳамеша дар ҳаракату тағйирёбӣ карордоштаи фаъолияти ҷамъиятии одамон аст ва бо ислом андоза кардани онҳо абстраксияҳои пуч ҳастанд, ки бо чунин суханпардозӣ муаллифони гумноми мақола ҳаннотӣ мекунанд. Онҳо намефаҳманд, ки таърих пеш аз ҳама таърихи худи одамон аст, маҳз фаъолияту муносибатҳои ҳаррӯзаи худи одамон мазмуну самтҳои асосии пешрафти таърихро муайян мекунанд, онҳо субъекти таърихи худ ҳастанд. «Таърих»-ро қувваи беруна ва мистикӣ ҳисобидани онҳо тасаввуроти илмӣ нест. Таҳлилиён намефаҳманд, ки «таърих» (сухан дар бораи таърихи инсоният ва ҷамъият меравад), ба ҳамон андоза таърихи инсонӣ мегардад, ки ба ҳамон андоза инсон инсони таърихӣ аст, ё ки ҷамъият ҷамъияти инсонӣ ва инсон инсони ҷамъиятӣ хоҳад буд. Таҳлилиён инсонро берун ва новобаста аз ҷамъият дар куҷо дидаанд? Динро берун аз ҷамъият ва дур аз доираи инсон аз куҷо пайдо карданд? Берун аз таърих? Ҳеҷ гоҳ! Инсон ва ҷамъият бо кулли қонунияту сифатҳои худ мавҷудияту инкишофи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маданиву фарҳангӣ худро дар доираи дин (гӯё дин ҷаҳонбинӣ ва шакли шуури пеш аз ҷамъият вуҷуддоштае бошад) бунёд насохтааст, баръакс, дин зодаи инсону ҷамъияти инсонӣ аст. Аз ин рӯ, онро инсону ҷамъиятсоз ҳисоб карда, аз ҷамъияту инсон боло гузоштан мумкин нест. Фаъолияти инсонҳо ҳамеша характери таърихию ҷамъиятӣ дошта, бидуни фаъолияти ҳаётию ҷамъиятии одамон таърих тасаввурнопазири аст. Ва баръакс, таърихи ҷамъиятро – бе



DENOV TADBIRKORLIK
VA PEDAGOGIKA
INSTITUTI ARM
№ 30929

инсон. Ҳаргиз таърих умуман ва хосатан таърихи миллӣ аз
дину эътиқоди динӣ оғоз нашудааст. Дину диндорӣ ҳолати
азалӣ ва абадӣ додашудаи ҷамъияти инсонӣ нест. Дин
фақат эътиқод аст, бунёдгару созандаи таъриху ҷамъият
набуда, танҳо як паҳлуи маънавияти дар давраи муайяни
таърихӣ пайдошудаест, ки ба тамоми маънавияти инсонӣ
баробар нест.

Таҳлилиён исломро азалияту абадияте мефаҳманд, ки
насиби инсонҳо гардида будааст ва ба он ҳамчун тақди-
ри азалӣ бояд тан дод, чунки «амри таърих» ҳамин хел
аст. Чаро таҳлилгарон бефаҳмиҳои худро бо «амри
таърих» ҳақ баровардани намешаванд? Ба ин монанд
мулоҳизаронихои аҳли таҳлилу таҳқиқ дар мақола ва
навиштаҳои дигари онҳо нишон медиҳад, ки онҳо
нафақат дар хусуси дину ирфон ва мақоми онҳо дар
ҷамъият ва зиндагии одамон, балки дар бораи
масъалаҳои оддитарини ҷамъиятшиносӣ ҳам саводи за-
рурӣ надоранд. Таърих дар ҷамъият ва зиндагии одамон
чунин маҷроёбии замон аст, ки мазмуни воқеии онро
фаъолияту муносибатҳои созандаи худи одамон, худо-
зии худи онҳо ташкил медиҳад. Ин «протсесси таърихии
инсонро» (Маркс) ба дину ирфон нисбат додан, дину
ирфонро аз он боло донистан ё ба онҳо бартарӣ додан
ҳам бесаводӣ ва ҳам кӯрназарии таърихии таҳлилгарон
аст. Таърих (таърихи маданӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ) таъри-
хи инсонҳои ҷамъиятӣ ва ҷамъияти инсонӣ мебошад.
Онро бо ислом муайяну андозагирӣ кардан мумкин нест.
Дар таъбиру тасаввуроти аҳли таҳлилу таҳқиқ «таърих»
бе иштироки худи одамон муқаррароту арзишҳои ин-
сонӣ, андешаю афкори фалсафӣ, динӣ, ирфонӣ, умуман
зиндагии моро муайян мекарда будааст.

Ҷанобон аҳли таҳлилу таҳқиқ! Агар шумо олиму фай-
ласуф бошед, паҳлуҳои дигари ҳаёти ҷамъиятӣ, соҳаҳои
мухталифи зиндагӣ ва самтҳои гуногуни маърифати ин-
сониро аз дин фарқ кунед. Вале шумо онҳоро бохам
омехта сохтед, зиёда аз он, тобеи дину ирфон гардондед.
Дар ин бобат шумо аз паси рӯҳониён меравед, ҳарчанд



ки унвонҳои илмӣ доред. Як фикр кунед, ки чӣ кор ме-
кунед, ба имкониятҳои илмӣ-назариявӣ ва фалсафӣ-
методологии худ аҳамият диҳед: аз мақолаи дабдабано-
ки шумо бармеояд, ки дар масъалаҳои назариявӣ-
методологӣ маҳорат ва саводе надоред. Олами моддиро
шабаҳи динӣ пӯшонида, ба он мундариҷаи динӣ
надиҳед. Олами моддӣ диндорбуда наметавонад ва вақте
шумо ба олами моддӣ мақоми динӣ медиҳед, хандаовар
аст. Гумон набаред, ки узви вобастаи Академияи илмҳо,
доктору номзадҳои илмҳои фалсафа ҳастед ва ин ба шу-
мо имконият медиҳад, ки ҳамаи проблемаҳои оламро аз
мавқеи ислом ҳал кунед. Дину диндорӣ ҳеҷ вақт ба
«протсесси таърихии» инсон баробар набуд ва баробар
буда наметавонад.

Сарфи назар аз даъвоҳои ҳамалонии худ, таҳлилгарон
ингуна имконияти пеш гузоштани динро аз худи «протсес-
си таърихии» одамон надоранд, чунонки дар бораи
илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва оламшиносӣ маълумоти махсус
надоранд. Вале даъво доранд, ки аз дину ирфону мистика
ҷамъияту оянда месозанд. Аз мақола ва дигар навиштаҳои
онҳо маълум мегардад, ки дар байни олимони академӣ
доктору номзадҳои илми бесавод бисёранд.

**Инчо маиро лозим меояд арз кунам, ки муҳаққиқе чун профессор Хаёлбек Додихудоев миёни мутахассисони таърихи фалсафаи тоҷик яке аз муҳаққиқони нуктасанҷ аст. Асарҳои эҷоднамудаи ӯ ҷавҳари аслии илмӣ дошта, танҳо аз тафсиру тавзеҳоти муқаррарию забонзада иборат набуда, балки низоми таҳлили илмӣ ва методию назариявии ӯст. Мутаассифона, дар миёни муҳаққиқони муосири таърихи фалсафаи тоҷик чунин сифатҳо камтар ба назар мерасанд.**

Таҳлилиён ману Ҳ. Бобоёровро айбдор карда, мегӯянд, ки «аҳамияти таърихи фалсафаи тоҷикро ҳамчун илм но-
дидагирифта, ба он хатти бутлон мекашанд, хизмати муҳаққиқони фалсафаро (?) ба зери суол мегузоранд ва таърихи фалсафаи тоҷикро бо «теологизатсия»-и ҷомеаимуосири тоҷик гунаҳкор месозанд ва то ҷое пеш-

чиход менамоянд (?), ки аз мероси фарҳангии замони ис-
лом бояд даст кашид» (с. 107). Ин чо беасллона мулоҳиза
роила, теологизатсияи таърихи фалсафаро аз «теологизат-
сияи ҷомеаи ҳозираи тоҷик» фарқ карда наметавонанд.
Агар онҳо аклу фаросати таҳлилгарӣ дошта бошанд, бояд
андеша кунанд, ки ҷамъиятро ҳамчун ҷамъият теологизат-
сия кардан мумкин нест, чунки ҷамъиятҳеҷ вакт аз дину
диншиносӣ, тагу рӯкуши он иборат набуд ва буда намета-
вонад. Наход ки ҷамъият ғайр аз дину диндорӣ ва аз
мавкеи теологӣ муайян кардан чизи дигаре набошаду ягон
сохтору зуҳуроти дигар надошта бошад? Агар онҳо аҳли
илм мебуданду кобилияти таҳлилгарӣ медоштанд, бояд
андеша мекарданд, ки ҳамаи сохторҳои ҷамъиятро теологӣ
кардан мумкин нест. Дар ҷамъият сохторҳое ҳастанд, ки ба
теологикунонӣ дода намешаванд, масалан: истеҳсолоту
иктисодиёт, кувваҳои истеҳсолкунандаи моддӣ, олоту во-
ситаҳои истеҳсодӣ, техника ва технология.

Дар ин мулоҳизаронии эклектикии худ аҳли таҳлили
гумном масъалаҳо ва мафҳумҳое, ки ҳар яке аз онҳо
мазмуну маънои хоси худро дорад, ба сабаби нодонии
худ омехта сохтаанд. Дар ин гуфтаашон таҳлилиён (анали-
тикхо) фалсафаро аз таърихи фалсафа, теологизатсияи
таҳкикотҳои таърихи фалсафа, ки кори худи онҳо аст, аз
теологизатсияи ҷамъияти муосири тоҷик, фарқ намегузо-
ранд. Муаллифони макола, яъне «шуъбаи таърихи фалса-
фа» (чунонки онҳо ба худ ном гузоштаанд) бо «хиради
фалсафиашон» бемантикии баён ва нигориши ғайривоке-
ию ботилиилмии худро фош месозанд, на «акидаҳои нодy-
русти» оппонентҳоро. «Мероси фарҳангии тоҷик» танҳо аз
фарҳанги бо ном «замони ислом» иборат набуд ва буда
ҳам наметавонад. Тоҷикон то ислом ва дар замони ислом
низ фарҳанги ориёнаи миллии худро доштанд, ки баъд аз
ҳукмронии 1300 солаи ислом ҳам вуҷуд дорад ва дар ин-
кишоф аст. Ва бояд гуфт, ки ин фарҳанг дар гузашта ҳам
аз ислом боло меистод, ҳарчанд ки ислом тамоман ҷои он-
ро гирифта, онро иваз кардан мехост. Фарҳанги тоҷик,
сарфи назар аз кӯшишҳои исломигардонии он имрӯз ҳам



эҳё мегардад. Ҳадду ҳудуд ва нахлуҳои нав пайдо карда истодааст. Муаллифони макола – «Шуъбаи таърихи фалсафа» менависанд, ки дар атрофи «мероси фалсафии тоҷик ва саҳми муҳаққиқони таърихи осори фалсафӣ вокунишҳои зиддиятнок ва мутанокиз ба амал омада истодаанд, ки нигаронии доираи файласуфону олимони соҳаи таърихи фалсафаро (олимони соҳаи таърихи фалсафа не, балки олимони соҳаи таърихи фалсафаи тоҷикро, чунки ин охириҳо наметавонанд муҳаққиқони тамоми «соҳаи таърихи фалсафа» бошанд – С. Н. ) ба вуҷуд оварда истодаанд» (с. 107).

Бехтар мебуд муаллифони гумном сабаби «вокунишҳои зиддиятнок ва мутанокиз»-ро худ таҳлил мекарданд. Андешаи мо ин аст: Сабаб дар сохтакориҳо ва ба ислом яктухт гардонидани таърихи фалсафаи тоҷик, ба он самти динӣ-исломӣ додани худи «олимони соҳаи таърихи фалсафаи тоҷик» мебошад. Онҳо ин амали сохтакоронаи худ, модернизатсияи таърихи фалсафаи тоҷикро фаҳмидан намехоҳанд, чунки ин кори худи онҳо аст, танкиди ин амали онҳо аз ҷониби оппонентҳо онҳоро ба доду фиғон овардааст ва онҳо илоҷи аз кайди ин сохтакории худ баромаданро надоранд.

Дар навиштаи муаллифон – Шуъбаи таърихи фалсафа, ки дар боло иктибос шуд, мушоҳида мешавад, ки дар майнаи онҳо як гардише ба амал омадааст: то чоп шудани ин маколаашон худро «файласуф», яъне мутахассисони фалсафа ҳисоб мекарданд. Дар ин маколаашон худро «олимони соҳаи таърихи фалсафа» мегӯянд. Ҳарчанд ки дар баҳогузорӣ ба онҳо чун мутахассиси вокеӣ итминон камтару шубҳа бештар аст. Онҳо «Олимони соҳаи таърихи фалсафа» нестанд, чунки умуман «таърихи фалсафаро» таҳкиқ намекунанд ва таҳкики «таърихи фалсафа» кори 6-7 кас нест ва аз ӯҳдаи ин кор баромада наметавонанд. Ин муаллифони гумном ва ин муаррификунандагони шуъбаи таърихи фалсафаи тоҷик худро чунон донишмандони универсалӣ нишон медиҳанд, ки гӯё таҳкики умуман таърихи фалсафаро ба ӯҳда доранд. Вале сарфи назар аз ин қахра-

монӣ ва донишмандӣ аз ӯҳдаи ин кор, ки ҳазорҳо таърихчиёни фалсафа иҷро мекунанд, баромада наметавонанд. Онҳо фақат муҳаққиқони таърихи фалсафаи тоҷиканд ва фақат дар сатҳи бечорагӣ ва кашшоқии фалсафишиносии худ. Аз худ чӣ хел қаҳрамониҳое, ки нишон надиҳанд, ҳамадонҳои таърихи фалсафаи ҷаҳонӣ буда наметавонанд. Қаҳрамониҳое, ки онҳо аз худ нишон медиҳанд, лофзанӣ, сохтакорӣ ва хусусияти психологии онҳо аст, ки худро ҳам файласуф ва ҳам таърихчиёни фалсафаи ҷаҳонӣ ҳисоб мекунанд. Худ намедонанд, ки файласуфанд ё тафсиргарону шореҳони таърихи фалсафа.

Дар мулоҳизаҳои танқидии ман ва Ҳафиз Бобоёров сухан дар бораи мундариҷаи теологии таҳқиқотҳои шуъбаи таърихи фалсафаи тоҷик меравад, на умуман теологизатсияи ҷамъияти ҳозираи тоҷик. Дар ин ҷамъият ғайр аз ислом рӯйдоду протсессҳо ва муносибатҳое вуҷуд доранд ва ба амал омада истодаанд, ки исломӣ нестанд, онҳоро теологизатсия гуфтан хатост. Бо теология ҷамъият сохтан мумкин нест, баръакс, ҷамъияте, ки ҷаҳонбинию маънавиёти он ба теология асос ёфтааст, аз инкишоф бозмемонад, рӯ ба гузашта дорад. Ҳарчанд ки прогресси техногенӣ ва талаботу заруриятҳои истеҳсолоти ҷамъиятӣ ҳама гуна надстройкаи ба идеологияи динӣ бунёд ёфтаро дер ё зуд рахна месозад.

Аҳли таҳлилу таҳқиқи академӣ аз ин рӯйдоду тағйиротҳое, ки дар ҷамъияти муосири тоҷик ба амал омада истодаанд, чашм пӯшида, беҳуда ману Ҳ. Бобоёровро айблор мекунад, ки гӯё ба ақидаи мо «аз мероси фарҳанги замони ислом бояд даст кашид, то ки ҷомеаи тоҷик пешрафт кунад» (с. 107). Дар ин маврид аҳли таҳлилу таҳқиқ дурӯғ ва сохтакорӣ мекунанд, хонандагонро фиреб медиҳанд, то ки ақидаҳои теологии бардурӯғи худро ҳақ бароранд. Вале мо фарқи байни теология ва пешравии ҷамъиятро мефаҳмем, чунки ҳисоб мекунем, ки теология ва пешрафти ҷамъиятро дар як қатор гузоштан мумкин нест. Вақте ки таҳлилиён аз номи мо мегӯянд, ки «аз мероси фарҳангии замони ислом бояд даст кашид», худашон



маънои ин гапи гуфтагиашонро нафаҳмидаанд. Ягон фарҳанги миллӣ, ҳатто дар давлатҳои бо ном «исломӣ» ба ислом баробар нест. Ҳар як фарҳанг самту зуҳуроте дорад, ки аз ислом ба вуҷуд наомадаанд, бинобар ин мафҳумҳои «ислом» ва «фарҳанг»-ро аз ҳамдигар бояд фарқ кард.

Таҳлилиён маънои худи «замони ислом»-ро ҳам нафаҳмиданд. Дар замони бо ном исломӣ фарҳангу маънавияте вуҷуд доштанд, ки алтернативаи ислом буданд. Агар аз таҳлилиён пурсед, ки дар зери мафҳуми «Замони ислом» чиро мефаҳманд, раҳгум мезананд ва ба ин савол ҷавоби айниятнок дода наметавонанд, фақат суханбозиҳои беҳуда ва бемаънӣ мекунанд. Ҳар як фарҳанг дар ҳастии таърихӣ ва миллии худ ва қонуниятҳои объективии инкишофи худ аз ислом бармеоянд ва аз он фарқ дорад. Мафҳуми «замон»-ро дар кадом андозаи объективии он нагирем, моли ислом нест. Ислом дар замони муайян ва ин ҳам бошад дар як мамлакати алоҳида пайдо шуда буд, тамоми замону оламро фарогир набуд ва фарогир буда наметавонад.

Таҳлилиёни шамоловӣ ҳеҷ намефаҳманд, ки дар фарҳанги инсонӣ ислом падидаи пешбару муайянкунанда набуда, онро ба фарҳанги халқу миллатҳои дигар бо роҳи зурӣ ворид кардан «фармуди тақдир» нест. Таҳлилгарони «академӣ» фаромӯш кардаанд, ки аз ҷониби арабҳо забткориюю ғоратгариҳо, нест кардани фарҳанги миллии халқу миллатҳои дигар ва ҷорӣ сохтани фарҳанги биёбонии худ дар байни ин халқу миллатҳо кифоя аст, ки боз ба он барнагардем. Вале ин кӯрназарии таърихии онҳост.

Ҷанобони аҳли таҳлилу таҳқиқ! Оҷизу бе хотираи таърихӣ будан лозим нест. Ба харобкориҳою нобудсозиҳои арабӣ-исломӣ дар мамлакати худ ва кишварҳои дигар амиқтар назар андохта, ҳақиқати таърихиро зери пардаи ислом нагузоред. Агар шумо олим бошед, ҳақиқатро ба ҳамон тарзе қаламдод кунед, ба кадом тарзе ки он вуҷуд дорад ва ҳаст. Таърихро бо ислом рӯпӯш кардан аломати олимӣ не, балки кӯрназарии таърихӣ аст. Шумо бо майна-

атон ё бо ягон ҷои дигаратон фикр мекунед? Агар шумо олиму муҳаққиқи воқеӣ бошед, ба протсессҳои ҷамъиятӣ, ки дар ватани мо ҳоло ба амал омада истодаанд, назари илмӣ дошта, ба ин пешрафти истиқлолбори иҷтимоӣ, иқтисодию фарҳангӣ аз мавқеи ислом баҳогузорӣ накунед. Замоне ки шумо онро «замони ислом» мегӯед, фақат замони ислом набуд ва тобеи ислом ҳам буда наметавонад. Замон аз ислом барнамеояд ва ислом рафти объективии замонро низ бекор карда наметавонад, ки замонро «исломӣ» гӯем. Замони таърихӣ дар ҳар як марҳилаи инкишофи инсоният дар натиҷаи фаъолияти худи инсонҳо самт ва мазмуни нав мегирад. Таълимоти ислом бошад аз рӯзҳои аввали пайдоишаш то ҳозир ягон догма, ягон сатри навиштаҷоти худро тағйир надодааст, онро ба сифати конститутсияи кулли инкишофи умумиинсонӣ муайян кардан ба ҳақиқати таърихӣ рост намеояд.

Аз мавқеи ислом муайян кардани таърихи фарҳанги тоҷик, ки ба «нафаҳмидани» он таҳлилиён ману Ҳ. Бобоёровро айбдор мекунанд, кӯтоҳназарӣ ва бефаҳмии худи онҳо аст. Протсессу муносибатҳои ҷамъиятро бо ислому тасаввуф андозагирӣ ва муайян кардан инкор кардани қонуниятҳои объективии инкишофу пешравии он аст. Аҳли таҳлилу таҳқиқ чунон «файласуфон» ҳастанд, ки ҳақиқати таърихиро аз ислом фарқ карда наметавонанд. Ҷанобони аҳли таҳлилва таҳқиқ агар шумо олиму файласуф бошед, ба пешрафти ҷамъияту фарҳанг аз мавқеи ислому тасаввуфу ирфонбаҳо надиҳед. Замоне, ки шумо онро «замони исломӣ» мегӯед, фақат замони исломӣ набуд ва аз ислом пайдо нашудааст. Замони ҳозира ҳам фақат замони исломӣ нест. Замон, агар онро аз мавқеи меъёру андозаҳои табиӣ-таърихӣ, иҷтимоӣ ва ғайраи он гирем, замони тағйирёбиҳои беохир, бунёдкорӣ, созандагӣ ва дигар протсессҳо ҳам дар табиат, ҳам дар ҷамъият аст ва дину ирфон қувваи муайянкунанда ва пешбарандаи онҳо нестанд.

Орзӯи аҳли таҳқиқ дар хусуси исломигардонии ҷамъияти ҳозираи Тоҷикистон ва аз худ муҳаққиқони таърихи



умумии фалсафа сохтан хаёлпарастии худи онҳо аст. Теологизатсияи ҷамъияти муосири тоҷик, чӣ хеле аз мақола ва дигар навиштаҳои онҳо бармеояд, иҷронашаванда аст. Замона дигар аст – замонаи ҷорӣ кардани ислому забткориҳои исломии гузашта нест, на замонест, ки онро замони ислом гӯем. Фарҳангу тамаддун ва муносибатҳои ҷамъиятие, ки дар зиндагии имрӯзаи одамон пешбарандаанд, намегузоранд, ки ислом омили муайянкунандаи ин зиндагӣ ва тамаддуни имрӯза бошад. Онро бо назариябозиҳои аҳли таҳқиқ ба омили шартӣ ва муайянкунандаи пешрафти тоҷикон қабул кардан мумкин нест.

Муаллифони мақола – «шуъбаи таърихи фалсафа» ману Ҳафиз Бобоёровро айбдор мекунанд, ки мо тартиботи исломии ҷамъиятро рад мекунем, ба хотири он ки «ҷамъияти муосири тоҷик пешрафт кунад». Магар ин фикри мо хатост? Ман дар ин ҷавобам ба таҳлилгарони академӣ масъаларо таври дигар мегузорам: Оё бо муқарраароти ислом ҷамъияти муосири тоҷик пешрафт карда метавонад? Шумо, таҳлилиён, дар тӯли ҳукмронии ислом дар мулки мо ягон пешравии ҷамъиятиеро дидед ва оё онро номбар карда метавонед? Канӣ бинем, чӣ далелҳое доред, кадом пешравиҳоро номбар карда метавонед, то исбот созед, ки ислом боиси пешрафти Тоҷикистон гардад. Ба ин саволҳо ба ғайр аз суханпардозиҳои ирфонӣ-мистикӣ ҷавоби айниятнок дода наметавонед, чунки санаду далелҳои исботкунанда надоред. Шумо дар зери пардаи исломy ирфон инсонҳоро ҳамчун бунёдгарону созандагони зиндагии ҷамъиятии худ фаромӯш сохтед. Ҷанобон, наход шумо нафаҳмед, ки олимон, иқтисодиёту илму техника ва меҳнати бунёдкоронаи инсонҳо пайдоишу қонунҳои исломӣ надошта, ба он эҳтиёҷ ҳам надорад. Ислом дар тамоми давраи мавҷудияти худ на фақат боиси тараққии ҷамъият нашудааст, балки барои худаш ҳам ягон пешрафт накардааст, таълимоту догмаҳои он дар давоми 1400 соли мавҷудияташ тағйир наёфта, ҳамон тавре ки дар гузашта буданд, ҳамон хел боқӣ мондаанд. Чӣ хел бо таълимоту муқарраароти исломии 1400-сола Тоҷикистони муосир

пешрафт карда метавонад? Барои фаҳмидани ин ҳақиқат ва исбот кардани он ақли солиму мефаҳмидагӣ лозим аст, на хаёлоту фантазияҳои ирфонӣ-мистикӣ. Ҷанобон таҳлилгарон – муаррификунандагони «Шуъбаи таърихи фалсафа», бигузоред, ки ислом- ислом бошад, аз он ҷамъияти нави тоҷикӣ ва пешрафти ҷамъиятӣ насозед. Ин кӯшиши шумо хандаовар аст.

Аз ислом абадияти замонӣ сохтан мумкин нест. Категорияи «Замон» ва истилоҳи «Ислом» аз ягон нуктаи назар ҳаммаъно набуданд ва буда наметавонанд. Замон аз ислом ва дар ислом пайдо нашудааст. Замони ҳозира ҳам фақат замони ислом нест. Замон фарогири тамоми олами моддӣ (материалӣ), олами ҳастӣ, протсессу рӯйдодҳо, маҷроёби таърихи инсонӣ, иҷтимоият, фарҳангу тамаддун аст. Таҳлилгарони абдуллозодагӣ, ҳарчанд ки кафки даҳон бароварда, худро файласуф ҳисоб мекунанд, дар бораи категорияи «Замон»фаҳмиши фалсафӣ надоранд. Онро бо истилоҳи «Ислом» омехта сохта, моҳияти онро ҳамчун протсесси табиӣ-таърихӣ нафаҳмиданд. (Дар ин хусус, вобаста ба гуфтаҳои дигари онҳо ман боз бармегардам). Ислом фарогири тамоми Замон нест, дар як марҳилаи муайяни замонӣ пайдо шудааст ва абадӣ вуҷуд дошта наметавонад. Фарогири тамоми «Замон» ба маънои категориявӣ ва институтсионалии он нест. Замон абадӣ, нестнашаванда аст. Замон дар ниҳояти кор исломро фурӯ мебарад, чунки он абадияти ҳастӣ ва замонро надорад. Муайянкунанда на он аст, ки инсон эътиқоди динӣ дорад, балки он аст, ки олами ҳастӣ вуҷуд дорад. Ин олам новобаста ва пеш аз ислом вуҷуд дошт ва ҳастии он абадӣ ва ба охир нарасанда аст, инсон дар он пайдо шудааст ва кору зиндагӣ мекунад. Вуҷуд доштан, кору зиндагӣ кардан дар олам, дар макону замон. Ҳастии олам дар замону макон танҳо дар доираи муносибатҳои бешумору канданашаванда бо олам сурат мегирад, зеро инсон берун аз олам, макону замон пайдо шуда, фаъолияту зиндагӣ карда наметавонад. Инсон бе ислом ба дунё омада, кору зиндагӣ карда метавонад, вале берун аз макону замон вуҷуд доштаю кору зиндагӣ карда



наметавонад. Зарурияти маърифати айниятноки илмии олам, ошкор сохтан ва аз худ кардани олам дар ислом дода нашудааст ва ислом ҳамчун дину эътиқод ба ингуна маърифат қодир нест, чунки он фақат эътиқод аст, на олам, на замон ва на макон. Динҳо, чи хеле ки таърих шаҳодат медиҳад, пайдо шуда аз байн мераванд. Эътиқодҳои динӣ не, фақат маърифати илмии олам сирру асрори оламро ошкор сохта, ғановати оламро ба хизмати инсон мегузорад. Ислом ва динҳои дигар зодаи ин ё он давраҳои таърихӣ буда, дар марҳилаи муайяни замонӣ пайдо шудаанд. Наход шумо нафаҳмед, ки замон барнагарданда буда, ислом муродифи замон нест. Исломи ҳозира хеле заифу нотавон аст, иқтидори асримиёнагии худро гум кардааст, онро ҷаҳонбиниҳо ва ҷаҳоншиносиҳои нав рӯз то рӯз танг карда истодаанд.

Дар фазои ҷаҳонбиниҳои нав қудрати устувори маънавиро пешниҳод карда наметавонад, аз ин рӯ, ба зӯрию таҳдид, терроризму хунрезии асримиёнагӣ рӯ меорад. Замони муосир ҷаҳонбинии нав, таълимоту тасаввуроти навро тақозо дорад ва ислом дар баробари ҷаҳонбиниҳои нав муқобилияти эҳсосшаванда нишон дода наметавонад. Таълимоту ҷаҳонбинии динӣ ба замони нав айниятнок набуда, замон ва макон аз ислом пайдо нашудаанд ва моҳияти исломӣ ҳам надоранд. Таҳлилгарони академӣ намефаҳманд, ки мавҷудияти одамон дар макону замон характери таърихӣ дорад, муносибатҳои ба замону макон доштаи одамонро дар ҳадду ҳудудҳои муқарраротӣ ислом ғунҷондан мумкин нест. Таваҷҷуҳ намоед боз ба як бемаънигии аз бемантиқиҳои дар боло зикршуда бадтари аҳли таҳлилу таҳқиқ: «Илми шарқшиносӣ (илми шарқшиносӣ дар кадом мамлакат ё мамлакатҳо? – С. Н) дар давоми солҳо ба вайрон кардани арзишҳои исломӣ ва тафриқаандозӣ дар ҷомеаи исломӣ (?) машғул буду халос» (107).

Пеш аз ҳама, аҳли таҳлил дар ин изҳороти худ чӣ гуфтанашонро намедонанд, ба илми шарқшиносӣ тӯҳмат мекунанд ва ягон далелу исботе надоранд. Дар

баёнияи онхо, ки «илми шаркшиносиба вайрон кардани
арзишхои исломӣ ва тафрикаандозӣ дар чомеаи исломӣ
машғул буду халос» маълум нест, ки дар кадом кишвар
ба вайронкорию харобкорӣ машғул будааст. Илми
шаркшиносӣ сохахои гуногуни чомеаи кишвархои
шаркиро омӯхта, проблемахои забоншиносӣ, таърих,
фалсафа, иктисодиёт, умуман самтхои мухталифи
фарханги шаркиро тахкик менамояд. Дар бахогузори
онхо бошад илми шаркшиносӣ танхо ба «вайрон карда-
ни арзишхои исломӣ» ва «тафрикаандозӣ дар чомеаи ис-
ломӣ» равона шуда будааст. Илми шаркшиносӣ чун ни-
зоми комили тахкикотхои илмӣ дар бисёр давлатхои та-
раккикардаи имрӯзаи чахон вучуд дошта, олимони
шаркшинос дастовардхои бузургеро дар омӯзиши ки-
швархои Шарк ба даст овардаанд. То ханӯз намунахои
бехтарини эчодиёти олимони шаркшинос сазовори мин-
натдорӣ ва сипосгузории ахли зиё ва равшанфикрони
вокеии кишвархои Шарк бокӣ мондааст. Аммо муалли-
фони макола – «шуъбаи таърихи фалсафа»-и точик дар
фаъолияти созандаи ин олимони бузург танхо вайронку-
нии арзишхои исломӣ ва тафрикаандозиро чустучӯ ме-
намоянд. Ин тоифа вайронкории илми шаркшиносиро
дар кадом «чомеаи исломӣ» дидаанд, намегӯянд ва агар
дида бошанд, онхоро номбар намекунанд ва нисбати ин
«вайронкорихо» андешахои подархаво мерониад. Охир,
чамъияти имрӯза куллан исломӣ нашудааст ва нест.
Тахлилгарони академӣ бо номи «Шуъбаи таърихи фал-
сафа»-и точик дар бораи вайронсозихои «арзишхои ис-
ломӣ» ва тафрика андозихои кадом як чомеаи абстрак-
тиву номаълуми исломие сухан ронда, бояд дар кучо,
дар кадом давлат ва дар кадом «чомеаи исломӣ» чой
доштани ин амалхо тасаввуроте дошта бошанд. Дар
айбдоркунихои илми шаркшиносӣ онхо ягон далели
муътамад надоранд. Аз охангi мулохизаронии онхо
маълум мешавад, ки ингуна тасаввурот надоранд, пас
дурӯғ мегӯянд, «обро лой карда мохӣ гирифтан» ме-
хоханд. Аз киноян онхо бармеояд, ки илми шаркшино-



сии точикро дар назар доранд, вале чуръате надоранд,
ки онро номбар кунанд ва осонтарин афкори нигили-
стии худро ба тамоми илми шаркшиносӣ равона месо-
занд. Онхо дар баходихии хеш ба илми шаркшиносӣ му-
носибати илмӣ надоранд, факат онро хамчун антиподи
«исломшиносӣ»-и Абдуллозода бо вайронсозии «ар-
зишхои исломӣ» ва «тафрикаандозӣ дар чомеаи исломӣ»
айбдор мекунанд. Илми шаркшиносӣ, ки «вайронкории
арзишхои исломӣ ва тафрикаандозӣ дар чомеаи исломӣ»
бошаду халос, пас ин илм дигар ягон корсро накардааст,
вайронкор «будаасту халос».

Таассуфовар аст, ки дар миёни «файласуфони» хамин
шуъба хатмкунандагони тахассуси шаркшиносӣ хам зи-
ёданд ва ин бахогузории онхо носипосӣ ва ношукрӣ ба
устодони бузургест, ки шояд замоне ба онхо хам таълим
додаанд.

Гумон меравад, ки ин тахлилиён бо кадоме аз шаркши-
носон бахс кардаанду бахсро бой додаанд, пас аз гӯштин-
гирӣ дар коғаз кахрамониашонро танхо бо чунин хукми
беарзише чун ибораи «буду халос» нишон медиханд. Кабл
аз он ки илми шаркшиносиро ба тарзи боло айбдор ку-
нанд, бояд акалан барои худашон маълум мекарданд, ки
дар бораи кадом тахкикотхои шаркшиносӣ ва доир ба ка-
дом мамлакатхо харф мезананд: тахкикотхои шаркшиносӣ
дар Япония, дар Хитой, Америка, Германия... ё дар
Точикистон? Бигузор ба ин эроди бесару по ва подархавои
ахли тахлил шаркшиносон чавоб гардонанд, агар ба чунин
«вайронкорихо» ва «тафрикаандозихо» рох дода бошанд.
Дар ин маврид ин шуъба – муаллифон аз мавкеи крети-
низми касбии худ мулохиза мерониад. Агар сухан аз вай-
роншавии ислом равад, бояд гуфт, ки тамоми протсессхои
чамъияти муосир, аз иктисодиёт сар карда то маънавият,
ба вайроншавии ислом мусоидат карда истодаанд. Чунки
ислом ба ягонтои аз ин протсессхо айнияту мувофикат
надорад. Ислом асоси бунёдии ин протсессхо набуд ва бу-
да наметавонад. Бинобар ин онро омили ивпавии чамъи-
ят гуфтан хатост.

Имрӯз «ҷомеаи исломӣ» гуфтан мӯд шудааст. Вале мафҳуми «ҷомеаи исломӣ» як абстраксияе аст, ки дар аслияти хеш моҳияти ҷамъияти гузашта ва ҷамъияти ҳозираро ифода карда наметавонад. Худи ислом дар ҷамъият пайдо шудааст, на ҷамъият дар ислом. Аҳли таҳлилу таҳқиқ, баръакс, аз ислом ҷамъияту дунё месозанд, ки ин албатта кӯрназарии илмии онҳо мебошад. Аз ислом ва аз рӯи таълимоти он иқтисодиёт, техника, технология ва дигар протсессҳои ҷамъиятӣ сохтан мумкин нест.

Ҷамъият чист ва ислом чист? Ҷамъият низоми куллии ҳамеша ташаккулёбандаи муносибатҳо, фаъолиятҳо, протсессҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маданӣ, фарҳангиест, ки таркиботи ҷамъиятро ташкил медиҳанд, онҳо зина ба зина муттасил тағйирёбанда ҳастанд, аз оғоз пайдоиши исломӣ надоштанд. Ҷамъиятро дар ҳудудҳои таълимоти ислом гунҷонидан номумкин аст. Ислом асоси бунёдии ҷамъият набуд ва буда наметавонад, худи он то ҷамъият ва берун аз ҷамъият ба вуҷуд наомадааст, дар марҳилаи муайяни таърихии ҷамъият пайдо шудааст. Ислом дар як мамлакати алоҳида ба вуҷуд омада буд, ки он на дар гузашта ва на дар замони ҳозира прогресси ҷаҳонӣ набуд ва нест. Бо роҳи ғазовоту ҷиҳод ва ҷангу ғорат дар баъзе мамлакатҳо ҷорӣ гардонида шудааст ва аз ин нуқтаи назар ҳам ҷаҳонгир эълон кардани ислом хатост. Агар дар кишвари исломие прогресс мушоҳида гардад, он ҳам бар асари аз маҳдудиятҳои динию таассуб берун шуданашон ва дар натиҷаи пазируфтани дастовардҳои илм ва технологияи муосир муяссарашон гаштааст.

Таҳлилиён намедонанд, ки дар таърихи фалсафа низоми мураттаби ташаккул ва инкишоф (ташаккулёбии системавӣ) ҳузур дорад ё не. Дар як ҷо мегӯянд, ки «таърихи фалсафа чун бахши алоҳида ва системанок ба вуҷуд омад» (с. 107), дар ҷои дигар аз файласуфону олимони дигар иқтибосҳои зиёд оварда (с. 107), бо ёрии онҳо ҳам мавқеи худро дар бораи системанок ва ё бесистема будани таърихи фалсафа муайян карда наметавонанд ва ин масъала барои онҳо ноаён ва муаллақ мемо-



над. Вале онҳо, агар ба мазмуни мақолаашон диққат диҳед, беҳудаашон талқин мекунанд, ки ин масъаларо «ҳал» кардаанд. Дар воқеият ин масъала дар фалсафа (системаҳо, системанокӣ дар олам) ҳалшуда аст. Таҳлилгарон онро бояд донанд. Чӣ хеле ки аз мақолаи онҳо маълум мегардад, онро намедонанд.

Системанокӣ (ташаккули бонизом) на фақат хоси тамоми олами материалӣ, протсессу рӯйдодҳои он, балки хоси шууру маънавияти инсонӣ ва мавҷудияти ҷамъият аст. Зуҳуроту падида, ҳодисаю рӯйдодҳои олам ва муқаррар шудани ашёю чизҳо низоми хос ва тартиботи муайянеро соҳибанд. Тарзи амал, раванди устуворию фаношавӣ ва ифшо гаштани онҳо низ ба қонуниятҳои хос ва низоми таркибии онҳо алоқаманд аст. Вале дар ин бора таҳлилгарони академӣ тасаввуроти устувору муайян надоранд, чунки дониши назариявӣ-фалсафиашон дар сатҳи хеле паст қарор дорад, ё дар бораи системанокӣ маълумоти комил ва назари илмӣ надоранд. Чунин муносибати онҳо ба таърихи фалсафа, албатта, надоштани маърифату қобилияти касбӣ доир ба ихтисоси худи онҳо – таърихи фалсафа мебошад.

Тафаккури таърихӣ-фалсафии таҳлилгарон ба фикрҳои мустақилу таҳлилҳои илмии худи онҳо не, ба принсипи «ин гуфт», «он гуфт» («ин мегӯяд», «он мегӯяд») асос ёфтааст. Худи онҳо чӣ мегӯянд, дар ин ё он масъала чӣ ақида доранд, барои хонанда номаълум мемонад. Усули тафсироташон (тавзеҳи фикри дигарон) чунин аст, ки дар фазои он ҳар чӣ ки пештар гуфтанд, баъдтар онро инкор ё дар шакли дигар такрор мекунанд. Мисоли равшани ин усули андешаронияшон гуфтаи зерини онҳост: «таърихи фалсафа таҳаввули системаҳои фикрӣ аст» (с. 107).

Дар мақола суханпардозиҳои зиёди эклектикӣ ҷой доранд, дар ин ҷо баррасӣ кардани ҳамаи он аз имкон берун аст. Лекин наметавонам дар бораи яктои дигари онҳо гап назанам. «Метафизикаи мутафаккирони тоҷикӣ ва исломӣ ба илм ва алалхусус, физикаи он замон такя мекар-

ланд (?) ва бо он муносибати мутақобила доштанд, ки ӣ... тахлили ин ду чихат фахмидани мохияти (?) таълимоти ин ё он файласуф ғайриимкон аст» (с. 108). Барои чӣ «ғайриимкон аст»? Барои он ки худи тахлилиён имконияту захирахои донистани ин ду чихати «фахмидани мохияти таълимоти ин ё он файласуф»-ро надоранд, аз доираи тасаввуроти махдуди худ берун баромада наметавонанд. Онхо намедонанд, ки физика ба маънои илм дар он вақт вучуд дошт ё не, «мутафаккирони тоисломӣ ва исломӣ» имконияти истифода бурдани онро доштанд ё не, муносибати мутақобилаи мутафаккирони тоисломӣ ва исломӣ ва физикаи он замон дар чӣ ва чӣ тавр зохир мешуд?

Робитаи мутақобилаи мутафаккирони (ё метафизикаи) тоисломӣ ва исломӣ ба физика ва илмхои он замон хело хам нигориши ачабулхилкатест, ки ин муаллифони гумном ба афсонахои бофтаашон тобиши илмӣ мехоханд бидиханд. Илми муосир, аз чумла физика хам ба маънои илм – чун қувваи истехсолкунанда танхо баъд аз асри 17 ташаккул ёфт. Ин тезис дар тамоми китобхои таълимӣ, аз чумла дар китобхои «Фалсафа ва таърихи илм» хар замон такрор мешаванд. Намунахои содда ва фарзияхои тахайюлии тасаввуроти физикӣ онро хануз илми воқеӣ нагардонидааст, хусусан дар замони тоисломӣ. Дар замони исломӣ он тасаввуроту андешахои физикӣ ва хама гуна афкори табиатшиносӣ (агар дар холити примитивию баркароршавӣ хам ки буданд) чун андешаи куфру бидъат эълон шуда, аз фазои иттилоотию маориф ронда мешуданд.

Ин масъалахоро онхо намедонанд, вале дар хусуси онхо суханбозӣ мекунанд. Махз ба хамин сабаб мегӯянд, ки «фахмидани мохияти таълимоти ин ё он файласуф ғайриимкон аст». Ин, албатта, фалсафа фурӯшии онхо аст.

Тахлилгарони академӣ, ин ки «мохияти таълимоти ин ё он файласуф»-ро намефахмед, чаро чунин масъаларо ба миён мегузоред ва дар бораи «таълимоти ин ё он файласуф» ханнотӣ мекунед?

Ахли тахлилу тахқиқ ба кадом масъалахои назариявии



фалсафӣ ва методологӣ, ки даст назананд, онро ё «халшуда» хисоб мекунанд, ё мегӯянд, ки халли он «ғайриимкон аст». Вале чунин муносибат ба масъалахои илмӣ ва фалсафӣ муносибати илмӣ ва тахлилӣ нест. Хар як масъалаи илмӣ ва фалсафӣ, чӣ қадар ки «халшуда» набошад, барои тахқиқотхои минбаъда масъалаи пӯшида нест. Онхо хело зиёд худбоваранд ва хисоб мекунанд, ки масъалахое, ки онхо даст задаанд, «халли охирини» худро ёфтаанд ва даст задани дигарон ба онхо хеч зарурат надорад. Вале хар як масъалаи илмӣ чӣ қадаре ки «халли худро» дар тахқиқотхои пешина наёфта бошад, барои тахқиқотхои минбаъда аз чониби дигарон манъ нест. Хар як масъала ва проблемаи илмӣ зухуроту пахлухои гуногун дорад, хамаи ин пахлухои онро хамон як мухаққиқ ошкор сохта наметавонад, онхоро мухаққиқони дигар хам метавонанд баррасӣ кунанд, онхо монополияи олимони алохида нестанд. Тахлилгарони мо бошанд чунин мепиндоранд, ки дар доираи таърихи фалсафаи точик масъалахои тахқиқнамудаи онхоро дигарон бояд даст назананд. Вале проблемахои илмӣ дар таърихи фалсафаи точик монополияи шахсии онхо нест.

Хайратовар боз он аст, ки файласуфон тахлилгарон «мохият»-ро дувалента (дучихата) мегӯянд. Вале хар як рӯйдоду ходисаи олам як мохият дорад. «Мохият» мисли абдуллозодахо якрӯяву дурӯя ва садрӯя нест. Мохият ягона аст, онро ба қисмхои абдуллозодагӣ чудо сохтан мумкин нест. Абдуллозода ва ахли тахлил наметавонанд аз мохияти худ мохияти гову гӯсфанд созанд ва ё баръакс, аз мохияти материализм ва атеизм мохияти исломи ирфон созад ва ё баръакс.

Ахли тахлил менависад: «Се мактаби фалсафӣ – машшоӣ, ишроқ ва хикмати мутаолиха, ки хар яке шомили таълимоти хастишиносӣ, маърифатӣ, кайхоншиносӣ, инсоншиносӣ, ахлоқӣ, эстетикӣ ва ичтимоию сиёсӣ мебошад, бояд тавассути муаррихони фалсафа омӯхта шавад» (с. 111). Агар муаррихони фалсафа, яъне «тахлилиён» аблах набошанд, чаро ин хел гапи бемаънӣ мегӯянд? Чаро «та-

данд (?) ва бо он муносибати мутакобила доштанд, ки ба
тахлили ин ду чихат фахмидани мохияти (?) таълимоти ин
ё он файласуф гайриимкон аст» (с. 108). Барои чӣ «гай-
риимкон аст»? Барои он ки худи тахлилиён имконияту за-
хирахои донистани ин ду чихати «фахмидани мохияти
таълимоти ин ё он файласуф»-ро надоранд, аз доираи та-
саввуроти махдуди худ берун баромада наметавонанд.
Онхо намедонанд, ки физика ба маънои илм дар он вакт
вучуд дошт ё не, «мутафаккирони тоисломӣ ва исломӣ»
имконияти истифода бурдани онро доштанд ё не, муноси-
бати мутакобилаи мутафаккирони тоисломӣ ва исломӣ ва
физикаи он замон дар чӣ ва чӣ тавр зохир мешуд?

Робитаи мутакобилаи мутафаккирони (ё метафи-
зикаи) тоисломӣ ва исломӣ ба физика ва илмхои он за-
мон хело хам нигориши ачабулхилкатест, ки ин муалли-
фони гумном ба афсонахои бофтаашон тобиши илмӣ
мехоханд бидиханд. Илми муосир, аз чумла физика хам
ба маънои илм – чун кувваи истехсолкунанда танхо баъд
аз асри 17 ташаккул ёфт. Ин тезис дар тамоми китобхои
таълимӣ, аз чумла дар китобхои «Фалсафа ва таърихи
илм» хар замон такрор мешаванд. Намунахои содда ва
фарзияхои тахайюлии тасаввуроти физикӣ онро хануз
илми вокеӣ нагардонидааст, хусусан дар замони тоис-
ломӣ. Дар замони исломӣ он тасаввуроту андешахои фи-
зикӣ ва хама гуна афкори табиатшиносӣ (агар дар хола-
ти примитивию баркароршавӣ хам ки буданд) чун ан-
дешаи куфру бидъат эълон шуда, аз фазои иттилоотию
маориф ронда мешуданд.

Ин масъалахоро онхо намедонанд, вале дар хусуси онхо
суханбозӣ мекунанд. Махз ба хамин сабаб мегӯянд, ки
«фахмидани мохияти таълимоти ин ё он файласуф гай-
риимкон аст». Ин, албатта, фалсафа фурӯшии онхо аст.

Тахлилгарони академӣ, ин ки «мохияти таълимоти ин
ё он файласуф»-ро намефахмед, чаро чунин масъаларо
ба миён мегузоред ва дар бораи «таълимоти ин ё он фай-
ласуф» ханнотӣ мекунед?

Ахли тахлилу тахкик ба калом масъалахои назариявии



фалсафӣ ва методологӣ, ки даст назананд, онро ё «хал-
шуда» хисоб мекунанд, ё мегӯянд, ки халли он «гайриим-
кон аст». Вале чунин муносибат ба масъалахои илмӣ ва
фалсафӣ муносибати илмӣ ва тахлилӣ нест. Хар як
масъалаи илмӣ ва фалсафӣ, чӣ кадар ки «халшуда»
набошад, барои тахкикотхои минбаъда масъалаи пӯшида
нест. Онхо хело зиёд худбоваранд ва хисоб мекунанд, ки
масъалахое, ки онхо даст задаанд, «халли охирини» худро
ёфтаанд ва даст задани дигарон ба онхо хеч зарурат надо-
рад. Вале хар як масъалаи илмӣ чӣ кадаре ки «халли худ-
ро» дар тахкикотхои пешина наёфта бошад, барои
тахкикотхои минбаъда аз чониби дигарон монъ нест. Хар
як масъала ва проблемаи илмӣ зухуроту пахлухои гуногун
дорад, хамаи ин пахлухои онро хамон як мухаккик ошкор
сохта наметавонад, онхоро мухаккикони дигар хам мета-
вонанд баррасӣ кунанд, онхо монополияи олимони
алохида нестанд. Тахлилгарони мо бошанд чунин менин-
доранд, ки дар доираи таърихи фалсафаи точик
масъалахои тахкикнамудаи онхоро дигарон бояд даст
назананд. Вале проблемахои илмӣ дар таърихи фалсафаи
точик монополияи шахсии онхо нест.

Хайратовар боз он аст, ки файласуфон –тахлилгарон
«мохият»-ро дуваленга (дучихата) мегӯянд. Вале хар як
рӯйдоду ходисаи олам як мохият дорад. «Мохият» мисли
абдуллозодахо якрӯяву дурӯя ва садрӯя нест. Мохият
ягона аст, онро ба кисмхои абдуллозодагӣ чудо сохтан
мумкин нест. Абдуллозода ва ахли тахлил наметавонанд
аз мохияти худ мохияти гову гӯсфанд созанд ва ё
баръакс, аз мохияти материализм ва атеизм мохияти ис-
ломи ирфон созад ва ё баръакс.

Ахли тахлил менависад: «Се мактаби фалсафӣ – машшо,
ишрок ва хикмати мутаолиха, ки хар яке шомили таъли-
моти хастишиносӣ, маърифатӣ, кайхоншиносӣ, инсонши-
носӣ, ахлокӣ, эстетикӣ ва ичтимоию сиёсӣ мебошад, бояд
тавассути муаррихони фалсафа омӯхта шавад» (с. 111).
Агар муаррихони фалсафа, яъне «тахлилиён» аблах
набошанд, чаро ин хел гапи бемаънӣ мегӯянд? Чаро «та-

вассути муаррихони фалсафа», на тасаввути мутахассисони самту соҳаҳои донишҳои илмиву фалсафии номбаршуда? Оё «муаррихони фалсафа» имконияту қобилияти омӯхтани илмҳои номбаршударо доранд, агар онҳо ба касалии бузургманишӣ гирифтор нашуда бошанд? Ҳеч гоҳ, чунки онҳо муаррихони фалсафаанд, на олимону мутахассисони ҳастишиносӣ, кайҳоншиносӣ, антропология (иншиносӣ), этика, эстетика, сотсиология (ҷамъиятшиносӣ) ва сиёсатшиносӣ. Аз чунин масъалагузории аҳли таҳлил- муаррихони фалсафаи тоҷик бармеояд, ки онҳо ба сабаби гирифтор будани худ ба касалии ҳозиракак номбаршуда, аз доираи ихтисоси худ берун баромада, худро «донишмандони» қариб ҳамаи соҳаҳои илму фалсафа ҳисоб мекунанд. Вале онҳо ҳеч вақт аз ӯҳдаи ин вазифаҳое, ки ба ӯҳдаи худ гирифтаанд, баромада наметавонанд, на тавассути фантазияву хаёлоти худ ва на тавассути ислому ирфон. Онҳо аз «ҳамадонии» худ сухан ронда ба хонанда вонамуд месозанд, ки дар ҳамаи илмҳои номбаршуда «донишманданд», вале дар асл дар ин илмҳо профан (бесавод) ҳастанд, дар назди хонандагон ва олимони дигар худро ҳамчун донишмандони энсиклопедӣ ба қалам медиҳанд.

Дар заминаи ин «се мактаби фалсафӣ» (машшоъ, ишроқ ва мактаби мутаолиҳа) онҳо ягон проблемаи ҳастишиносӣ, кайҳоншиносӣ, сиёсатшиносӣ ва илмҳои муосири дигарро мутаносиб ҳал карда наметавонанд, ба ҷуз аз худ қаҳрамонсозии беҳуда, чунки роҳҳои ҳалли ин проблемаҳоро дар ислому ирфону мистикаи исломӣ меҷӯянд. Ва боз чаро танҳо се мактабро ном мебаранд? «Муаррихони фалсафа» аз ирфону мистика дур шудан намехоҳанду равияҳои машҳури фалсафаи Шарқи исломӣ аз қабили калом (бузургтарин равияи динию фалсафӣ), исмоилия, тасаввуф, ихвон-ус-сафо, фалсафаи асҳоби ҳаюло ва ғайраро аз доираи «таҳқиқотҳои фундаменталиашон» дур кардаанд-ку?

Аз оҳанги фикри дар боло овардашудаашон чунин бармеояд, ки гӯё донишҳои таърихӣ-фалсафии онҳоро дигар олимон аз дасташон кашида мегиранд ва онҳо бенаво ме-



монанд. Ҷанобони таҳлилӣ нахаросед, он донишҳое, ки шумо доред ба ягон олими дигар лозим нестанд, онҳо донишҳои хосаи таърихӣ-фалсафӣ нестанд, донишҳои бо исломy ирфон ва мистика омехтаанд, ки онҳоро дар ҳамон шаклу намуде, ки шумо пешниҳод мекунед, ба ғайри худи шумо ба ҳеч кас зарур нестанд. Ягон файласуфи худашро ҳурмат мекардагӣ ба «моли» шумо суиқасду тамаъ надорад, чунки мисли шумо ба шарҳу тафсири артефактҳои донишҳои динӣ, ирфонӣ ва мистикии кайҳо боз кӯҳнашуда ва мурдаи барои имрӯз ба ҳеч кас нолозим машғул нестанд ва онҳоро аз шумо – ҳомиёни ин донишҳои мурда кашида намегиранд. Шумо дар илму фалсафа чунон қафомондаед, ки аҳли илму фалсафаи муосирро даъват мекунед, ки «назму низоми офариниши олам (?) ва дарки онро ба қолаби илмӣ… баррасӣ намудан зарур аст» (с. 111). Дар ин маврид шумо чунон кӯрназару қафомонда ҳастед ва намефаҳмед, ки илм қолабӣ нест, агар он қолабӣ мебуд, илм намебуд ва илм намешуд.

Эй кӯрназарони таҳлилгар, наход нафаҳмед, ки илм ҳамеша системаи кушода аст. Шумо дар илм чунон барҷомонда ҳастед, ки оламро мехоҳед дар сатҳи «идрок» маърифат кунед. Идрок як сатҳи маърифати ҳиссии олам аст ва бо худ тамоми маърифати инсониро иваз карда наметавонад. Ҷанобон таҳлилгарони академӣ! Ҳарчанд ки шумо як бор маълумоти олӣ гирифтед, боз як бор ба китобҳои дарсии фалсафа ва психология назар кунед ва барои худ маълум кунед, ки ба ғайр аз идрок шаклу зинаҳои болотари маърифати олам вуҷуд доранд ва онҳоро баъд аз номзаду докторҳои илми фалсафа шуданатон омӯзед.

Шумо дар илм чунон кӯҳнапараст ҳастед ва коҳи кӯҳна бод мекунед, ки мегӯед: «масоили фалсафӣ ва ирфонӣ комёбии системанокӣ (мо дар боло дидем, ки таҳлилгарон системанокии таърихи фалсафаро ноаён мондаанд) беш аз ҳазорсолаи мост, ки барои мо мерос гузоштанд» (с. 111). Ин меросро, албатта, ҳеч кас, инкор накардааст ва намекунад. Вале гап дар ин аст, ки бе бунёдкориву созандагиҳои нав ба нав бо ин мерос, ки бо ислому ирфону

мистика олӯда мебошад, ояндасозӣ номумкин аст ва аз ҳолати буҳрониву барҷомондагӣ, ки мо дар он ҳозир қарор дорем, берун баромадан мумкин нест. Он умеду орзуҳои динӣ, ирфонӣ ва мистикие, ки таҳлилгарон моро ба сӯи оянда мебаранд, хаёлоти пучи худи онҳост. Ман ба онҳо мегӯям: ҷанобон ирфониён, эҳтиёт кунед, мабодо мисли Иван Сусанини рус мардумро ба ҷангал баред. Ирфони «системаноки» шумо, ки барои шумо ба мерос гузоштаанд, ягон проблемаи инкишофи ҷамъияти имрӯзаи моро ҳал карда наметавонад. То ҳоло ба ягон кас, ягон халқу миллату давлат муяссар нашудааст бо ирфону мистика ҷамъият сохта бошад. Ҷамъиятсозӣ кори ирфонӣ нест. Ҷанобон ирфониён, ба атроф назар андозед, бинед, ки дар ҷамъияти ҳозираи мо чӣ рӯйдодҳои нав ба нав ба амал омада истодаанд, андеша кунед, ки ин рӯйдодҳо пайдоишу моҳияти исломӣ-ирфонӣ надоранд. Барои ҳамин ҳам боз андеша кунед, ки аз кадом мероси гузашта даст кашидан ва кадоми онро дастгирӣ ва давом додан зарур аст. Кулли мероси исломӣ ба пешрафти мо мусоидат карда наметавонад ва ҷамъиятсоз нахоҳад буд.

Таҳлилгарон чунон арабзада ва исломзадаанд, ки ниёгони худро аз арабҳо фарқ намекунанд. Вале мероси исломие, ки арабҳо ба мо «ба мерос гузоштанд», ягон масъалаи инкишофи ҷамъияти имрӯзаи моро ҳал карда наметавонад, онро ба асос гирифта, мо аз пешравие, ки ҳозир дорем, маҳрум мешавем.

Доктори илму членкору академик будан ва ба инкишофи ҷамъият аз мавқеи ислому ирфон баҳо додан барои таҳлилгарони академӣ айб аст. Академияи илмҳои Тоҷикистон мумкин ягона академияе бошад, ки дар он исломгароёну ирфониён членкору академик шудаанд («Механизмы» членкору академик шудан дар ин Академия дар китобҳои ман «Игры в науку» (дар ду ҷилд), «Наука: развитие или кризис» (2012) баррасӣ карда шудааст).

Таҳқиқотҳое, ки онҳо оид ба ислому ирфону таассуботи динӣ мегузаронанд, гузаштаи динии моро аз назари танқидӣ не, балки аз назари мусбӣ, ҳамду сано мекунанд.



Онҳо барои ҳақ баровардани беҳунарӣ ва бефаҳмии худ ба ҳарифони худ «супориш» медиҳанд, ки «монографияҳо, рисолаҳо ва мақолоти ходимони шуъбаи таърихи фалсафаро бо таълифоти рисолаҳо ва мақолаҳои олимони рус ва тарҷумаи олимони Ғарб ба забони русӣ муқоиса кунанд» (с. 110), то ки гуфтаву навиштаҳои бесаводонаи онҳоро «дуруст» фаҳманд ва онҳоро танқид накунанд. Албатта, миқдори аниқи «монографияҳо, рисолаҳо ва мақолот»-и навиштаи русҳо ва осори тарҷумашудаи олимони Ғарбро мо ҳарифон намедонем, ки ҳамаи онҳоро хонда таҳлилгарони бесаводи худро «ҳақ» барорем ва онҳоро танқид кунем. Вале мо ҳарифон бе олимони рус ва Ғарб ҳам фаҳмидем, ки таҳлилгарони мо то кадом андоза бесаводанд. Ба замми ин, таҳлилгарон ба як чиз аҳамият намедиҳанд: дар навиштаҳои онҳо ва олимони рус, дар асарҳои ба русӣ тарҷумашудаи олимони Ғарб ягон чизи муқоисашаванда ёфт мешавад ё не? Дар таълифоти таҳлилгарон ягон чизи муқоисашаванда бо таълифоти олимони рус ва Ғарб ёфт намешавад. Барои чӣ таҳлилгарон ба Москва ва Ғарб муроҷиат мекунанд? Барои он ки аз мақола ва дигар навиштаҳои худ боварӣ надоранд.

Ҳамон гапро дуюмбора такрор карда боз менависанд: «Агар ба ҳарфҳои мо бовар накунед, китобҳои дар Москва ва мамолики Ғарб чопшударо нигоҳ кунед» (с. 111). Усули таҳлили илмӣ ва таҳқиқотҳои бунёдии олимони русро, ки таърихи фалсафаро бо тамоми ҷузъиёти он арзёбӣ карда, назари муқоисасоз ва баҳогузории интиқодии худро пеш мегузоранд, ба ҳамду санои худ, ки онҷо таҳлили танқидию муқоисагузорӣ хело кам аст, баробар насозед. Вақте Асмус, Лосев ва Богомолов фалсафаи ҷаҳониро таҳлил мекунанд, назари шахсии илмӣ ва баҳогузории принсипиалии онҳо ҷилваи тобишноки афкори нави илмиро шаҳодат медиҳад, на тафсиру гавҳари беранг, бе интиқоду бе таҳлили Шумо. Як бор асари Бертран Рассел «Таърихи фалсафаи Ғарб»-ро чуқуртар хонед, эҳсос мекунед, ки таърихи фалсафа навиштан чӣ гуна аст. Рассел барои навиштани ин китоб садҳо манбаҳои таърихиро хон-

ла, ба ҳар зуҳуроти ҷилваноки андешаҳои фалсафии гуза-
шта, баҳогузории назариявию методологӣ дода, хулосаҳои
принсипиалии худро бо маърифати баланди илмӣ ва тарзи
беҳтарини баёну забон ба хонанда пешкаш мекунанд.
Муҳаққиқони воқеии таърихи фалсафа дар ҷараёни
навиштани таърихи фалсафа консепсияҳои махсуси худро
эҷод намуда, низоми оригиналии таҳқиқотиро пешниҳод
менамоянд. Агар Шумо амиқтар аз осори муҳаққиқони
воқеии таърихи фалсафа аз миёни олимони аврупоӣ ва рус
огоҳ мебудед, таҳқиқоти Шумо нақли содаҳолонаи помбар
сохтани чанд равияҳою ҷараёнҳо ва тафсири маддоҳонаи
эҷодиёти онҳо намебуд.

Моро бо ишора карданатон ба Москва ва Ғарб натар-
сонед, ҷанобони таҳлилгар. Мо бе Москва ва Ғарб ҳам ме-
донем, ки шумо чӣ гуфтеду чӣ навиштед. Аз Москва ва
Ғарб халосӣ наҷӯед.

Қонунҳои объективии олам ба забони тоҷикӣ
навишта нашудаанд. Агар маърифати ин қонунҳо зарур
бошаду зарур шавад, аз забонҳое, ки ба онҳо кашфу
навишта шуданд, тарҷума мекунанд. Аслан гап на он
аст, ки қонунҳои объективии олам ба кадом забон
навишта шуда бошанд, муҳимтар он аст, ки чӣ кашф
карда шудааст ва ба ҷамъияту инсоният чӣ медиҳад.

Ин муҳаққиқони гумном барои тақвияти андешаҳои
барғалати худ иқтибосҳои зиёде меоваранд ва бо ин иқти-
босҳо хатоҳои худро рупӯш мекунанд. Масалан, онҳо аз
китоби «Суфизм»-и Р. Хисматуллин чунин иқтибос
меоранд: «Появляется и становится на ноги наука о рецеп-
ции Корана илм-ут-таджвид» (с. 112). Дар ин ҷо гап дар
хусуси он меравад, ки диндорону рӯҳониён, илоҳиётшино-
сон чӣ тавр аз Қуръон илм сохтанд, на дар бораи он ки ху-
ди Хисматуллин Қуръонро илм ҳисоб мекунад. Таҳлилга-
рон маънои фикри ӯро нафаҳмиданд. Сухани ӯро ҳамчун
фикру ақидаи худ қабул карданд, чунки худи онҳо ақида
доранд, ки исломy Қуръон ҳам илманд. Ҷи хеле ки аз
маънои фикри Хисматуллин бармеояд, ӯ дар ин гуфтааш
умуман дар бораи илм не, чӣ хеле ки имрӯз онро ме-



фаҳманд, балки дар бораи фаҳмиши рӯҳониёну илоҳиёт-
шиносони гузашта, вақте ки ислом ҳукмрони маънавӣ дар
ҷамъиятҳои гузашта буд, ҳарф мезанад. Дар ин шарҳи Хи-
сматуллин гап дар бораи «илми таҷвид»-и илоҳиётшино-
сони замонҳои гузашта меравад, на дар бораи умуман илм
ва ягон илми алоҳидаи дигар, гӯё ки онро исломy Қуръон
иваз мекарда бошанд. Дуюм, таҳлилгарони академӣ
маънои истилоҳи «рецепция»-ро нафаҳмиданд. «Рецепция»
калимаи лотинӣ буда, маънои асосиаш «қабул кардан»,
«мутобиқ сохтан» аст. Шарҳи дар боло иқтибосшудаи Хи-
сматуллин ҳамин маъноро дорад, на маънои онро, ки ис-
лом илм аст. Агар таҳлилиён ягон маҳорати таҳлилӣ ме-
доштанд, бояд мегуфтанд, ки ислом дин ва Қуръон муқар-
рароти фикрии дини ислом аст. Дин ва китобҳои динӣ
ҷаҳонбиниеро эҷод месозад, ки бунёди он эътиқод ба
нерӯҳои фавқутабиӣ буда, саодатманд шудан дар «охирату
қиёмат»-ро дар назар дорад. Дунёест, ки ҳанӯз Афлотун
онро чун «олами зеризаминии Аида» тавсиф намуда,
зиндагии воқеии ҷамъияти имрӯзу ҳоли ҳозирро танҳо то-
бишу сояи олами қудс медонад. Илм бошад шакли шуури
ҷамъиятӣ, қувваи истеҳсолкунанда аст, ки дар маҷрои
муҳокимаронии илмӣ ҳеҷ як догмаро қабул надорад ва
танҳо ҳамон назария ва идеяеро мепазирад, ки барои ама-
лияи ҷамъиятӣ, барои прогресс хидмат намояд. Дар илм
парастишу ибодат ва ақидаи барои ҳама замонҳо чун
панацея вуҷуд надорад. Илм барои ҷамъияти имрӯз ва
барои наслҳои баъдие, ки дар ҳамин ҷамъият зиндагӣ
хоҳанд кард, хидмат мекунад. Таъиноти дин ва мақоми
китобҳои динӣ аз ҳамин нуқтаи назар ба куллӣ аз ҳам фарқ
мекунанд. Халқҳое, ки ба илм ва технологияи аз дасто-
вардҳои илм ба вуҷуд омада такя мекунанд, саодатмандии
индунёиро касб мекунанд. Албатта, ихтироотҳои илмӣ ба-
рои инсон баъзан оқибатҳои негативӣ ҳам дорад, аммо ин
мавзӯъ ҳоло мавриди баҳс нест...

Таҳлилиёни дар илм «корчалон» шарҳи Хисматул-
линро ба фоидаи бефаҳмии худ истифода бурда, вонамуд
месозанд, ки на фақат онҳо, балки дигарон ҳам исломy

Қуръонро илм ҳисоб мекунанд. Ва ин фаҳмиши гӯё барои онҳо фаҳмиши ҳақ аст. Бо ин иқтибосоварӣ онҳо далел оварданӣ мешаванд, ки гӯё тамоми олимони дигар ҳам исломи Қуръонро илм мефаҳманд.

Аҳли таҳлил ба ақидаҳои арабҳо ва рӯҳониёни эронӣ дар бораи мутобиқ гардонидани инкишофи олам ва ҷамъияту зиндагонии инсонӣ ба муқаррароти ислом тақлид карда, ақидаи онҳоро кӯр-кӯрона ба роҳбарӣ гирифтаанд. Онҳо дар ин мавзӯҳо ақидаи хоси худро надоранд ва дар ин бобат худашон арабу эронӣ шуданд. Ин далолат ба он мекунад, ки таҳлилгарон ба рӯйдоду протсессҳо назари илмию моҳиятӣ надоранд. Ин фаҳмиши онҳоро ягон олими солимақл, сарфи назар аз он ки таърихшиноси фалсафа аст ё донишманди илми дигар, қабул надорад.

Ҳаллу фасли чунин масъала: оё дин илм ва илм дин аст, ҳанӯз шарҳу тафсирҳои таърихчиёни фалсафаи тоҷик нест, чунки фалсафаи ҷаҳонӣ чунин фаҳмиши «дин илм аст, илм дин аст»-ро эътироф накардааст ва агар чунин эътироф пайдо шавад ҳам, ба ҳақиқат рост намеояд. Барои аҳли таҳқиқ ҳалли чунин масъала, чӣ хеле ки мақола ва навиштаҳои дигари онҳо нишон медиҳад, як дунёи тиреву тор аст, зеро онҳо оиди ин масъала фаҳмиши мустақили худро надоранд. Фақат даъвои онро доранд, ки онҳо олиманд ва олимии онҳо мақоли «ҳам ба наъл ва ҳам ба лозадан»-ро ба хотир меорад.

Аҳли таҳлилу таҳқиқ намедонад ва намефаҳмад, ки «дин илм» ва «илм дин» нест ва барои худ мавзӯи зеринро бар иллати дур мондаашон аз илми муосир «проблема» сохтаанд, дар сурате ки барои илму фалсафаи ҳозира ин муаммо нав пайдошуда намебошад. Ақидаи онҳо «дин илм, илм дин» як навъ экстремизм дар илму фалсафаи мо аст. Агар ислом дар илм муддати 1400 соли мавҷудияташ ягон табаддулоте ба амал меовард, таҳлилиёни мо медиданд ва дар бораи он чизе мегуфтанду менавиштанд. Вале таърихи илму фалсафа инро тасдиқ намекунад. Агар ислом илм мебуд, оқибатҳои онро бе аҳли таҳлилиён дигарон ҳам мефаҳмиданд.



Асосгузорони ислом дар бораи ислом чизе гуфтанд ё нагуфтанд, дар гузашта монд. Баъд аз гузашти 1400 сол мутобиқу мувофиқ кардани ислом ба замони ҳозира сохтакории таърихӣ аст. Азбаски асосгузорони ислом аз гӯр баромада бо таҳлилиёни мо даст ба гиребон намешаванд, ин таҳлилгарон мероси динии онҳоро ба чапурост, ба болову поён рӯгардон мекунанд, исломи онҳоро, чӣ тавре ки хоҳанд, ҳамон тавр тафсиру маънидод мекунанд. Ин бошад дар бораи раҳгумзадагии илмии онҳо шаҳодат медиҳад. Магар онҳо ҳамон таърихчиёни фалсафаи тоҷик нестанд, ки дар даврони шӯравӣ як рӯ доштанд, ҳозир бошад рӯи дигар доранд. Боиси ёдоварист, ки дар даврони шӯравӣ таърихчиёни фалсафаи тоҷик ба мероси фалсафии гузаштагони мо тобиши дигар медоданд, онро «материалистӣ» ва «атеистӣ», ё дорои унсурҳои материалистӣ ва атеистӣ баҳогузорӣ мекарданд, имрӯз ба он рангу бӯи дигар медиҳанд. Ин дурӯягӣ ва ноустувории мавқеи илмии онҳо сазовори номи олим нест. Имрӯз бошад мероси гузаштагонамонро тарзе ба қалам медиҳанд, ки дар он гӯё ғайр аз исломи ирфону тасаввуф чизи дигаре вуҷуд надоштаст. Ҷавҳари афкори фалсафию унсурҳои илмии ин таълимотҳоро комилан тобеи ирфон ва тасаввуф месозанд.

Чуноне болотар гуфтем, таҳлилгарон менависанд, ки «ин афрод» (яъне ману Бобоёров ва дигар оппонентҳои онҳо) метавонанд, ки монографияҳо, рисолаҳо ва мақолоти илмии ходимони Шуъбаи таърихи фалсафаро бо таълифоту рисолаҳои илмии чопшудаи олимони рус ва тарҷумаи монографияву мақолаҳои олимони Ғарб муқоиса кунанд. Ва бо итминон таъкид мекунанд: «Ба фикри мо боварии комил ҳосил мекунанд, ки дар тамоми усулҳои таҳқиқ(?), масъалагузорӣ, таҳлил (?), натиҷагирӣ (?) ва мазмуну муҳтаво (?) аз онҳо мондани надоранд» (110). Онҳо аз куҷо медонанд, ки мо ба ин бемаънигӯиҳои онҳо «боварии комил ҳосил» мекунем? Аз рӯи худбоварӣ ва каммаърифатии худ.

Ин тарзи гуфтори онҳо аз доираи салоҳдиди ақл ва мантиқи солим дур аст! Хонандагони муҳтарам, худатон

қазоват кунед, чӣ хел таълифоти К. Олимов дар бораи таълимоти ирфонии Аттор, А. Муҳаммадхоҷаев дар бораи фиркаи Нақшбандия, «исломшиносии» Ш. Абдуллозода ё дигар таърихчиёни фалсафаи тоҷик аз рӯи тамоми усулҳои таҳқиқ, масъалагузорӣ, таҳлилу натиҷагирӣ ва мазмуну мухтаво метавонанд ба таҳқиқотҳои олимони рус ва Ғарб якхела ва аз бисёр ҷиҳатҳо монандӣ надошта бошанд? Оё ин таҳқиқоту таҳлилҳо метавонанд айният дошта бошанду бо ҳам якхелаю монанд бошанд? Таҳлилҳое, ки доир ба мероси Ломоносов, Радишев, Белинский, Добролюбову Чернишевский олимони рус гузаронидаанд ва мегузаронанд аз таҳлилҳое, ки муаллифони фалсафаи тоҷик доир ба мероси Форобӣ, Аҳмади Дониш ва дигар мутафаккирони гузаштаи мо мегузаронанд, аз рӯи мазмуну мухтаво, масъалагузорӣ ва натиҷагирӣ фарқ доранд. Зеро ақидаву андешаронӣ, тарзҳои масъалагузорӣ дар эҷодиёти мутафаккирони рус якхела набуданд ва таҳқиқҳое, ки дар ҷодаи омӯзиши мероси онҳо гузаронида шудааст, воқеан таҳлилҳои фундаменталии илмӣ ҳисобида мешаванд. Осори эҷоднамудаи мутафаккирони асримиёнагии тоҷик, хусусан намояндагони мактаби машшоия асрори пурҳикматеро фарогир аст, ки мутаассифона аҳли таҳлил ба умқи ҷавҳари ҳикмати онҳо ҳанӯз ҳам комилан ворид нашуда, танҳо ба шарҳу шореҳӣ машғуланд. (Ба ҷуз аз ду-се таҳқиқоте, ки ҷиддан сурат гирифтаанд).

Таҳлилиён мероси онҳоро аз рӯи ҳамон як қолибу андоза (стандарт) баҳо медиҳанд, ки ин бефаҳмии онҳоро нишон медиҳад. Айнан ҳамин қазияро нисбати муқоисагузории таҳқиқотҳои олимони Ғарб бо таҳқиқотҳои муаррихони фалсафаи тоҷик ҳам гуфтан мумкин аст. Гӯё таҳқиқоти олимони Ғарб, ки мероси Гегел, Фейербах, Декарт, Кант ва дигар мутафаккирони аврупоиро меомӯхтаанд, аз рӯи мухтаво, мазмуну мундариҷа, масъалагузорӣ ва ҳатто натиҷагирӣ аз таърихшиносони фалсафаи тоҷик фарқ намекарданд ва кори таҳқиқотии «қаҳрамонҳои илмӣ»-и мо аз кори онҳо монандӣ надоштааст. Магар ин



хандаовар нест? Таҳлилиёни мо чунон беандеша ва нодарҳаво мулоҳиза меронанд, ки мероси мутафаккирони Ғарб, рус ва тоҷикро дар мизони монандии якдигар ва таҳқиқотҳои таърихшиносони фалсафаи Ғарб, рус ва тоҷикро низ дар якхела будани онҳо баҳогузорӣ мекунанд. Дар фаҳмиши онҳо таҳқиқотҳои гуногун аз рӯи объекту предмет ва натиҷаҳои худ ҳеҷ фарқе надоштаанд. Аз ин бемантиқии мулоҳизаи онҳо бармеояд, ки муаррихони таърихи фалсафаи тоҷик, рус ва Ғарб кай ва дар куҷое, ки таҳқиқотҳои таърихӣ-фалсафии худро нагузаронанд, таҳқиқотҳои онҳо якхела ва ҳаммухтаво ҳастанд.

Бо ин мулоҳизаронии худ таҳлилиён ба хонандагон ва ҳарифон (оппонентҳо) фаҳмонданӣ мешаванд, ки онҳо дар рӯгардонкуниҳои таърихӣ-фалсафии худ ба сатҳи ҷаҳонӣ, ҳеҷ набошад, ба сатҳи русҳо ва Ғарб расидаанд. Ин мубоилиғаи беҷо ва аз худ қаҳрамонсозиҳои онҳо мебошад. Вале ҳеҷ мумкин нест, ки таҳқиқотҳои таърихчиёни фалсафаи рус, тоҷик ва Ғарб ба як натиҷагирии монанд ва якхела омада бошад. Гумон меравад, ки чунин масъалагузориҳои бемантиқ кори яке аз муаллифони гумноми мақола Шерзод Абдуллоев – Абдуллозода аст. Ӯ дар сухан ба парвозҳои ғайривоқеӣ хеле усто аст. Ба ӯ дар ин мақола А. Шамолов кӯр-кӯрона ва ва ғаразнок ҳамроҳ шудааст.

Аҳли таҳлил, азбаски мисли русҳо ва ғарбиён таҳқиқотҳои якхелаи таърихӣ-фалсафӣ мегузарондаанд, «мисли» онҳо ақидаҳои якхела доранд. Худашонро дар ин бобат ба русҳо ва ғарбиён дар чунин таҳқиқотҳо «баробар» мефаҳманд, вале ин даъвои онҳо дурӯғ аст. Аз даъвоҳои онҳо боз як бемаънигии дигар бармеояд: онҳо дар Тоҷикистон кору зиндагӣ мекунанд, аз таърихи фалсафаи тоҷик таҳқиқот мегузаронанд, вале натиҷагирии онҳо аз натиҷагирии таҳқиқотҳои таърихӣ-фалсафии русҳо ва ғарбиён ягон монандӣ надоштааст. Таҳлилиён агар бемаънӣ андеша накунанд, бояд бифаҳманд, ки русу ғарбиён ҳеҷ вақт таҳлилҳои якхела набояд дошта бошанд. Наход Мушфиқиро онҳо аз Пушкин фарқ карда натавонанд?

Ин хел бемаънӣ мулоҳиза ронда, онҳо ҳатто эҳсос намекунанд, ки таърихи фалсафаи рус ва Ғарб таърихи фалсафаи тоҷик нест ва баръакс, таърихи фалсафаи тоҷик таърихи фалсафаи рус ва ғарбиён нест. Ҳар яке аз онҳо, сарфи назар аз худро таърифкуниҳои аҳли таҳлил, ҳеҷ вақт натиҷаҳои якхела дода наметавонад. Худи таҳлилиён сарфи назар аз парвозҳои худ ба ин «якрангӣ» ва «натиҷадиҳии» якхела таърихи шабоҳатангези фалсафаи халқу мамлакатҳои гуногунро кафолат дода наметавонанд. Дар ин маврид ҳам онҳо беҳуда аз худ қаҳрамон месозанд ва барои худ «шуҳрати ҷаҳонӣ» меҷӯянд.

«Агар ба қалами нотарошидаи Хофиз Бобоёров бовар кунем, ӯ ё аз «дилсӯзӣ» ва ё бо мақсади огоҳонаи «ҷудоиандозӣ» ин амали (яксонсозии илму теология) кормандони Шуъбаи таърихи фалсафаро «теологизатсия» ва мушкилии бисёр ҷиддии илми тоҷик қаламдод намудааст» (с. 110). Агар «қалами натарошидаи Ҳафиз Бобоёров» ба илми тоҷик «мушкилии ҷиддӣ» ва «ҷудоиандозии огоҳона» оварда бошад, «олимони» аҳли таҳлилро лозим аст нишон диҳанд, ки «илми тоҷик» ва «теологизатсия»-и он раванди «илмӣ» аст ё не. Таҳлилиён агар тамоми илми тоҷикро теологӣ карда натавониста бошанд, таърихи фалсафии тоҷикро теологӣ кардаанд. Дар таълифоти аксари онҳо қариб коре ёфт намешавад, ки мазмуну мундариҷаи теологӣ надошта бошанд. Ҳафиз Бобоёров маҳз барои ҳамин онҳоро зери танқиди шадид қарор дод ва дар ин хусус гапи ҳақро гуфтааст. Агар онҳо ду мақолаи Ҳафиз Бобоёровро асабонӣ нашуда, бодиққат хонда бошанд, ӯ дар бораи умуман теологизатсияи ҷамъияту илми тоҷик не, балки дар бораи теологизатсияи таҳқиқотҳои таърихчиёни фалсафаи тоҷик гап мезанад. Бинобар ин фикри таҳлилиён дар хусуси «Ҷудоиандозии огоҳона дар илми тоҷик» гапи дурӯғ ва қасдкории худи таҳлилгарони академӣ бо номи «Шуъбаи таърихи фалсафа» аст. Танқиди теологизатсия дар тагу рӯгардониҳои таърихчиёни фалсафа маънои теологизатсияи тамоми ҷамъияту илми тоҷикро надо-



рад. Чуноне дар боло зикр шуд, дар илми тоҷик ҳам муҳаққиқоне ҳастанд, ки ба теологизатсия тобовар нестанд. Дурӯғгӯии таҳлилгарон боз дар он зоҳир мешавад, ки гӯё Ҳ. Бобоёров тамоми илми тоҷикро теологӣ ҳукм карда бошад. Илми тоҷик танҳо аз таърихи фалсафаи тоҷик иборат набуда, аз илмҳои зиёди дигар ҳам иборат аст. Таҳлилиён таърихчиёни фалсафаи тоҷик ҳамаи илмҳоро хушбахтона, сарфи назар аз хоҳиши сунъии худ, имконияти теологизатсия кардан надоранд. Агар онҳо ҳунари таҳлилгарӣ медоштанд, ба ин хулосаи ҳандаовар намеомаданд. Онҳо фақат қобилияти тафсир ва тавзеҳи тасвирии матну андешаҳои ҳазорсолаҳои гузаштаро доранд. Воқеист, ки ин матну андешаҳои архаикӣ ба илми муосир ягон чизи нав намедиҳанд, танҳо метавонанд фалсафаи тоҷикро ба ҳолати догматикӣ ва шахшуда оварда, нигоҳ доранд. Вақте ки онҳо танқиди ақидаҳои пӯсидаву кӯҳнашуда, аз ҷумла ақидаҳои теологиро, «ҷудоиандозӣ» ва «тафриқаандозӣ» дар илм мегӯянд, мулоҳизаҳои ноҳақ меронанд. Масалан, онҳо менависанд, ки «Чандин орифон таҳти унвони «Илми ладунӣ» асар эҷод карданд. Масалан, Ғазолӣ дар ин бора менависад: «Мы не можем представить себе такое знание веры и убежденности суфиев, мы не думаем, что в мире найдется нечто способный (?) добиться истины знания и истинной науки, не обретя знания и обучаясь мистическому ведению, а только размышляя и раздумывая» (с. 112). Аҷоиб иқтибосоварӣ, охирин фикри Ғазолӣ зидди фикри таҳлилиён дар бораи «илм» будани дину ирфон аст. Ин матни Ғазолӣ, ки онҳо ба забони русӣ овардаанд, аз тоҷикӣ (форсӣ) ғалат тарҷума шудааст. Аҷоиботи дигари ин иқтибос он аст, ки гӯё Ғазолӣ забони русиро «медонистааст», баъзе асарҳояшро ба забони русӣ «навишта» будааст. Албатта, ба чунин афсона бовар кардан мумкин нест. Таҳлилиён ягон китоб ё мақолаи ба забони русӣ «навиштаи» Ғазолиро на номбар мекунанд ва на аз он иқтибосе меоранд. Иқтибосеро, ки дар боло номбар шуд, аз каси дигар оварда шудааст, тахмин кар-

дан мумкин аст, ки он иқтибос тарҷумаи нодурусти А. Шамолов аст, чунки дар шуъбаи таърихи фалсафа ӯ ғазолишинос аст. Вале дар баргардондани мероси Ғазолӣ ба забони русӣ А. Шамолов «авторитет» нест.

Боз як иқтибоси ба «забони русӣ навишта»-и Ғазолӣ: «Да, тот человек говорит, что наукой является только фикх, толкование Корана и Калама, а более ничего», в то время как Коран безбрежное море» (Мухаммад ал-Газали. Илми Ладуни. Суфизм. С. 156-157).

Модоме ки таҳлилиён мақолаи худро ба забони тоҷикӣ навиштанд, бояд иқтибосҳоро аз рӯи асарҳои ба тоҷикӣ (форсӣ) навиштаи Ғазолӣ меоварданд, вале онҳо Ғазолиро «русидону русинавис» карданд. Ба сабаби «русидони хуб буданашон иқтибосҳои аз Ғазолӣ овардаашонро ҳам ихтисор ва ҳам нодуруст маънидод кардаанд. Навиштаҷоти динӣ фақат дар тасаввуроти руҳониёну илоҳиётшинос ва абдуллозодаҳо, муҳаммадхоҷаҳо ва ҳазратқуловҳо «илмӣ» аст. Ҳар қадар ки ба он «мартабаи илмӣ» дода нашавад, он навиштаҷоти динӣ буд ва навиштаҷоти динӣ хоҳад монд. Таҳлилиёни Шуъбаи таърихи фалсафаи тоҷик ба сифати олимони асри XXI олимони имрӯзаи тоҷикро миннатдор мекунанд, ки «шарҳу тафсири» дину ирфонро аз нигоҳи илми замони ҳозира маънидод мекунанд, ҳарифони (оппоненгҳои) онҳо бошанд ин амали онҳоро нафаҳмиданд. Вале ин фикри онҳо тамоман дурӯғ аст. Дар бораи «илми замони ҳозира» ягон тасаввуроти муътадил надоранд. Бардурӯғ худро «илмшинос» ба қалам медиҳанд. Илмшиносии замони ҳозира кори таърихчиёни фалсафаи тоҷик набуд ва нест. Дар кадом китобу мақолаҳои худ онҳо «илм» будани дину ирфону тасаввуфро аз мавқеи «илми замони ҳозира» исбот карданд? Худашон намефаҳманд, ки дину ирфону мистика аз «мавқеи илми замони ҳозира» чист. Дар атрофи ин масъала онҳо илму фалсафафурӯшӣ мекунанд. Илму дину ирфонро омехта сохтани абдуллозодаҳо, ҳазратқулову олимовҳо ва шамоловҳои тоҷик маънои онро надорад, ки дар тамоми дунё илм теологӣ шудааст ва теологӣ мешавад.



Вақте ки ин ҷанобон мегӯянд, ки «вазифаи диншиносон... ба мардум, насли ҷавон шиносондани мазмуну моҳияти улуми исломӣ, фалсафаи он, шарҳу тафсири онҳо аз нигоҳи илми замони ҳозира мебошад» (с. 112), вазифаи худро нафаҳмиданд. «Илми замони ҳозира» диншиносӣ нест ва вазифаи вай тамоман дигар – маърифати олам, ошкор сохтани сиру асрори он, равшан сохтани роҳҳои инкишофи ҷамъият, ба истеҳсолот ворид сохтани натиҷаҳои илм, раҳоӣ намудани инсон аз ҳазорон мушкилоти рӯзгору маишат, бемориҳою хатарҳои дигар аст, на шиносондани мардум, насли ҷавон бо «улуми ислом».

Таҳлилгарон ҷавононро миннатдор месозанд, ки онҳоро «бо улуми исломӣ» шинос месозанд. Ба ҷавонон пачандон шинос кардани онҳо бо «улуми ислом», балки дарёфт кардани ҳақиқати олам, ҳақиқати зиндагӣ муҳим аст. Диндору бедин будани онҳо кори шахсии худи онҳо аст, на кори аҳли таҳлил. Чӣ қадаре ки ҷавононро бо улуми ислом шинос кардан нахоҳанд, таҳлилиён аз ӯҳдаи бедину диндор гардондани ҷавонон баромада наметавонанд. Дин ҳақиқати оламу ҳастии ҷавонон нест. Хушбахтона, ҷавонон навиштаҳои таҳлилиёнро дар бораи «илмигардонии» исломy ирфон намехонанд. «Аз нигоҳи илми замони ҳозира» шиносондани ҷавонон гапи ҳавоии таҳлилгарон аст, чунки худи онҳо ғайр аз чаппагардондану шарҳ доданн догмаҳои динӣ ва ривоятҳои ирфонӣ, «илми замони ҳозира»-ро намефаҳманд. Бигузор исбот кунанд, ки «илми замони ҳозира»-ро мефаҳманд. Дар кадом навиштаҳои худ онҳо исломро «аз мавқеи илми замони ҳозира» маънидод кардаанд? Оё дар навиштаҳои онҳо ислом ягон мазмуни илмӣ ва мартабаи илмиро пайдо кардааст? Онҳо исломy ирфонро, чӣ тавре ки худи ин охириҳо вуҷуд доранд, шарҳу тафсир ва маънидод мекунанду вассалом. Ба он ягон атрибути нав ворид насохтаанд. Барои мардум, насли ҷавон маънидод кардани «улуми исломӣ» афсонаест, ки бо он мехоҳанд сари мардум ва ҷавононро гаранг созанд.

Агар, Шуъбаи диншиносии Институти фалсафа, чӣ тав-

ре ки таҳлилиён менависанд, «ба боз кардану нишон додани...консепсияхои теологӣ машғул бошад», пас чаро, аз рӯи кадом меъёру мантиқ онхо танқиди ману Ҳ. Бобоёровро ба унвони худ рад мекунанд ва мегӯянд, ки дар ин гуфтаи онхо теологикатсия нест? Бобоёров бошад мегӯяд, ки «дар Институти фалсафа интихоби мавзӯъҳо барои рисолахо ва мақолахои илмӣ бештар теологӣ ва дингароёна шуда истодааст» (с. 112). Магар ӯ хак нест, ки ин хакро нагуфтааст? Бигзор комиссияи салохиятнок мавзуъхои таҳқиқоти Шуъбаи таърихӣ-фалсафӣ ва теологии Шуъбаи таърихи фалсафаро муқоиса кунад. Бешубҳа маълум мегардад, ки дар таҳқиқотҳои ин шуъба мавзуъҳои динӣ-ирфонӣ, шарху тафсирҳои динӣ-ирфонӣ вуҷуд доранд. Ин ҳақиқатро бо дурӯягиву фиребдиҳӣ рӯпӯш кардан мумкин нест. Ҳафиз Бобоёров боз як бори дигар ҳақ аст, вакте ки мегӯяд: «Кормандони Институти фалсафа дар заминаи навиштани рисолахои худ ба категорияхои ақидатӣ ирфонӣ... ва фиқҳи исломӣ ошноӣ пайдо карда, ба он мафтун мешаванд». (с. 112-113). Ин хел мафтуншавии аҳли таҳқиқ аз мақолаашон ҳам маълум аст. Ба зимми ин, аҳли таҳқиқ боз дурӯғ мегӯяд, ба харифи худ Ҳафиз Бобоёров тӯҳмат зада, ба сабаби мавкеи муайян надоштанашон дар бахс, ба мавкеи Бобоёров баҳои объективона намедиҳанд. Мегӯянд, ки «Кормандони Шуъбаи таърихи фалсафа ин ҳарфҳоро барои сафед кардани худ нагуфта истодааст, балки барои он таъкид карда истодаанд, ки як нафар ҷавоне, ки ҳанӯз ҳеҷ таҳқиқоте нанавишта, ба монографияву мақолоти дигарон (яъне аҳли таҳлил) хурда гирифта, бидуни далелу бурҳон таҳқиқотҳои калонсолонро аз рӯи нодонии худ зери шубҳа гузошта истодааст» (с. 113). Магар ин худсафедкунӣ нест? Якум, чунин ҳукм ба аҳлоқи олимона рост намеояд. Як нафар ҷавоне, ки қобилияти муҳокимаронӣ ва дониши таҳлилнамой дорад, комилан ҳақ аст, ки бо навиштани мақолае ё рисолае эътирози худро нисбати поймолнамоии принсипҳои илмӣ аз ҷониби олиме ё гурӯҳи илмие, арз дорад. Дуюм, дар ҳаққи Ҳафиз Бобоёров тӯҳмат мезананд. Ин ҷавон рисолаи илмиашро



ба забони англисӣ дар Олмон бомуваффақият ҳимоя карда, соҳиби ду монография ва якчанд мақоламебошад. Мазмуну мундариҷа ва сатҳи илмӣ-назариявии эҷодиёти ӯ аз навиштаҳои аҳли таҳлил боло меистанд. Калонсол будан дар илм мақоми махсус нест. Ҳақиқати илмиро байни калонсолону ҷавонон тақсим намекунанд, дар кадом масъалае, ки набошад. Ҳақиқат якто аст. Бобоёров мисли таҳлилгарон, аз таърихи фалсафаи тоҷик архетипҳо ва ақидаҳои ҳазорсолаҳои пешро тафсир намекунад, дар илм суханҳои нав мегӯяду меҷӯяд.

Танқид дар илм яке аз роҳҳои инкишофёбии он аст. Дар илм ягон кас, сарфи назар аз ҷавону калонсол буданаш, аз танқид озод нест. Аз рӯи кадом қонун ҷавонон бояд олимони калонсолро танқид накунанд? Илм моли хусусӣ ва монополияи калонсолон нест. Вакте ки олимони калонсоли академӣ танқиди ҷавононро ба унвони онҳо манъ мекунанд, ин амали хандаовар аст. Он калонсолоне, ки дар илм кӯҳнапарастанд ва аз доираи донишҳои кӯҳнаву фарсудашудаи ҳазорсолаберун баромада, дар илм сухани нав гуфта наметавонанд ва илмро дар ҳолати барҷомондагӣ нигоҳ доштан мехоҳанд, сазовори танқиди сахт ва саркӯб кардан мебошанд. Онҳо бешак ба инкишофи минбаъдаи илм ва ҳосил кардани донишҳои нав монеа мегарданд.

Кормандони Шуъбаи таърихи фалсафаи тоҷик худро «калонсол» гуфта, танқиди ҷавононро нисбати худ манъ кардан мехоҳанд. Онҳо чунон қасосгиру бадхоҳанд, ки ҳар лаҳзае тайёранд Ҳ. Бобоёровро барои онҳоро танқид карданаш фурӯ баранд. Аҳа, фаросату одобу хиради калонсолони академӣ!

Ба мақолаи ҷавобии онҳо назар андозед. Мақола ягон фикри зиндае надорад, ки ба нишон расад, ба ғайр аз овардани фикрҳои бегона, ки ба воситаи онҳо ману Ҳ. Бобоёровро «танқид» мекунанд. Ин тарзи «танқид» хоси таърихчиёни воқеии фалсафаи тоҷик набояд бошад. Бо ин танқид дар илм, ҳатто дар ҳамин таърихи фалсафаи тоҷик ҳам дур рафта наметавонанд. Дар мақолаи навиштаашон

аз худуди фикрхои бегона берун баромада наметавонанд,
зеро усули «тахкикотии» онхо ба чунин иборахо оғоз ме
шавад: «Ибни ... гуфт», кадом «Абу- ал... чунин ақида
дошт, дар хадиси кадом «Абӯхурайраю ибни Анас» ё фа
лон «суфӣ» ривоятеро накл карда буд» ва ғайра. Ман
хайронам, то кай ин «калонсолон»-ишуъбаи таърихи фал
сафаи точик бо ин рох олим будани худро нигох медоранд
ва химоя мекунанд, кай фикру андешахои хосаи худро
пайдо мекунанд, ки онхоро олим гӯем. Дар бахс бо мо низ
хамин усули «тахкикотии» худро истифода бурданд. Вакте
ки эчоди олим аз шарху тафсирхои таълифоту навиштахои
дигарон иборат аст, фикрхои хосаву мустакили худро
надорад, магар онро олим номидан мумкин аст? Ӯ фақат
шорех аст. Ахли тахлили академӣ ана хамин хел шорехону
тафсиргарон хастанд ва ин шорехиву тафсиргарихои худро
илм хисоб мекунанд. Агар ин «илм» бошад, фақат илми
худи онхо аст. Онхо дар ин мақолаашон бо ману Бобоёров
бахсашонро аз номи даххо файласуфону мутафаккирону
сӯфиён, шуюхи замонхои гузашта ва олимони замони
хозира «чавоб» доданд, харчанд ки мо бо ин охирихо
бахсу мунозирае надоштем. Ба танкиду эродхои харифон
аз номи дигарон «чавоб» додан касби дӯстдоштаи кормандони Шуъбаи таърихи фалсафаи точик шудааст. Хангоми
бахсхои шифохӣ хам бо онхо аз номи худашон бахс наме
кунанд, мегӯянд, ки «фалонӣ гуфта буд», «бисмадонӣ
хамин хел ақида дошт», «ислом гуфтааст», «дар Қуръон
навишта шудааст». Агар онхоро аз масъалахои назариявӣ
ва методологӣ имтихон кунед, аз имтихон намегузаранд.
Назария ва методология барои онхо мукаррароти ислому
ривоятхои сӯфиён аст. Аз хамин мавкеъ онхо ману Бо
боёровро «танкид» мекунанд. Масалан, онхо менависанд:
«Дар боло рочеъ ба илмхое (яъне илми ладунӣ, тасаввуф,
усули муколама), ки Хафиз Бобоёров аз номи С. Наврӯзов
бо зехни хоми худ бахо дода навиштаанд, ки онхо «нико
гда наукой не были и никакого отношения к науке не име
ют» (с. 112). Аз афти кор, вакти навиштани ин сатр дар са
ри тахлилиён хуш набудааст ва онхоро мантиқ тарк карда



будааст. Онхо бехуш шудаанд, ки ду харифи худро як
хариф дидаанд, гапи якеи онхоро гапи хардуи онхо қабул
карданд. Иқтибоси овардаи онхо фақат фикри ман аст, на
фикри якчояи ману Бобоёров. Аз ин фикр ман хеч вакт рӯ
намегардонам ва боз мегӯям, ки «илмхои» номбурдаи онхо
хеч вакт илм набуданд ва илм буда наметавонанд. Агар
барои тахлилиён илм бошанд, барои хамаи онхое, ки илм-
ро ба маънои айниятнок ва аслиаш мефахманд, илм не-
станд. Барои мухаммадхочаевхо, олимовхо, абдуллозода
ва шамоловхо хамаи он чизе, ки дар олам ба вукӯъ мепай-
вандад, нусхаи (рӯи дигари) таълимоти ислом аст.

Вале бехушу кӯр будан лозим нест: мубодилаи моддахо,
гардиши энергия дар табиат, муомилоти молӣ-пулӣ дар
чамъият диндор нестанд. Лекин тахлилиён хамаи ин прот-
сессу муносибатхоро аз галбери ислом мегузаронанд. Аз
тасаввуф илм сохтан бемаънигии худи тахлилиён аст. Агар
онхо ягон аклу фаросати илмӣ дошта бошанд, бигзор ба
ахли илм исбот кунанд, ки «илми ладунӣ, тасаввуф, усули
муколама» илманд. Вале чӣ қадар чонканихо ба харч
надиханд, исбот карда наметавонанд, ки «илми ладунӣ, та-
саввуф, усули муколама» ба маънои аслии худ илм мебо-
шанд. Илм номидани онхо аз чониби тахлилиён масхара
кардани илм аст. Агар аз рӯи ин «меъёр» ба илм назар андо-
зем, касе чизе нагӯяд (ахамият надорад ин фикри муллову
сӯфӣ ё рӯхонии аз илм бехабар аст), илм будааст. Чунин ил-
ме, ки онхо пешниход мекунанд, чамъиятро ба рохи
пешрафт намебарад. Барои дину ирфоншиносони академӣ
рохи дигари пешрафти чамъият ва инсоният, ба чуз дину
ирфон гӯё ки вучуд надошта бошад. Дар иктибосе, ки аз
мақолаи онхо пештар овардем, онхо вазифаи «Шуъбаи
диншиносии Институти фалсафа»-ро дар он мебинанд, ки
«ба мардум, насли чавон шиносондани мазмуну мохияти
улуми исломӣ аз «нигохи илми замони хозира мебошад».
Бо кадом максад? Чӣ маъно дорад «аз нигохи илми замони
хозира нигаристан ба дину ирфон»? Охир илми замони
хозира маънои созандагиву бунёдкорӣ, маърифати беист
болоравандаи оламро дорад. Чӣ хел «улуми исломӣ» ба он

баробар шуда метавонад? Чӣ гуна қонуниятҳои объективии оламро ошкор сохта метавонад, дар ҳолате ки худи «улуми исломӣ» аз ҳудуди догматҳои абстрактии ислом ва ривоятҳои мистикии ирфонӣ берун баромада наметавонад?

Вазифа ва таъиноти илми замони ҳозира хизмат кардан ба ҷамъият ва пешрафти он аст, на дар шарҳу тафсири догмаҳои исломиву ирфонӣ.

Аз мақолаи таҳлилиён боз як иқтибоси дигар меорам: «Истилоҳҳои фалсафии ақли кулл, назарияи судур, маротиби вуҷуд ва ғайра ба муаллифи мақола (Ҳафиз Бобоёров) тазаккур медиҳем, ки инҳо истилоҳҳои калидии (?) фалсафа дар бахши ҳастишиносӣ мебошанд» (с. 113). Ман ҳам ба аҳли таҳлили академӣ «тазаккур» медиҳам, ки инҳо на «истилоҳҳои калидӣ», на умумифалсафӣ ва на дар «бахши ҳастишиносӣ мебошанд» (Ин ҷо ман ҳастишиносии илмиро дар назар дорам). Агар ҳақиқати ғайро гӯем, истилоҳи калидӣ дар ҳастишиносӣ истилоҳи «ҳастӣ» (бытие) аст.

Сатҳи фалсафадонии таҳлилиён аз сатҳи илоҳиётшиносони асримиёнагӣ ҳам пасттар аст. Худро фалсафадонҳои беҳамто ба қалам дода, ба ҳарифон-оппонентҳо чунин тавсия медиҳанд: «Мо бо ҷуръат хоҳиши онро дорем, ки агар шумо яке аз китобҳо, монографияҳо, мақолаҳо ва ҳатто тезисҳои яке аз ходимони шуъбаи таърихи фалсафаро таҳлил карда, онро аз назари худ ва мавқеи интихобкарда арзёбӣ кунед, то ки бифаҳмед, ки аз «шаф-шаф гуфтани» шафтолуи шумо чигуна аст! Оё чунин ҳунарро доред?!» (с. 114). Чаро надошта бошем? Агар ин хел ҳунарро намедоштем, зидди шумо намебаромадем. Агар мо «яке аз китобҳо, монографияҳо, мақолаҳо ва ҳатто тезисҳои яке аз ходимони Шуъбаи таърихи фалсафаро аз назари худ интихоб карда» арзёбӣ мекардем, ҷаласаводӣ ва бемантиқиҳои шумо аз ин зиёдтар ошкор мегардид ва шумо боз ҳамон қадар ба доду фиғон меомадед. Чунин масъалагузорӣ усули мулоҳизаронии яке аз таҳлилиёни академӣ Шерзод - Шеръот Абдуллоев - Абдуллозода аст. Ман на яке «аз мақолаҳо», на «як китоби»-и ин ҷанобро хондаам



ва ба онҳо шинос ҳастам ва қатъӣ мегӯям, ки онҳо пур аз суханбозиҳои бемантиқанд ва ба ҷуз рӯгардонкунии догмаҳои исломӣ ва ривоятҳои тасаввуфӣ ҷавҳари илмӣ надоранд, на яке, балки аксари шафшафгӯиҳои ӯро илм номидан мумкин нест, на дар як ва на дар боқимондаи онҳо илм баррасӣ нашудааст, илм дар таълифотҳои ӯ фақат исломи ирфону тасаввуфанд. «Шафтолуҳое», ки ӯ дар таълифоташ ҷустуҷӯ мекунад, ягон таъму маззаи шафтолуро надорад, чунки дар «боғи илм» рӯёнда нашудаанд. Шафтолуҳои мистикиву хаёлианд, шафтолуҳои ҷавҳари илмиро шабона дар хобаш мебинад.

Бахси таҳлилиёни академӣ «Шуъбаи таърихи фалсафа» гилагӯиҳои кампирҳои солхӯрдаи қишлоқиро мемонад. Масалан, онҳо ба саволи «инсони комил кист» ҷавоби худро наёфта, ба суханпардозиҳои ҷиёди динӣ - мистикӣ, ирфонӣ пардохта, худро бо он тасаллӣ медиҳанд, ки дар Шуъбаи таърихи фалсафа «се диссертатсияи докторӣ навишта шудааст». Агар онҳо боз 10 диссертатсияи дигари докторӣ ҳам нависанд, аз бозгӯиҳои ирфонӣ, тасаввуфӣ ва рӯгардонкуниҳои догмаҳои исломӣ берун баромада наметавонанд.

Ҷанобон, агар шумо таҳлилгарон-аналитикҳо бошед, ҳарифони худро бо се диссертатсияи доктории навиштаатон натарсонед, дар бахси илмӣ ба ҳарифон ҷавоби худатонро ёбед, номбар кардани диссертатсияҳо, миқдори монографияву китобҳо ва «ҳатто тезисҳо» ҷавоб ба ҳарифон нест. Аз диссертатсияҳои тамоилҳи дингароию сирф тасаввуфии Шумо ҳатто ВАК - Федератсияи Россия ба танг омада, шӯрои диссертатсиониро, ки раисаш А. Шамолов буд, боздошт.

Тарзи баҳсу мунозирае, ки шумо интихоб кардаед, нишонаи олимии шумо нест.

Муаллифони мақола, ҳарчанд ки худро аҳли таҳлилу таҳқиқ меноманд, намефаҳманд, ки замони гузашта сатҳи дигари ҳастӣ, зиндагӣ ва маданияту маърифат буд, ҳоло ҳозир бошад сатҳи дигари ҳастӣ, зиндагӣ, инкишофи тамаддуну маданияту маърифат аст.

Азбаски аҳли таҳлил ҳунари таҳлилу таҳқиқи проблемаҳои илмии замонавиро надорад, ба суханпардозиҳои эклектикии динӣ-исломӣ ва ирфониву тасаввуфӣ машғул шуда, ба ҳарифони худ ҷавоби илмӣ дода натавонистанд. Ин баҳси онҳо ба ҳарифон, ба илм ягон нафъе намеорад. Ин «паҳлавонҳои» дину ирфон маҳз ба сабаби заифии илмии худ ҳарифонро огоҳ мекунанд: «Бигзор ин корро (бар зидди онҳо навиштанро) дар муқобили мо душманони миллати мо анҷом диҳанд» (с. 121). Ин чӣ гап аст? Таҳлилиёни академӣ чунон беору беномус ҳастанд, ки ба душманони миллат иҷозат медиҳанд, ки бо миллати мо душманӣ кунанд. Чаро онҳо ба ин хулоса омаданд? Барои он ки худи онҳо ҳомиёни исломи ирфонанд, манфиатҳои миллӣ барои онҳо чандон муҳим нестанд. Худ қазоват кунед, кадом миллати худашро ҳурмату ҳимоя мекардагӣ ба душманони худ иҷозат медиҳад, ки бо ӯ душманӣ кунад? Дар ҷараёни мубоҳисаи фалсафию илмӣ ирфоншиносию тасаввуфпарастиро чун илм дониста, онро байрақи ҷилвадиҳандаи илму фарҳанги миллӣ баҳо дода, ҳама гуна танқидро нисбати андешаҳои архаистӣ ба масъалаи хиёнаткорӣ ба миллату Ватан часпондан: аҷаб усули ба даст овардани тасаллию дилсӯзӣ ба худашон кор карда баровардаанд. Агар андешаи моро пурсед, ана ҳамин афкори ирфонию тасаввуфӣ барои аҳли миллат воқеиятро дар зиндагии ҳақиқӣ нею дар таҳайюлу парвозҳо ба олами қудс, ба хотири кушодани пардаҳои асрори олами «боло» роҳбаладӣ намуда, куллан ҳалли проблемаҳои ногузири зарурии иқтисодию иҷтимоӣ, илмию технологиро даҳсолаҳо ба ақиб мепартояд. Миллатро бояд ба сӯи пешрафту тараққиёт, маърифати мушкилиҳои ҷамъияти ояндаи техногению постиндустриалӣ роҳбаладӣ намуд, на ба афкори асримиёнагию арзишҳои монеъсозандаи прогресс. Ҷои воқеона арз кардан аст: маҳз афкори торики мутаассибона ва хаёлҳои дар роҳи дину диёнат ҷон додану сипас баъди мурдан ба сӯи «ҷаннатулмаъво» роҳ гирифтан ҷавонони мутаассибро ба сӯи «шаҳид» шудану «ғазовот» кардан мебарад. Танҳо илми воқеӣ инсонро ба сӯи созандагию



зиндагӣ, ободкорӣ ва осудагии миллат раҳнамоӣ мекунад.

Боз як мулоҳизаронии подарҳавои таҳлилгарони академӣ: «Таърихи фалсафа доираи фаъолият, ҳадаф ва вазифаҳое мебошад, ки аз тарафи тамоми доираи олимон қабул шудааст» (с. 121). Таҳлилгарони академӣ агар ҳарзагӯӣ накунанд, аз куҷо донистанд, ки «тамоми доираи олимон», мутахассисоне, ки таърихи фалсафа нестанд, «доираи фаъолият, ҳадаф ва вазифаҳои таърихи фалсафаро «қабул карданд»? Аз рӯи хаёлот ва фолбиниҳои худ. Воқеият ин аст, ки «доираи фаъолияти» муҳаққиқони таърихи фалсафа на ба «тамоми доираи олимон» маълум аст. Дар ин маврид онҳо мулоҳизрониҳои бемаънии худро аз фаъолияти илмии «тамоми доири олимон» фарқ карда наметавонанд. Агар сухан дар бораи таърихшиносони фалсафа равад, пас ин сухани онҳо тамоман дурӯғ аст, чунки муаррихони фалсафаи тоҷик ҳанӯз «тамоми доираи олимон» нестанд. Чӣ хел, бо кадом рӯ, бо кадом виҷдони илмӣ онҳо исбот мекунанд, ки «тамоми доираи олимон» сафсатаҳои догматикӣ ва рӯгардонкуниҳои динӣ-ирфонии онҳоро қабул карданд?

Ҳар як илм объекту предмет, дастгоҳу аппарат, мафҳуму категорияҳои махсуси таҳқиқотӣ ва «олотҳои корӣ» худро дорад, ки бо мафҳуму категорияҳои таҳқиқоти таърихӣ-фалсафӣ баробару ҳаммаъно нестанд. «Тамоми доираи олимон» барои таҳқиқотҳои таърихӣ-фалсафӣ ягон ӯҳдадорие ба дӯши худ надорад. Таҳлилиён ин гапи дурӯғро барои он гуфтанд, ки худашонро аз номи «тамоми доираи олимон» ҳақ бароранд. Дар дунё ва Тоҷикистон олимон бисёр ҳастанд ва ҳеҷ мумкин нест, ки ҳамаи онҳо мухлисони рӯгардонкуниҳои догматикии аҳли таҳлил бошанд. Муаллифони мақола – Шуъбаи таърихи фалсафа мегӯянд, ки «Таърихи фалсафаи тоҷик»-ро чоп карданд, вале дар ҷумлаи дигар, ки баъд аз ин ҷумла омадааст, мегӯянд: «Ин маънои ба зери суол гузоштани осори давраи исломӣ ва заҳмати муҳаққиқони таърихи фалсафаро надорад» (с. 121). Мантиқ дар куҷост? «Таърихи фалсафаи тоҷик»-ро чоп кардем ва ин «маънои» ба зери суол гузо-

штани «осори исломро надорад». Аз ин гуфтаи онхо чуни
бармеояд, ки «Таърихи фалсафаи точик» фақат аз «осори
ислом» иборат будааст ва ин бемаъниигиро «дери суол гу
зоштан» мумкин нест.
Боз хамин хел як бемаънигии дигар: «касе аз кӯчаи ин
илм – (таърихи фалсафа) нагузаштааст… бо хатти форсиву
арабӣ балад нест, бо дастхатхо кор карда наметавонад – ӯ
хакки баровардани хукм дар бораи ин сохаи илмро надо
рад» (с. 121). Эй бемантикхо, «эътирофи тамоми доираи
олимон» кучо шуд? Аз ин фикри чахонгири тахлилиён чу
нин бармеояд, «тамоми доираи олимон» таърихи фалса
фаро нофахмида «қабул» карда будааст. Дар ин маврид
хам онхо ба зиддияти мантикӣ рох медиханд: аз як тараф
тахлилгарон мегӯянд, ки «тамоми доираи илм
тахкикотхои таърихи фалсафии онхоро кабул кардааст, аз
тарафи дигар мегӯянд, ки «касе бо хати форсиву арабӣ ба
лад нест… ӯ хакки баровардани хукм дар бораи ин сохаи
илмро надорад». Ин тавр ки бошад, «тамоми доираи оли
мон» аз рӯи кадом меъёр рӯгардонкунихои догматикии
тахлилгаронро бахо дода, эътироф карданд. Охир бе дони
стани хати арабӣ ва дастхатхо онхо «хаки баровардани
хукм дар бораи ин сохаи илмро надоранд». Аз ин бемаън
тикии тахлилгарон рӯирост аён аст, ки онхо дар бораи
«эътирофи» рӯгардонкунихои догматикии исломӣ ва ир
фонӣ аз тарафи «тамоми доираи олимон» дурӯг мегӯянд ва
хулашонро бардурӯғ реклама мекунанд. Вале дар натичаи
бемантикии худи онхо ин худмухоботеозии онхо бар зидди
худи он бармегардад. Вайрон кардани меъёрхои мантикӣ
ин хел окибатхои шармандакунӣ хам дорад. Тахлилиён
абдуллозодагӣ бошанд, ба ин дурӯгтӯӣ рох дода, фикр
карданд, ки дурӯги онхоро харифон ва хонандагон наме
фахманд. Ачоиб мантике – «қабул карданд – хукук надо
ранд» - Аз рӯи кадом меъёр «қабул карданд», аз рӯи кадом
меъёр «хукук надоранд»? Чунин мантик, агар онро мантик
гуфтан мумкин бошад, бесаводии мантикии ахли тахлил
аст. Тахлилиён боз як чизи дигарро намефахманд: бе балад
будан ба хати форсиву арабӣ хам таърихчии фалсафа шу



дан мумкин аст. Касе, ки хохишу талабот, майлу рағбати таърихчии фалсафа шудан дорад, бе «хати форсиву арабӣ» хам сохиби касби таърихчии фалсафа шуда метавонад. Сохиби ин касб будан барои хеч кас манъ нест. Аз хати форсиву арабӣ хукуки таърихчии фалсафа будан ё набудан сохтани тахлилиёни академӣ бемаънигиву бефаросатии илмии онхо аст. Касе, ки ба таърихи фалсафа марок зохир мекунад, онро бе хати арабиву форсӣ аз манбаву сарчашмахои навишта ва тарчумашуда аз худ мекунад. Агар тахлилгарони академӣ акли фахмидани ин хакикатро медоштанд, ин хел масъалагузорӣ намекарданд. Таърихи фалсафаи (тахлилилиён дар гуфтаи боло дар бораи «таърихи фалсафа» гап мезананд) халку миллатхои дигар аз таърихи фалсафаи точику (форсу) арабхо иборат нест, ки онро побанди хати арабиву форсӣ гардонанд. Ин хел побанди хати арабиву форсӣ гардондани таърихи фалсафа тахаввулоту мазмуну мундаричаи таърихии онро тамоман ба назар намегирад. Хаст хати арабиву форсӣ, хаст таърихи фалсафа… Магар ин фахмиш бемаърифатии тахлилгарони академӣ нест? Манъ кардани омӯзиши таърихи фалсафаи точик, мутахассис нашудан дар ин соха «бе хати арабиву форсӣ» хулосаи бемантикии тахлилгарон аст. Ба назар чунин мерасад, ки киноям онхо ишорат ба он мекунад, ки Х. Бобоёров ва С. Наврӯзов хати арабиасосро намефахманд? Ба ман маълумот расидааст, ки Х. Бобоёров маълумоти олии филологияи точик дошта, на танхо алифбои арабиасос ва забони классикии точик, балки забонхои англисию олмониро низ хуб медонад. Ман бошам хангӯз солхои донишчӯӣ ба омӯзиши матнхои классикӣ машғул будам ва дар холати зарурӣ матнхои бо хати форсӣ навиштаро бахузӯр мехонам. Ғайр аз ин, бештарини ғановати фалсафаи арабу форс ба забони русӣ тарчума шудаанд, ки хатто ахли тахлил, мухаккикони гумноми мо хам, ки худро «мутахассиси забони ниёгон» эълон доштаанд, Ғазолиро аз забони русӣ иктибос овардаанд. Дар сурате ки осори Ғазолиро хатто ба забони точикию хати кириллӣ хам пайдо кардан мумкин аст. Маколаи онхоро

хонда, бовари кас намеояд, ки онро номзаду доктор[…] илми фалсафа навиштаанд.

Мо дар боло фикри онхоро дар бораи моддиёту «дар[…] илм барои обод кардани зиндагии хаминиро... бидуни р[…] бита бо маънавият омӯхтан» (с. 110) муфассал барра[…] кардем. Дар чумлаи баъд аз он навиштаи тахлилгарон[…] академӣ боз механем: «бидуни омӯзиши мутаносиби мо[…] диёту маънавиёт ягон масъалаи фалсафӣ ва ё ичтимои[…] фархангиро ба таври илмӣ хал намудан мухол аст» (с. 110[…] Бигузор ба ин «мантику фалсафа»-и тахлилгарони академ[…] худи хонандагон бахо диханд. Ман бошам ба ин «мантик[…] фалсафа»-и онхо факат механдаму механдам.

Тахлилгарон – аналитикхои академӣ бо сухaнбозихо[…] бемантику ирфонӣ ва мистикии худ вонамуд месозанд, ки проблемахои инкишофи чамъияти имрӯзаи точикро дар асоси мукарраротӣ исломи 1400-сола айниятноку мутаносиб хал кардан мумкин аст ва худи онхо «назариётчиён»[…] чунин тарзи инкишофи чамъиятанд. Дар хамин аст, пеш а[…] хама, кӯрназарии илмӣ ва фалсафии онхо. Ба хаёли онхо байни дину давлат, илму ирфон гармония ва хамбастагии канданашаванда вучуд дорад, ки онро харифони онхо ва дигар олимон нафахмидаанд. Барои хамин хам тахлилиён, хусусан дар шахсияти Абдуллозода, ба харифон ва «тамоми доираи олимон» акл ёд медиханд. Чанобони тахлилгар, аввал худатон мантику фалсафаро ёд гиред, баъд ба дигарон аклу фалсафа ёд дихед.



## 2. ХАЁЛОТУ ҲИСОБОТ ВА АНДЕШАҲОИ ПОДАРҲАВОИ АҲЛИ ТАҲЛИЛ

Тахлилгарон бо ҳар баҳона. бо максади муболига кардани шахсияту «хизматхои» дар назди илму фалсафа нишондодаи худ. дар мақолаашон аз доираи таъиноту ваколатхои худ берун мебароянд ва нишон додаӣ мешаванд, ки онхо «бузургоне» ҳастанд. ки ҳамаи проблемахои ҳаётии имрӯзаи Точикистонро ҳалу фасл мекунанд. «Мо, - менависанд онхо – бояд ба доираҳои берун аз Академия (?) тавсия ва тазаккур бидихем, чихатхои хурофотии динро муайян, фалсафаи диниро таҳқиқ, равияҳои оппозитсионии онро баррасӣ, масоили озодандешии афкори динӣ (?), динӣ-ирфонӣ ва фалсафиро барои ҷомеаи имрӯз ва насли оянда (?) бифахмонем, чомеаи илмӣ ва доираи васеи мардумро бо таълимоти кайхоншиносию чаҳонбинии мутахассисон ошно созем» (с. 109).

О! Ин қадар зӯру тавоно, ҳамадону ҷумҳуриро фарогир будаанд! Вале аз ин изҳороти онҳо бӯи худнамоӣ ва шизофрения меояд. Ҳангоми навиштани ин ҷумла онҳо чунон ба парвоз омадаанд ва фикр мекунанд, ки ҳамаи он чизе, ки тоҷикону Тоҷикистон доранд, ба ихтиёри худ даровардаанд. Вале ин изҳороти онҳо ҷамъи гуфтугузори бемантиқ ва эклектикии онҳо аст. Онро бо ҷузъиётҳояш ҷудо ва баррасӣ мекунем.

1. «Ба доираҳои берун аз Академия тавсия ва тазаккур медиҳем» гуфтани онҳо чи маънӣ дорад? Зери мафҳуми «доираҳои берун аз Академия» чиро мефаҳманд? Охир тамоми мамлакат – «доираҳои берун аз Академияанд». Албатта, ин доираҳо шуъбаи таърихи фалсафа нестанд, ки аз ин ҷо абдуллозода ва шамоловҳо онҳоро идора кунанд. «Доираҳои берун аз Академия» чунон бисёранд, ки барои ба онҳо «тавсия ва тазаккур» додан тамоми умри таҳлилгарон – кормандони шуъбаи таърихи фалсафа

намерасад, аз «он дунё» бошад онхо ба ин доирахо «таъ-
сия ва тазаккур» дода наметавонанд. Холи ин доирахо
чӣ мешуда бошад, мабодо бесохиб монанд?

2. «Озодандешии афкори динӣ» гуфтани онхо чӣ
маънӣ дорад? Маънии бесаводии тахлилгаронро дорад.
Дин умуман, - ислом дар ин чо истисно нест, ба хамагуна
озодандешӣ мубориза мебарад, агар камтарике имкони-
ят ёбад, озодию озодандешро оташ мезанад. Наход
тахлилгарони аз хушрафта то чое расиданд, ки ба ислом
атрибутхои озодфикрӣ медиханд. Озодфикрӣ дар ислом
гуфтани онхо гапи дурӯғ аст. Озодфикрӣ (озодандешӣ)
дар ислом аз худ кардану ба дигарон ташвику дастрас
гардондани таълимоту догма ва мукаррароти худи ис-
лом аст, хар гуна озодандешии берун ва новобаста аз
динро куфру бидъат ва сазовори чазо мехисобад.

Тахлилгарони академӣ, олимем гуфта, наход
нафахманд, ки дин ва озодфикрӣ кутбхои бахам мукоби-
ланд. Аз дасти ислом дар гузашта садхо озодфикр ба
катл расонда шуданд ва лаънаткардаи дин эълон шуда
буданд. Синою ахли машшоъро кофиру бидъат гуфтаю
Хофизро таъкиб ва касд ба чонаш карда буданд.

3. Чӣ хел онхо «ба насли оянда афкори диниро»
фахмонда медиханд, охир худи ин насли оянда холо
вучуд надорад. Ба «насли оянда» фахмонда додани «аф-
кори динӣ» боз маънои онро дорад, ки худи тахлилгарон
нияти мурдан надоранд ва то омадани насли оянда зинда
мемонанд ва ба онхо дину диндориро ёд медиханд.

4. «Мутахассисон» дар сохахои гуногуни фаъолияти
чамъиятии кишварамон хеле бисёранд, тахлилгарон дар
ин изхороти худ кадом мутахассисонро дар назар до-
ранд, номаълум аст. Оё ба мутахассисони гуногун имко-
нияту кобилияти фахмондани дину ирфон ва кайхонро
доранд ё не? Чаро дар ин хусус андеша намекунанд?

5. Ин сохибкиронхои ислому ирфон ба чомеаи илмӣ
маслихату тавсияхо медиханд. Агар «чомеаи илмӣ»
вокеан чомеаи илмӣ, на шуъбаи таърихи фалсафа бошад,
ба маслихату тавсияхои тахлилгарон ягон эхтиёче надо-

маълум нест. Аз нодонии худ маслиҳат додан ҳам «олимӣ» будааст. Албатта, ба тарзи фаҳмиши ин таҳли-лиён.

Ба ҷумлаи дигари онҳо таваҷҷуҳ намоед: «Таърихи фалсафаи аҳли қадим ва асрҳои миёнаи мо бо дину фарҳанги исломӣ иртиботи зич доранд ва онро наметавон аз матни дини ислом берун нишон дод» (с. 108). Чунин гузориш бесаводии муаллифони мақола шуъбаи таърихи фалсафаро нишон медиҳад. «Таърихи аҳли қадими мо» бо «дину фарҳанги исломӣ» ягон иртибот надошт, дар таърихи аҳли қадимии мо ислом наметавонист сар даровард, чунки ҳанӯз ислом дар ин давра пайдо нашуда буд ва гузаштагони мо дину таълимоти зардуштия ва оинҳои дигарро мепарастиданд. Ислом дар асри 7-и мелодӣ пайдо шуд. Бинобар ин таърихи аҳли қадими моро ба доираи дини ислом дохил сохтан номумкин аст. Аз ҷониби таҳлилгарон исломӣ гардонидани таърихи «аҳли қадими мо» бемаънигӣ ва кӯрсаводии таърихии онҳо аст. Дар таърихнигорӣ аҳли қадим гуфта замони бостон, ҳазорсолаҳои то мелодро дар назар доранд.

Мувофиқи ин бемаънигӣ ва кӯрсаводии таҳлилгарони академӣ, ислом барои тоҷикон пеш аз худи тоҷикон пайдо шуда будааст. Магар чунин масъалагузорӣ хандаовар ва сазовори маҳкум сохтани таҳлилгарони академӣ нест? Онҳо ба «таърихи фалсафаи аҳли қадими мо» характери мистикӣ дода, он чизеро, ки дар марҳилаи бостонии таърихи эрониёни қадим вуҷуд надошт, онро ба таври сунъӣ вуҷуддошта ҳисоб мекунанд.

Лозим меояд такроран боз аз ҷумлаҳои аввали онҳо ёдовар шавем: «С. Наврӯзов ва Ҳ. Бобоёров мехоҳанд, ки ҳамагуна илмро «илми моддагаро» гуфта, ба давронӣ шӯравӣ баргардем» (с. 110).

Аҷаб гуноҳкоркунии муаллақ дар ҳаво! Бо илмро «илми моддагаро» гуфтан ба даврai шӯравӣ баргаштан мумкин нест, ҳатто дар хаёл ҳам баргаштан ба дунёи гузашта, шикастани механизму мантиқи рафти таърих аст.



Бо «моддагаро» номидани илм даврai шӯравиро баргардондан мумкин нест.

Аслан «илми моддагаро» гуфта ҳамон илмҳое дар назар дошта мешаванд, ки ташаккули олами моддӣ ва қонуниятҳои истеҳсолоти моддиро дар алоқаманд будани онҳо бо воқеияти ҳаётӣ, пайваст будани он ба заруриятy талаботҳои ҷамъиятию таърихӣ дар назар дорад. Дар қисмати аввали баҳс «илми моддагаро»-ро ба маънои илмҳое, ки олами моддӣ, проблемаҳои табиат ва умуман оламро омӯхта, принсипи материализмро ба эътибор гирифтаанд, дар назар доштем. Инҷо мехоҳем фаҳмиши моддагароӣ ё материалистии ҷамъиятро мухтасар фаҳмонем. Дар доираи фаҳмиши «модагароӣ» ё ин ки материализм чунин ақида устувор аст, ки афкору андешаи одамон дар фазои ҳастии ҷамъиятии онҳо эҷод мешавад ва ҳастии ҷамъиятии одамон шуур, психология ва идеологияю шаклҳои дигари олами маънавиро роҳандозӣ намуда, муқарраротҳои ҳуқуқию иҷтимоиро эҷод месозад. Фаҳмиши материалистӣ ва илмҳое, ки ин фаҳмишро ба эътибор мегиранд, дар низоми чунин ақида устуворанд, ки одамон дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва рафти инкишофи таърихии худ ба муносибатҳои ба иродаи онҳо вобастанабудае, ба муносибатҳои истеҳсолие фаро гирифта мешаванд, ки ин муносибатҳо ба сатҳу дараҷаи муайяни истеҳсолоти моддию инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда мувофиқ ҳастанд. Ин фаҳмиши хело ҳам мумтоз ва принсипи воқеии илмӣ аст, вале на ҳама соҳаҳои илм ба ин фаҳмиш зарурият ва эҳтиёҷ доранд, аз тарафи дигар проблемаҳои таҳқиқотиашон ҳам сирф самти тахассусӣ дошта, дар фаъолияти илмиашон методҳои мухталифи таҳқиқотиро истифода мебаранд.

Замони муосир бошад, замонест, ки дар илм муҳити плюрализм ҳоким аст ва ҳар муҳаққиқ метавонад ҳамон фаҳмишеро қабул намояд, ки ҳарчи тезтару бомаҳсултар ӯро ба сӯи дарёфти ҳақиқати илмӣ ва натиҷаҳои кофӣ барад.

Ба навиштаи дигари онҳо диққат диҳед: «дар чаҳорчӯби

ҷахонбинии динӣ, ки дар хаёти моддиву маънавии м
рушду нуфуз кардааст, афкори фалсафӣ, ирфонӣ, ахло
назари зебоишиносӣ, кайхоншиносӣ, ҷомеашиносӣ в
ғайраро дорем, ки онхо огушта ба диканд. хатто акидах
табиию (?) илмии мо рангу бӯи динӣ доранд» (с. 111
Мувофики таъбири онхо, тамоми сохахои фаъолияти ил
мии мо дар чахорчӯбаи дин эҷод шудааст, хатто таъли
мотхои фалсафию кайхоншиносию табиатшиносӣ низ. Н
харгиз! Ин таълимотхо як таарруз, як мубориза в
мукобилият ба афкори динӣ буда, манбахои амалию наз
риявии худро аз раванди конунии инкишофи табиат
ҷамъият, аз заруратгу такозои хаёти вокеӣ ва аз дасто
вардхои фарханги халкхои гуногуни ҷахон, касб карда
аст. Дастовардхои илму фалсафа дар ватани мо ва д
хама ҷо, тахти рохбаладию сарварии дин нарафтаанд ва д
таълимотхои динӣ манша нагирифтаанд, ин афкори илм
натиҷаи дастовардхои фаъолияти моддӣ ва маънавист.
ханӯз то ислом, то китобхои динӣ ташаккул ёфта, сиёс
дар замони хукмронии идеологияи исломӣ (бо ҳозир муд
килӣ хам ки бошад) инкишофи худро катъ накардаанд.
Ғайр аз ин тасвири рамзии «хатто акидахои табиию илми
мо рангу бӯи динӣ доранд» гуфтани онхо бисёр тасвир
ноҷо аст. Акидахо, назарияхо хосияти бӯй кардан надо
ранд ва мисли ҷалотӣ бӯй намекунанд.

Дар фахмиши ахли тахлил ва мувофики таъбири онхо
ислом хамсафари абадӣ дар хамаи пахлухои зиндагии мо
будааст, аз он хамчун таҷдир ягон халосие надорем. Ин
фатализми динӣ на танхо наслхои гузаштаро, балки
тахлилгарони моро низ ба оғӯш гирифтааст. Ахли тахлил
коиланд, ки хамин хел фатализми динӣ моро холо хам да
зиндагиамон бо садхо риштахо побанд мегардонад.

Онхо таассуф мехӯранд, ки ахкоми динӣ тору пуди
мафкураи кулли ахолии Осиёи Миёнаро печонида ги
рифтааст ва мардумони онро ба фардои фирӯзу саодат
манд расонда наметавонад (с. 111).

Ахли тахлил вазифаи маърифатнокkунонии мардуми
тоҷик ва ахли илмро ба зиммаи худ гирифта, мехоханд, ки

факат дар тафаккури ин тахлилгарон аст, на дар тасаввуроти онхое, ки олиманд. На «умуман» ва на «махсусан» илми динӣ гуфтан дуруст нест. Илм ҳолаи дин нест, ки онро «илми динӣ» гуем ва дин харгиз мазмуну самтхои тахкикотхои илмӣ ва инкишофи онро муайян намекунад. Илм шакли олитарини донишхоест, ки тавассути методхои махсуси маърифат ба даст оварда шуда, ба воситаи мафхуму категорияхо баён гардида, хакикати ин донишхо дар амалияи ҷамъиятӣ санҷида шуда, вокеияти он дар ҷараёни фаъолияти истехсолӣ исбот мегардад. Илм низоми мафхумхо дар бораи зухурот ва конуниятхои олами берун ва фаъолияти маънавии одамон аст, ки имконият дорад дурнамои оламро тархрезӣ намуда, ба манфиати инсон ҷомеа вокеияти хаётиро тағйир дихад. Дар илм хама натиҷаю хулосахои хатто дар таҷриба исботёфта хам ба шубха гирифта шуда, бузургтарин намунаи назарияи илмӣ дар фазои тағйирёбӣ, интиқод ва ботилсозӣ карор мегирад ва хамин принсипи танкиду башубхагузорӣ яке аз омилхои мухими тараккиёти илм аст. Харчанд ки намояндагони илм сохибэхтироманд, вале дар илм ба авторитету парастиш, кӯр-кӯрона эътикод бастан мумкин нест. Илм шакли мустакили шуури ҷамъиятӣ ва кувваи бузурги истехсолкунанда аст. . .

Навиштаи дигари ин олимони «огӯшта ба дин» бисёр соддалавхона ва кӯдакона аст. Ин тахлилгарон бо ин баёнашон аз фахмиши муллои мукаррарии дехас боло нарафтаанд: «Агар худованд олиму хаким бошад, чаро илми илохӣ набудааст. Агар дар Қуръон навъхои гуногуни илм баён шуда бошад, чаро «улуми куръонӣ» набудааст» (с. 111). Ин андеша дар ҷараёни эътикод ва мухаббат ба нерӯи фавкулоддае пайдо шудааст, ки инсонхои ночору ноилоҷ ба ҷуз хамин эътикод чизи дигареро намедонистанд. Раванди конунии ба иродаи хеҷ касе вобастанабудаи инкишофи олам дар афкори одамон, пеш аз хама, файласуфони антикаю баъдӣ (хусусан ахли навафлотуния) назарияи худованд – вохидро, ки сарчашма ва сарогози олам хисобида мешуд, эҷод намуд. Дар ин фахмиш худо-

мекунанд, ки «инҷо тафсири истилохи «илм» зарур ас
(с. 111). Шумо «олимони боғаквою сӯфӣ» дар д
ништоххо хонда будед, аз фанни «Фалсафа ва методоло-
гияи илм» дарс хондед, имтихонхои номзадӣ кабул ме
нед, магар то хол барои худ маъно ва мохияти илм
ошкор насохтаед?

Ба каммаълумоттарин олим маълум аст, ки аз тафсир
илм, агар он хамчун илм тафсир карда шавад, дин намеб
рояд. Айнан хамин хел, агар дин хамчун дин, хам
чахонбиние, ки ба эътикод асос ёфтаю инсону инсоният
танхо дар доираи сарнавишти каблан навишташуда таф-
сир карда, ӯро ба сӯи умед доштан баъд аз мурданаш д
даргохи ҷаннат, рохбаладӣ намояд, аз он илм намебарояд.

Эхсоси вафодорӣ ба дин ва шӯхратёр шудан дар ми
ни «ахли улуми исломӣ» онхоро маҷбур месозад аз м
фиатхои «шаюх, суфиёну воизон»-и ҷомеаи баъдишӯр
вии Тоҷикистон ба кавли худашон «дифоъ» наму
«изхори самимонаи ихлосу эхтиромашон»-ро арз бик
ранд. Якин аст: синтези илму дин новобаста ба хилоф
шӯхратҷӯёнаашон ба онхо хеч шӯхрате нахохад овар
Шӯхратҷӯии Абдулозода ва А. Шамолов ба онхо ч
шухрати олимӣ меорад? Баръакс шухрати илмии онхоро
агар шухрати олимӣ дошта бошанд, ба нестӣ мебарад.

Дар масъалаи омехта сохтани дин ба илм ва ё ба ди
пӯшонидани «ҷомаи илмӣ» тахлилгарон дур намер
ванд, аз мундариҷаи маколаи онхо маълум мешавад, к
онхо аллакай рохгум задаанд. Тафсири илм хануз
маколаи онхо дар хазорхо маколахо, тахкикотхо, луғат
номахо ва энсиклопедияхо дода шуда буд ва дар ин хус
тахлилгарон чизи нав дода наметавонанд. Аз илм дин
сохтан ё аз дин илм сохтан дарди бедавои тахлилгарон
гардидааст, илоҷи онро наёфта, бахонаҷӯихои зиёд ме-
кунанд, вале, баръакс, бесаводии худро дар илмшинос
нишон медиханд, бо майна ва донишхои худ ин масъа-
ларо хал карда натавониста, ба амалхои он тарафи
сархад ишора карда, мегӯянд: «Агар ба гапхои мо бовар
накунед, китобхои дар Москва ва мамолики Ғарб чоп-



шударо нигох кунед, дар онхо «улуми исломӣ» навишта
шудааст» (с. 111). Гумон меравад дар китобхои мамоли-
ки Ғарб бонги дашному хакоратхо низ бошад ва хайрият
аст, ки муфассирони мо дашному хакоратхои дар ки-
тобхои «мамолики Ғарб» навишта шударо низ илм
нахисобиданд.

Ҷанобон, агар шумо олим бошед, ягон чизро донед, ба
харифон ба аклу донишхои худатон ҷавоб дихед, ба
«амалхоятон» аз Москва ва Ғарб ишора накунед, мо бо
онхо бахс накардаем, бо шумо бахс дорем. Ин «ҷавобе», ки
шумо аз номи амалхои он тарафи сархадатон ба мо
медихед, ҷавоби кӯдакона аст. Дар Москва ва Ғарб
хазорхо китобхо навишта шудаанд, лекин шумо намедонед
дар кадоме аз ин китобхо «улуми исломӣ» навишта шуда-
аст. Худи шумо мохияти масъаларо нафахмидед, онро
ошкор сохта наметавонед, барои хамин хам ба мо харифон
тавсия медихед, ки китобхои ҷавобгӯи максаду амалатон-
ро аз Москва ва Ғарб ёфтаю хонем. Ҷавоби худи шумо дар
куҷост? Ин тараф зӯр зада, он тараф зӯр зада, илоҷи халли
масъаларо ёфта натавониста, тахлилгарон ба харифон ва
хонандагон тавсия медиханд, ки «назму низоми офарини-
ши олам ва дарки онро ба қолаби илмӣ, ки қобили акл
бошад, баррасӣ кардан зарур аст».

Дар ин гуфтаи тахлилгарон як бемаънигӣ вуҷуд до-
рад, ки онро худи онхо нафахмиданд: бе дарки олам
қолаби илмии он аз куҷо пайдо мешавад. Илм қолаби
пешакӣ додашудаи олам нест, қолаби (қолабхои) илмии
(моделхои манзарахои илмии) олам дар протсесси
маърифати олам, дигаргунсозихои амалии он пайдо ме-
шавад. Тахлилгарон масъаларо чаппа мегузоранд: қо-
либхои аклӣ модели вокеии оламанд, ба ҷои он ки
инъикосу азхудкунии олам қолибхои аклӣ-маърифатиро
ташкил диханд. Чунин чаппа маънидодкунии олам зуху-
роти фахмиши шизофрении олам ва маърифати он аст.
Хама он чизе, ки «қобили кабули акл»-и тахлилгарон
аст, онро илм гуфтан мумкин нест, харчанд худи онхо
хар чизе, ки ба хаёлу майнаи мушаввашн онхо омадаро

илм мегӯянд. (Ман дар поён ба ин масъала боз бармегардам). Дар хаёли аҳли таҳлил ҳар гапе, ки аз даҳони онҳо мебарояд, ҳар сухане, ки болои коғаз менависанд илм аст. Барои онҳо на танҳо «илм», балки «илми илмҳо» ҳам шояд тасвир шавад.

Дар робита ба андешаҳои ман ва Ҳ. Бобоёров аз мавқеи илмшиносии бемаънии худ чунин менависанд: «ба фикри С. Наврӯзов ва Ҳ. Бобоёров «илми динӣ» гуфтан аслан нодуруст будааст» (с. 111). Воқеан ҳам, иддаои онҳоро доир ба «илми динӣ», ки ҳар замон бо шаҳомати хос таъкид мекунанд, на танҳо мову Ҳ. Бобоёров, балки аксари олимони муҳаққиқ низ мавриди танқид қарор медиҳанд. Тафсиргарони мо бо чунин изҳори андешаамон, ба қавле моро «айбдору гунаҳкор» меҳисобанд.

Агар ин андешаи мо ғалат бошад ва ба муқаррароти «илмшиносию маърифатии» Шумо мувофиқ наояд, пас исботе кунед, ки «илми динӣ» гуфтан дуруст аст. Канӣ бубинем, ки чӣ далелу бурҳони раднопазиреро аз мавқеи илмшиносии муосир пеш мегузоред. Ноилоҷию дасткӯтоҳиатон он аст, ки ба ин савол ҷавоб надоред, агар хоҳиши ҷавоб додан дошта бошед ҳам. Ҷавоб намеёбед, чунки илм на дин будаву, дин бошад илм нест. Онҳо қутбҳои мухталифи маънавиёт ҳастанд. вазифаҳои (функсияҳои) якдигарро ба ӯҳда нагирифта, таъиноти хосса ва самти фаъолияти ҳаётии дигар доранд.

Таҳлилгарон агар ҳатто китобҳои дарсии фалсафаро варақ зада бошанд, онҷо навишта шудааст, ки донишҳои асотирӣ, муқаррарӣ, динӣ ҳанӯз илм нестанд. Ҳатто фалсафа ҳам чун шакли шуури ҷамъиятӣ ва ҷаҳонбинӣ, дар ҳамон ҳолатҳо метавонад таъиноти илмиро соҳиб шавад, ки агар хулосаю идеяҳои он дар фазои прогресс татбиқ шуда, ба амалияи манфиатовари ҷамъиятӣ, ба армонҳои неку воқеии ҳаётӣ дар роҳи пешрафт ва сабуксозии истеҳсолоти маънавию моддӣ мусоидат намояд. Ё ин ки агар идеяю фарзияҳои фалсафӣ манбаи эҷод шудан ва тезонидани ихтироот ва навовариҳои илмӣ бошанд.

Дармондагии таҳлилгарон дар он зоҳир мешавад, ки на



илм будани динро исбот карда метавонанд, на дин будани илмро. Аз нофаҳмии худ илм ва динро бо ҳам омехта сохта, ба қавле «созиш» дода, ба фазои «рафоқату дӯстӣ» даъват мекунанд, ки ин бошад на илмшиносӣ ва на диншиносӣ аст. Ин хел олиму таҳлилгарон будани онҳо ба ҳеҷ кас, ҳатто барои ҳамон Шуъбаи таърихи фалсафа, ки дар онҷо кор мекунанду аз давлат маош мегиранд, лозим нест. Хубтараш, ки ба ягон кори дигар машғул мешуданд, на динро карикатура мекарданд ва на илмро. Онҳо таъкид мекунанд: «ин ҷо тафсири истилоҳи илм зарур аст» (с. 111). «Истилоҳи илм» дар ихтиёри онҳо ҳаст, вале аз ин истилоҳ истифода бурдаю онро таҳлил карда наметавонанд. Онҳо дар илму дин роҳгумзадагоне ҳастанд, ки наметавонанд муносибати худро ё ба тарафи илм ё ба тарафи дин муайян кунанд. Ягона «ҷавобе», ки ба мо ҳарифон доданд, иборат аз он аст, ки мегӯянд: «агар ба гапҳои мо бовар накунед, китобҳои дар Москва ва мамолики Ғарб чопшударо нигоҳ кунед, дар онҳо «улуми исломӣ» навишта шудааст» (с. 111). Магар ин ҷавоб дар баҳси илмӣ бо ҳарифон аст? Агар онро ҷавоб гуфтан мумкин бошад, пас ҷавоби хеле хандаовар хоҳад буд, зеро ин «ҷавоб» аслан ҷавоб ҳам нест. «Китобҳои дар Москва ва мамолики Ғарб чопшударо хонед» гуфтани онҳо ба миллионҳо китобу маводҳое ишора мекунад, ки ягон институти сернуфус ҳам ҳамаи онро пурра хондаву «далели шайъии» ин таҳлилгаронро рӯи миз бароварда наметавонад. Ҳарчанд мо ва худи таҳлилгарон намедонем, ки «дар Москва ва мамолики Ғарб чӣ қадар китобҳо чоп шудаанд» (кай ва дар куҷо). Наметавонем чизеро дарёфт кунем, ки ба матлаби таҳлилгарон тавъам бошад ва агар ёбем ҳам оё метавонад ҷавоби таҳлилгарон бошад? Ё шумо худатонро аз муаллифони «китобҳои дар Москва ва Ғарб чопшуда» фарқ карда наметавонед? Дар ин ҷумлаи навиштаи таҳлилгарон як муҳоботи нестандарҷаҳоне ҳам ҷой дорад: гӯё, ки онҳо бо китобҳои дар Москва ва мамолики Ғарб чопшуда шиносанд, ҳамаи онҳоро хондаанд ва медонанд, ки дар онҳо «улуми исломӣ» навишта шудааст.

Табиист, ки хамаи «китобхои дар Москва ва мамолики Ғарб чопшударо» онхо нахондаанд, агар ягонтои онхоро хонда бошанду дар он «улуми исломӣ»-ро дида бошанд, маънои «улуми исломӣ» гуфтану навиштани олимони Москва ва Ғарбро нафахмидаанд. Онхо «улуми исломӣ» гуфта бошанд хам, илмро ба фахмиши имрӯзаи он не, ба ки ба маънои ривояхо, сохахо ва шохахои диншиносии ис-ломӣ дар назар доранд. Илмшиносии онхо аз «илмшино-сии» тахлилгарон ба куллӣ фарк дорад, онхо илмро аз ди[н] фарк мекунанд. Агар тахлилгарон ягон китоби дар Москва ва мамолики Ғарб чопшударо дар ин хусус («улуми исломӣ») хонда бошанд, дурӯягиву дурӯғгӯӣ ва умумият накарда, бигӯянд махз дар кадом китобхо «улуми ис-ломӣ» навишта шудааст. Онхо бояд исбот кунанд, ки дар ин китобхо чӣ тавр «улуми исломӣ» хамчун илми замони хозира фахмида ва маънидод шудаанд.

Фикри дар боло иктибосшудаи онхо як «мӯъчизаи» дигар хам дорад. Китобхои дар Москва ва мамолики Ғарб чопшуда ба забонхои европой навишта шудаанд, ба забони точикӣ тарчума нашудаанд. Тахлилгарон бошанд чунин вонамуд месозанд, ки ин забонхоро меда-нанд, ба китобхои ба забонхои аврупой навишташу[да] хело хуб шиносанд.

Ба чумлаи дигари онхо диккат дихед: «Дар вокеъ (?) Султон Наврӯзов масоили диниро намефахмад ва забони точикиро хам дуруст намефахмад, ба пешниходи комилан дурусти (?) Абдуллоев чунон хучум карда (?) харфхои кабех гуфтааст, ки хадду канор надорад» (с. 112).

Дар масъалаи «масоили диниро нафахмидани Наврӯзов» наметавонед эксперт бошед, чунки худи Шу-мо хам он кадар «ба умки проблемахои дин» фурӯ нарафтаед, ки аз худ «олимони бузурги диншинос» та-рошед. Хар тахлиле, ки Шумо мекунед, тахкикгари поён-тар аз сатхи миёна хам кодир аст чунин «фатвохои ил-миро» ироа намояд. Ва поёнтар мо ин «кобилиятхои» Шуморо боз хам амиктар тахлил мекунем.

Дар хусуси он ки Наврӯзов «забони ... ро хам ду-



руст намефахмад», хаминро гуфтаниам, ки ба забони русӣ асар эчод кардани ман хануз маънои нафахмидани забони точикиро надорад. Афсус, шумо аксаран маълумоти олиро дар Донишгохи миллӣ гирифтаед, вале фаромӯш кардаед, ки ман дар худуди зиёда аз 40 сол фалсафаро дар факул-тахои хукукшиносию шаркшиносӣ ва дигар факултахои Донишгохи миллӣ ба забони точикӣ дарс гуфтаам. Солхои донишчӯии баъзе аз шумоёнро низ дар хотир дорам ва кобилиятхои «тахлилгарӣ»-и шуморо низ солхо боз медо-нам ва хушбахтона «мефахмам». Ва ин огохии ман аз «осору ангорахои» Шумо махз дар фазои «такаллумхоятон» ба забони точикӣ ба ман муяссар гаштааст. Танхо як асари ман ба унвони «Бемаърифатӣ дар боргохи маърифат». (20 сол пеш ба забони точикӣ навишта будам), кифоят аст за-бондонии манро ба даъвогарон ва мунаккидони тахлилгар маълум созад. Дар ин китоб онхоеро, ки дар навиштани маколаю маводхояшон ба забони точикӣ ба вайрон кар-дани олитарин мукаррароти лингвистию грамматикии за-бони точикӣ даст зада, чоплусию бемаърифатӣ, беман-тикию дурӯғгӯӣ, «вохима»-нигорию тахлукаандозиро пеш гирифтаанд, сахт танкид кардаам. Тахлилгарон агар аз ки-тобхои чи ба забони русӣ ва чи ба забони точикӣ навиштаам огохии хуб медоштанд, чунин хукмхои беман-тик набароварда, бо чунин лафзи нокомил матлабашонро баён намекарданд.

Акнун давоми чумлаи ин «забондонхо»-ро нигаред: «. . . ба пешниходи комилан дурусти Абдуллоев чунон хучум карда харфхои кабех гуфтааст». Ачоиб андешаро-ние! «Ба пешниходи комилан дуруст» хучум кардан мум-кин нест. Хучум амалиёти чисмонӣ аст. Пешниходро бошад, ё маъкул медонанд ва ё рад мекунанд. Тахлилиён дар ин чо мафхуми «пешниходи комилан дуруст»-ро бечо истифода мебаранд. Ба «пешниходи комилан ду-руст» мушту лагад ва калтак задан номумкин аст, «Пеш-ниход» мавчуди зинда ё хамлаи чисмонии хавфнок нест, ки ба он хучум кунанд. «Хучум кардан ба пешниход» гу... ...меравад «забондонӣ»-и худи Абдуллоев бошад.

Ҳамон «пешниходи комилан дуруст»-и Абдуллоев, ки
мавриди «хучум» карор гирифта буд, чунин аст: «Дине,
ки бар пояи илм омӯзонда намешавад, пайравонашро ба
чаҳолат мебарад» (с. 112). Яъне, барои раҳоӣ ёфтан аз
чаҳолати динӣ, дин бояд «дар пояи илм» омӯзонда ша-
вад.

Чунин фахмиш боз маънои онро дорад, ки дин худки-
фоя нест ва ба он мадору такягоҳи нав додан лозим ме-
шавад. Тарафи дигари масъала он аст, ки шахсони
пайравонашонро «дар пояи илм» сабакдихандаю омӯзо-
нанда, аз илм тасаввуроте надоранд, чӣ тавр пайравони
динро дар пояи илм меомӯзонанд? Ҷамъи таҳлилгарон
бо Абдуллозода хамаи онхоро дар «пояи илм» дин
омӯзонда наметавонанд. Илм таъйиноту вазифаҳои худ-
ро дошта, хизматгузори дин гардондани он бемаънист.
Ҳукми бемантике, ки ба андешаиАбдуллоев омадааст,
набояд хулосабарории илмӣ бошад. Ин парешонию бе-
бунёдии ҳукми бофтаи ӯро набояд мисли таҳлилгарони
гумном «пешниходи комилан дуруст» баҳо гузошт.

Дар пояи илм, бо истифода аз усулу восташои илмӣ
диндор кардани мардум, пешниход ва таклифи беакло-
наи ӯст. «Илми динӣ» ва «дин дар пояи илм» гуфтани
ва аҳлитаҳлил ба ҳеҷ ваҷҳ кобили кабул нахоҳад буд.

Таҳлилгарон ба ҳамин масъала боз дахл намуда, ху-
лоса мекунанд, ки гӯё ману Абдулозода айнан як матла-
бро пазируфтаю як маъниро пайравӣ мекунем: «Абдул-
лоев ва С. Наврӯзов як чизро гуфта истодаанд, вале
Наврӯзов аз сабаби надонистани забони тоҷикӣ (?) хуло-
са мекунад, ки «религия на почве науки- это самая
настоящая глупость, которую допускает Абдуллоев» (с.
112). Наврӯзов аз ин фикраш рӯ намегардонад ва боз
такрор мекунад, ки Абдуллоев «допускал самую насто-
ящую глупость». Ӯ ҳеҷ фахмида наметавонад, ки пайдо-
иши дин ва чаҳонбинии динӣ аз сарҳади илм хело дур
аст ва садсолаҳо баъд ҳам ходимони дин ҳама гуна ан-
дешаю идеяи илмиро на танҳо ба низоми маорифи динӣ
роҳ намедоданд, балки одитарин намунаҳои афкори ил-



мию наздикиилмиро аз ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷомеа (агар ониҷо камтараке ҳам таъсир медоштанд) рӯфтаю нест карданӣ мешуданд. Илм он тараф истад, ҳама гуна андешаи озоду муттараккиро пахш мекарданд. Аз ин нуктаи назар ҳам, фикри ӯ «Дин дар пояи илм» - «самая настоящая глупость» мебошад.

Дар масъалаи «дин дар пояи илм» ман ҳеҷ вақт бо Абдуллоев ҳамфикр набудам, ҳамон «як чизро» якҷоя бо ӯ нагуфтам. Ин афсонаи худи Абдуллоев аст. Ман ҳеҷ вақт бо Абдуллоев ҳамфикр буда наметавонам, чунки ӯ аз мавқеи ислому ирфону тасаввуф гап мезанад, ман аз мавқеи илм. Дин дин аст, илм илм. Илмро агар дар доираи фахмиши Абдулоев нею, ба маънии аслӣ ва категориявии он таҳлил намоем, мундариҷаи воқеии илм комилан тасвири дигар мегирад. Илм шакли фаъолияти махсуси инсон, ҷаҳонбинии озодест ба хотири дигаргунсозии олами муҳит дар роҳи прогресси иҷтимоию иқтисодӣ. Илм маснади саодатманд сохтани инсони заминӣ будаву нерӯи истеҳсолкунанда ва маҳаки пешрафти фарҳангу тамаддуни ҷаҳонист.

Агар дар кишварҳои исломӣ ягон-ягон кашфиёти илмӣ пазируфта мешаванд, ин ҳаргиз маънии онро надорад, ки ин пазируфтанҳо ба шарофати дин комгор гаштаанд. Ин кабули ноилоҷонаи дастовардҳои илму техника шаҳодати он аст, ки илм ва прогресси технологӣ новобаста ба таассуби рӯҳониёну идеологҳои динӣ ба ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ (ҳатто дар кишварҳои исломӣ ҳам) чун талаботу тақозои истеҳсолоти техногенӣ зада дохил мешавад. Паҳн шудани бозори ҷаҳонӣ, афзудани сармояи молиявӣ кишрҳои хуфтаи афкори таассубию диниро пора-пора сохта, мундариҷаи ҷаҳонбинии диниро ба фазои тазоду задухӯрдҳо роҳандозӣ мекунад. . .

Хело хуб мешуд, агар таҳлилиён маънои «илмро» нафаҳмида бошанд, бояд донишҳои худро пурра кунанд. Бо дото дигарон ба «илмшиносии» онҳо нахандaнд. Бо дуниш-ҳое, ки онҳо бо ҳарифон кувваозмоӣ мекунанд, хуништаво ки онҳо бо харифон куввaозмоӣ мекунанд, ху-

хандаовар мегузоранд. Таҳлилгарони академӣ дар ф
зишкорӣ бо Абдуллозода чӣ қадар ҷонканиҳо в
дурӯггӯиҳо ба харҷ надиҳанд, аз илм дин сохта намета
вонанд.

«Мо ин ҳарфҳои С. Наврузовро барои он овардем, ки
Ҳафиз Бобоёров дар масъалаи дину илм ба паноҳандаи ил
илҳомоварандаи (?) ҳеҷ истинод овардааст» (с. 111)
Мантиқро бинед: агар Бобоёров ба Наврӯзов «истинод»
намекард, муаллифон «ин ҳарфҳои С. Наврӯзовро
намеоварданд» ва мақолаи худро ҳам наменавиштан
Бобоёров ба кӣ пайравӣ мекунад ё ба кӣ пайравӣ наме
кунад, ин кори шахсии ӯст.

Дар мавриди «илҳом» ҳам таҳлилгарон бефаҳмӣ ва
камхирадии худро нишон медиҳанд. Илҳом чизе нест, ки
он аз як киса ба кисаи дигар, аз як калла ба каллаи дигар
андохта шавад, аз як кас ба каси дигар тӯҳфа карда ш
вад. Таҳлилгарон-аналитикҳо, маро танқид кунед, ва
Ҳафиз Бобоёровро, «айби Исоро аз Мӯсо» наҷӯед. «Г
ноҳ»-и маро ба гардани Бобоёров бор накунед.

Боз як айбдоркунии дигар: «Ҳафиз Бобоёров аз номи
С. Наврӯзов илмҳои ёдшударо («илмҳои диниро») бо
зеҳни хоми худ баҳо дода навиштанд (?), ки ин илмҳо
«никогда наукой не были и никакого отношения к науке
не имеют» (с. 112). Таҳлилгарон ин иқтибосро аз номи
ману Бобоёров оварданд, вале он гапи ман аст. Баъд
онҳо ба мо бе ултиматум муроҷиат карда, менависанд
«Ҳоло шумо мехоҳед ё намехоҳед ва ё таврс ки таърифи
илмро ба фоидаи худ (?), барои ифодаи фикрҳои нопухта
ва ғайри илмӣ тафсир накунед, илмҳои динӣ вуҷуд до
ранд»...(с. 112). Ба ин ултиматуми онҳо, ки матну мун
даричаи абдуллозодагӣ дорад, ман чунин ҷавоб медиҳ
донам: Шумо мехоҳед ё намехоҳед, ҳеҷ вақт аз илм дин
сохта наметавонед, илм ҳамчун маърифати умумиинсонӣ
бе ислом вуҷуд дорад. Илм куҷову дин куҷо? Тақлид
илм ва роҳҳои никишофи он дар ...
чорағони дар илм дармонда ...
дар ҳикмати халқ омад...

мо бо ин ултиматуми худ фақат дар илм бечорагӣ, дар-
мондагӣ ва фанатизми динии худро нишон медиҳед,
бесаводии худро исбот мекунед, хато намефаҳмед, ки
таърифи айниятноки илм ба фоидаи шахсони алоҳида
не, балки ба фоидаи худи илм аст. Илм моли хусусии
шахсони алоҳида не, балки моли умумиинсонӣ аст. Шу-
мо ба ғайр аз «Илмҳои динӣ вуҷуд доранд» гуфтан,
маҳорату қобилият ва дониши исбот кардани гапи худа-
тон – «илм дин аст»-ро надоред. Агар шумо олим бошед,
дар кадом шаклҳои вуҷуд доштани «илмҳои динӣ» дар
ҷамъият кадом тағйироту дигаргуниҳоро ба амал овар-
данд, ба инсоният чӣ доданд ва чӣ дода метавонанд, ис-
бот кунед. Шумо ба чунин «исбот»-е, ки («илмҳои динӣ
вуҷуд доранд») дар мақолаатон овардед, динро илм кар-
да наметавонед, фақат афсонаҳои худро ба мо ҳарифон
нақл мекунед. Афсонагӯӣ илм нест, шумо афсонагӯии
динии худро илм мегӯед, чунки ҳунари аз мавқеи илми
муосир фаҳмидану баҳо додан ба динро надоред, дар
афсонаҳои динии худ аз номи илм ҳаннотӣ мекунед.
Шумо чунон кӯрназар ҳастед, ки догмаҳо, ривоятҳо ва
муқарраротн диниро, ки ҳазорсолаҳо вуҷуд доранд ва ба
пешрафти илм чизе надодаанд, илм мегӯед. Бо ин
«илмшиносиатон» шарм намедоред?

Дар фикри дар боло иқтибосшудаи таҳлилгарон
ҳайратовар боз он аст, ки аз «таърифи илм» ба фоидаи
шахсӣ истифода бурдан мумкин будааст. Мо ҳарифони
таҳлилгарон намехоҳем, ки «таърифи илм» ба фоидаи мо
ҳал шавад, чунки нағз мефаҳмем, ки илм моли шахсии
мо нест. Аз илм дин сохтан ё илму динро дар пешрафти
ҷамъияту инсоният баробармартаба ҳисоб кардан аб-
лаҳӣ аст. Таҳлилгарон илму динро ба ҳам омехта сохта,
динро дар қатори илм омили пешравии ҷамъияту инсо-
ният нишон додани мешаванд, ба мо талқин мекунанд,
ки ба ин фикри беаклонаи онҳо хурдагирӣ накунем. Вале
мо ин фикри барғалату мазмунан пучи онҳоро қабул
надорем. Ин фикри мутлақо хатои онҳо боз як бори ди-

си худашон, яъне таърихи фалсафаи тоҷик, балки дар масъалаҳои умумиилмӣ ҳам бесаводанд.

Илм моли ману Бобоёров ва моли ягон каси дигар нест, дастоварди тамоми инсоният аст. Мо ҳеҷ вақт нагуфтаем, ки таърифи илм бояд «ба фоидаи мо ҳал шавад». Вақте ки таҳлилгарони академӣ ба сабаби бесаводии илмии худ мегӯянд, ки «мо мехоҳем «таърифи илм» ба фоидаи мо ҳал шавад», гапи бисёр беаклона мезананд. Дар ин масъала ҳақиқат дигар аст, на он аст, ки онро таҳлилиён бардурӯғ ба дигарон талқин мекунанд. Он чие, ки ба гуфтаҳои онҳо «илми динӣ», «дин дар пояи илм» дахл дорад, на илмшиносӣ аст ва на диншиносӣ. Таҳлилгарон-аналитикҳо худашон намедонанд, ки дар як сатри мақолаашон чӣ менависанд ва дар сатри дигари он чӣ мегӯянд. Мо дар боло ақидаи онҳоро дар бораи «аҳкоми динӣ, ки тору пули мафкураи аксари кулли аҳолии ҷумҳуриҳои Осиёи Миёнаро печонида гирифтааст, ба фардои фирӯзу саодатманд расида наметавонем»-ро (с. 111) овардем. Дар ин ҷо бошад ба сабаби парешонхотирӣ ва бемантик мулоҳизаронии ху... онҳо ба таври чаппа масъалагузорӣ мекунанд, гӯё ки аз ху... бегона гашта, мавқеи аввалаи худро намефаҳманд.

Дар ин дурӯягӣ ман боз Абдуллозодаро мебинам, ки ӯ бо кормандони Шуъбаи таърихи фалсафа ҳамроҳ шуда фикр мекунад, ки аз ин ҳамроҳшавӣ дурӯягии ӯ боз пурқувваттар мешавад. Мумкин ҳарифонро тарсонад. Вале мо ҳарифон на аз Абдуллозода, на аз Шуъбаи таърихи фалсафа ягон тарсу ҳарос надорем, чун кӣ ва чӣ будани онҳоро нағз медонем. Ин ҷо боз гап дар он аст, ки худи онҳо мавқеи ишғолкардаи худро нафаҳмиданд ва бо мо баҳси беҳуда мекунанд ва дурӯягии худро фош месозанд, чунки фикри аввалаи худро дар хусуси бо аҳкоми дин гай... рииҷкон аст расидан «баояндаи фирӯзу саодатманд»-ро фаромӯш карда, боз мегӯянд ... исломӣ» машғуланд ... моҳияти улум... меояд...

шудааст ва онҳо дурӯягӣ мекунанд. «Аз мавқеи илми замони ҳозира» маънидод кардани «консепсияҳои теологии равияҳои динӣ» гуфтани онҳо, дар шакли дигар такрор кардани ҳамон «илми динӣ», «дин дар пояи илм» аст. Бо ин дурӯягии худ фикр мекунанд, ки ин рафтори маккоронаи онҳо ба ҳарифон ва хонандагон ноаён мемонад.

Мақсади асосии таҳлилиёни дингаро тобеи дин гардонидани илм аст. Чӣ онҳоро ба ин омехтасозии илму дин маҷбур месозад? Кӯрназарии илмии худи онҳо ва дастгирии пуливу молии Фатҳулло Гулени турк ва рӯҳониёну сиёсатмадорони бисёр мамлакатҳои араб. Онҳо мехоҳанд ҷамъияти муосирро исломӣ гардонанд.

гӯё ҳамаи мафҳуму истилоҳот, категорияҳои маърифатии илму фалсафаи тоҷик аз ислом пайдо шудаанд. Онҳо як чизро намефаҳманд, ки дар назарияи маърифат ва дар фалсафа то ба расмият даромадани ислом низ мафҳуму категорияҳо вуҷуд доштанд. Фарҳанги тоҷик ва дигар халқҳое, ки баъдтар тобеи ислом гардонида шуданд, аз ин мафҳуму категорияҳо истифода мебурданд. Агар афкори назариявии фалсафӣ, адабию маърифатӣ то ислом вуҷуд намедоштанд, тоҷикон чӣ тавр соҳиби маърифати тоисломӣ мебуданд? Минбаъд дар рафти ташаккули илму фалсафа мафҳуму категорияҳои нав пайдо шуданд ва ҳоло ҳозир бе фатвоҳои аҳли таҳлилу тафсир ҳам мафҳуму категорияҳои нав пайдо мешаванд ва ин протсесс давом дорад. Таъиноти илму фалсафа аз таъиноти дин фарқ дорад. Истилоҳоту муқаррароти исломӣ наметавонанд ҷои мафҳуму категорияҳои илмиро гиранд, доираи ҳодисоту қонуниятҳои мавҷудияту инкишофи оламро маҳдуд ё навсозӣ кунанд. Тафсиргарони «таърихи фалсафа» ба сабаби нофаҳмӣ, маҳдудии тафаккуру ҷаҳонбинии худ бо мафҳуму категорияҳои илмӣ бозӣ мекунанд. Ин кори онҳо амалеро мемонад, ки онро бо ақли худ не, аз рӯи муқаррароти исломӣ «маърифат» мекунанд. Вале ин маърифати илмӣ нест. Дар асри XXI маҳз роҳу равишҳои нави таҳқиқоти илмӣ мавриди эътибор ва таваҷҷуҳи олимону донишмандон қарор гирифтанд, на теология ва догмаҳои динӣ. Тафсиргарон бошанд, замонасозӣ карда, тарафдори модерн гардондани исломи архаикӣ ва архитипӣ мебошанд. Синтези илму дину ирфонро пешниҳод намуда, албатта динро бологузар ва илмро мутеъ ва дастнигари дин сохтанӣ мешаванд. Вале, сарфи назар аз ин «реформа»- и онҳо, дину ирфон ҷойгузини илм шуда наметавонад.

Таҳлилиён аз шууре, ки табиат, таърих ва ҷамъият ба онҳо додааст, дунёи ирфону тасаввуф сохтанӣ мешаванд. [illegible] тоҷиконро дар тӯли таърихи [illegible] ирфонӣ тобеъ сохта, [illegible]

исломӣ медонанд. Ин андешаи танг ва маҳдуди худи онҳост, дар асл ҳаргиз наметавонанд фарҳанги моддию маънавӣ, идеологияю психологияи ҷамъиятию таърихӣ ва арзишҳои миллии як халқро тобеи дину ирфон кунанд. Фарҳанги тоҷик ва ҳар як халқи дигар аз дину ирфон ва мистика иборат буда наметавонад ва инро таърихи инсоният ҳам тасдиқ накардааст. Дар таъбири барғалати таҳлилиёни муҳаммадхоҷаевӣ, ҳазратқуловӣ, олимовӣ, шамоловӣ ва абдуллозодагӣ кифоя будааст, ки бо таълимоти динӣ халқ соҳиби маърифату маънавиёт, адабиёту фарҳанг шавад. Чунин фаҳмиш дар алоқамандӣ ба маърифату маънавиёт ва фарҳанг ба ҳақиқати таърихӣ рост намеояд ва онро ягон солимақл қабул надорад.

Дар мақолаи тафсиргарон, ғайр аз он чизе ки дар боло овардему баррасӣ кардем, боз даҳҳо масъалагузориҳои дигаре ҷой доранд, ки ба мавзӯи баҳс муносибат надоранд. Масалан, онҳо менависанд: «Шуъбаи таърихи фалсафа дар муддати панҷ соли охир ба навиштан ва чоп кардани «Таърихи фалсафаи тоҷик» машғул аст» (с. 109); «Ҳар сол раёсати институтҳо дар бораи мавзӯъҳои тадқиқотӣ ҳисобот медиҳанд» (с. 109); «Институти фалсафа тибқи Шӯрои ҳамоҳангсозии мавзӯъҳои таҳқиқотии Академияи илмҳо мавзӯъҳоро тасдиқ ва ба воҳидҳои худ, аз ҷумла ба Институти фалсафа, барои иҷро ирсол менамояд ва ҳар сол Раёсати институтҳо барои иҷрои мавзӯъҳои таҳқиқотӣ ҳисобот медиҳанд» (с. 109-110); «Бокӯшиши Миён Муҳаммад Шариф «Таърихи фалсафа дар ислом» ва асари якчилдаи Ҳенри Корбен «Таърихи фалсафаи исломӣ»-ро навиштанд» (с. 109-110).

Ин хел ҳисоботҳо дар мақола хеле зиёд оварда шудаанд. Бо кадом мақсад – бо мақсади калон кардани ҳаҷми мақола ё ки бо мақсади тарсондани ҳарифон аз номи дигарон? Вале мо – иштирокдорони тарафи дигари баҳс аз тафсиргарону таҳлилгарон ин хел ҳисоботҳо талаб накардаем. Чунин ҳисоб мекунем, ки ин хел ҳисоботҳо ба баҳси мо ва онҳо ягон муносибат надоранд. Дар контексти (партави)

Магар пайдоиши инсону чамъият, конуниятхои объективии олам, дурнамои пешрафти инсониятро чӣ тавр ба колаби андешахои динӣ чой сохта ва онхоро исломӣ бахо додан, дур шудан аз илм нест? Прогресси чамъият, инсони ба оянда харакаткунандаро боздошта, ба меъёрхои хазорсола шахшуда тобеъ карда мешавад? Илм дар сафи аввали прогресс карор дорад, мустакилу озод аз хама таассуб, самтхои ноаёни асрори табиату кайхонро тасхир месозад. Чунин равишу метод ва шакли баррасии мавзӯхо, ки Абдуллозода ва тахлилиёни бо ӯ хамфикр истифода мебаранд, илмӣ намебошанд. Дар навиштахои Абдуллозода ба як чиз диккат надодан мумкин нест: фарханги тамаддуни точикро аз зухури дини араб медонад, ки фахмиши мутлако дурӯгу хато ва тамаддункоронааст.

нагузаронданд ва дар ин хусус бе далелу бе исбот беҳудагӯӣ мекунанд.

Динҳои ғайриисломӣ низ решаҳои худро доранд, ҳоло ҳам решаҳои худро гум накардаанд. исломро аз онҳо боло гузоштан кори боақлона нест. Ин динҳо худро аз ислом дида пасттар ҳисоб намекунанд. Таҳлилгарони исломӣ як чизро ба назар намегиранд ё аз эътибор берун ҳисоб мекунанд, ки ислом дар таълимоти худ бисёр чизҳоро аз «динҳои иброҳимӣ» гирифта буд. Чунин ақидаи таҳлилгарони исломшинос аз ақидаҳои эътиқодмандони қатории ислом фарқ надорад: ислом дини аз ҳама «хуб» ва «зӯр» аст.

Боз як каромати дигари таҳлилгарон: «Чун вуҷуду истеъдоди инсон ба далели «қавии ҷомеъ» буданаш нисбат ба дигар падидаҳои олами моддӣ ҳеҷгуна маҳдудият надорад, ӯ вақте ин масири такомулро тай мекунад, ба ҷуз оне, ки худ ҷузъе аз кулл аст, тамоми ҷаҳони ҳастӣ дар ихтиёри вуҷуди ӯ қарор мегирад. Ӯ ба танҳоӣ ҳамон ҳастӣ аст…» (с. 120).

Маболо ин «инсон» худи Абдуллозода ё Шамолов аз таҳлилиён бошад? «Инсоне», ки онҳо мегӯянд инсони хаёлӣ ва мистикӣ аст. Инсоне, ки «нисбат ба дигар падидаҳои олами моддӣ ҳеҷ гуна маҳдудият надорад», ё худи он мавҷудияти моддӣ нест, ҳоло ба дунё наомадааст. Аз пайдоиши инсон то имрӯз миллионҳо сол гузашт, вале ҳеҷ нест, ки ӯ олами моддиро дар итоати худ дароварда бошад. Инсон бо олами моддӣ фақат робита ва алоқамандие дорад, ки он ҳам ба хотири такомули авзои зистан ва хуб зиндагӣ бурдани ӯст. Агар тамоми олами моддӣ дар итоати инсон ва ба инсон фарогиранда мебуданд, он гоҳ олами ҳастӣ намебуд, танҳо олами инсонии дар худ вуҷуддошта ва дар худ зиндагиву амалкунанда мебуду халос. Дар ин сурат таҳлилгарони мо ҳеҷ вақт миранда намебуданд. Инсон «аз падидаҳои олами моддӣ», аз «тамоми олами ҳастӣ» вобастагӣ дорад, то ҳадди имкон бо олами наздике, ки ӯро иҳота кардааст, алоқаманд аст, бо он ҳамкорӣ мекунад, дар протсесси меҳнат ва фаъолияти ҷамъия-

таърихи фалсафа дар бораи эволютсияи табиӣ тасавву-
роти айниятнок надоранд ё хостанд ба он «навоварӣ»-е
ворид созанд: «ҳамаи ашё ва падидаҳо»-и олами мод-
диро ба сатҳи инсон наздик гардонанд ё монанд созанд,
ба хонандагон нишон диҳанд, ки эшон аз ҳисоби ҳамон
таърихчиёни фалсафаанд, ки таълимоти эволютсиониро
ҳам «хуб» мефаҳманд. Вале бархилофи ин кароматй
таҳлилгарон худи эволютсия нишон дод ва илм исбот
кард, ки «ҳамаи ашё ва падидаҳо дар олами моддӣ «ба
дараҷаи инсон накӯшиданд» ва нарасидаанд. Дар ин
мавриди ҳам таҳлилгарони «навовар» чӣ гуфтани худа-
шонро намефаҳманд ва бо бефаҳмиву нодонии худ дига-
ронро маълумотнок кардан мехоҳанд. Дар ин «навова-
рии» худ ба таълимоти эволютсионӣ онҳо ба як
бефаҳмии дигар ҳам роҳ доданд: ба ҷамодот мартабаи
олами зинларо доданд, чунки ҷамодот (олами ғайриор-
ганикӣ) ҳам «ба дараҷаи инсон мекӯшидааст». Таҳлил-
гарони дар эволютсия «навовар» ба олами атроф нига-
ред, то ҳоло чизе аз ҷамодот Абдуллозода ё
таърихчиифалсафа нашудааст. Сарфи назар аз «навова-
риҳо»-и шумо дар эволютсия, қонунҳои онро чаппа гар-
донда наметавонед. Дар мақолаи таҳлилгарон, чӣ хеле
ки мебинем, навовариҳои зиёде на фақат ба ислом,
таърихи фалсафаи тоҷик, балки ба проблемаҳои умуми-
илмӣ ҳам ворид сохта шудаанд. Зиёда аз нисфи мақола
ба масъалаҳое бахшида шудаанд, ки ба баҳси байни мо-
ву онҳомуносибат надоранд.

Ёдовар мешавем, ки баҳси Ҳ. Бобоёров бо таҳлилиён аз
теологизатсияи таҳқиқотҳои Шуъбаи таърихи фалсафаи
тоҷик, аз азнавсозиҳо ва модернизатсияи ақидаҳои арха-
икии гузашта сар шуд. Ҳарчанд ки азнавсозию модернгар-
... таълимоту ақидаҳои динии кӯҳна ба замони ҳозира
...ив намедиҳанд. эҳёгардониҳои таълимотҳои
...архои олимони ҷамъиятшиноси мо ҳам хеле
...нҳо шинос шуда, ба хулосае омадан мумкин
...р замони баъд аз шӯравӣ барои мо ғайр аз
...рӯгардонкуниҳои таълимотҳои дақёнусӣ

мавзуъ ва проблемахои нави тахкикотӣ ёфт наметавонад. Фикри тахлилиён — таърихчиёни фалсафаи точик дар бораи мутуни таърихии ин ё он таълимоту чахонбинӣ, «матни асархои фалсафӣ» фикрест, ки дар матнимаколаи худи онхо замонавӣ гардонида шудааст. Агар «мутуни (контексти) таърихии замон аз рӯи «матни асархои фалсафӣ» вокеӣ мегардид, ин маънои онро медошт, ки на «матни асархои фалсафӣ» аз рӯи «мутуни таърихии замон», баръакс, замон аз рӯи «матни асархои фалсафӣ» вокеият меёбад. Дар вокеият, чунин фикр кардан иштибох аст, лекин дар маколаи тахлилиён хамин акида фикри асосӣ мебошад. Гояву гуфтахои дигари онхо тобеи хамин фикри «асосӣ» мешаванд, дар холе ки ин аз чихати методологӣ хато аст. Агар вазъияти таърихӣ, ичтимоии чамъият аз рӯи «матнхои асархои фалсафӣ» вокеият ёбаду муайян карда шавад, дар ин холат вазъияти таърихию ичтимоӣ, замони пайдоиши онхо, инъикосу ошкоресозии онхо на аз рӯи вокеияту зарурияти таърихӣ, на бо такозои талаботи замон, балки дар заминаи сенарияи пешакии китобхои фалсафии онхо сурат мегирифтааст. Дар ин сурат хастии замон, ходисоту рӯйдодхои дар он ба амал меомадагӣ мохияти объективии худро гум мекунанд. Ба хато рафта, тахлилиён рафти замон, инкишофи чамъият ва протсесси маърифатии инсониро аз рӯи чунин сенария муайян мекунанд. Барои олими мукаррарӣ маълум аст, ки хар як фарханги миллӣ раванди кӯхнашавӣ ва азнавсозиро фаро гирифтааст ва он ба конунхои муайяни чамъиятӣ тобеанд. Аз лихози тахлилиён дар фарханги миллии мо ин конуният кор намекунад, онро нафахмида, тахлилиён фарханги имрӯзаи моро тобеи таълимоти ислом мегардонанд, донишмандӣ ва олимии худро дар рӯгардонкунихои догмахои диниву ирфонӣ мебинанд. Хатто ба дигарон тавсия медиханд, ки аз рӯи хамин усули нодуруст, тахкикоти худро пеш баранд. Онхо мухлисону пайравони чунин фарханги маънавияте хастанд, ки хам барои муллову рӯхонӣ, хам барои сиёсатмадору донишчӯ ва тамоми мардум якранг бошанд ва асосу мухтавои синтезкунандаи онхоро ислому



ирфон ташкил дихад. Хак буд Фейербах, ки гуфтааст: «Во дворцах мыслят иначе, чем в хижинах» («Дар касрхо нисбат ба кулбахо дигар хел фикр мекунанд»).

Дар чои дигар менависанд: «кормандони Шуъбаи таърихи фалсафа барои он ин маколаро (маколаи Х. Бобоёровро) ба тафсил тахлил карда нетодаанд, ки холо берун аз Академия (?) ба сабаби дар ин соха мутахассис набуданашон номи хар макола ва мавзуе, ки каме ранги динӣ дошта бошад, ба мазмуну усули он таваччӯх надода... Институтро ба теологизатсия айбдор мекунанд» (с. 109). Ба маънии ин чумла диккат дихед, мебинед, ки тахлилиён намедонанд дар бораи кадом «соха» ва кадом «мутахассисон» гап мезананд. Дар боло мо дидем, ки чой доштани теологизатсияро дар рӯгардонкунихои таърихи фалсафӣ чандин маротиба рад карданд, дар ин чо бошад «рангу тобиши динӣ доштан»-и ин рӯгардонкунихои худро тасдик мекунанд. Онхо ба мантики гуфтаи худ ахамият намедиханд, дар холе ки бояд амикан пай баранд: макола ва навиштахое, ки «ранги динӣ» доранд, мазмуни динӣ хам доранд! Бемантикии дигари андешаашон он астонхоеро, ки «берун аз доираи Академия» кору фаъолият мекунанд ба надонистани «ин соха» - яъне сохаи таърихи фалсафа сарзаниш мекунанд. Аввалан хастанд мутахассисони хуби таърихи фалсафа, ки хатто дар шуъбаи таърихи фалсафа хам кор намекунанд. Гайр аз ин онхое, ки берун «аз доираи Академия» мондаанд шарт нест, ки мутахассисони таърихи фалсафаи точик бошанд. Дар «ин соха», яъне сохаи таърихи фалсафаи точик мутахассисон намерасанд гуфтани тахлилиён хам гапи дурӯғ аст. Дар байни мутахассисони илми фалсафа ихтисосмандони таърихи фалсафа хам дар Академия, хам дар мактабхои олии мамлакат хело зиёданд. Бо сабаби ин сохаро ба тафсиргарӣ табдил дода- ки олимони таърихи фалсафаи точик дар ин ихтисос олим шудан осонтар аст. Таърихи фалсафа дар тахк[illegible]ои ин тахлилгарон мохияти илми назариявӣ бу[illegible]ро гум кардааст. Чунове аз макола ва таълифи-

дар мақола ва баҳсҳои худ ба масъалаҳои дину ирфон дахл накунанд, муносибати худро ба онҳо муайян накунанд. Профессор Ҷ. М. Муллоев, ки бо ҷавонон сару кор дорад, бархилофи ақидаҳои таҳлилгарон менависад, ки «ақидаҳои фитнаангези... тоифаи мутаассиб ба оромиву суботи комили ҷомеа халали ҷиддӣ ворид карда, ҳамчунин ба тадриҷ мафкураи ҷавононро махлут месозад» (Газ. «Ба қуллаҳои дониш», № 8, 30. 04. 2015). Садҳо ҳамин хел маводҳоро аз ВАО номбар кардан мумкин аст.

Таҳлилгарон менависанд, ки «чун дини расмии мо... ислом мебошад, тору пуди сохтори фалсафии асрҳои миёнаи мо низ молики исломӣ-динӣ аст, мафҳумҳо, истилоҳҳо, вожаҳо ва таркибу категорияҳои фалсафӣ низ динианд, вале вазифаи муҳаққиқони фалсафа аз он иборат аст, ки ин мафҳуму истилоҳҳо ва вожаву таркиботро боз намуда, аслу моҳияту матлаби онро ба ҷомеа, ҷавонҳо – насли оянда бифаҳмонем»... (с. 118). Ҳарчанд ки таҳлилиён телеологизатсияи илму фалсафаро дар таҳқиқотҳои худ рад мекунанд, бо вуҷуди ин мункирии худ дар ин гуфтаи худи онҳо бархилофи хоҳишу иродаи худ ба худфошсозӣ гузаштанд. Онҳо зоҳиран, дар гап аз теологизатсия рӯ мегардонанд, вале дар гуфтаи худ теологизатор будани худро нишон медиҳанд. Ин натиҷаи мулоҳизарониҳои бемантиқионҳост. Хатое, ки онҳо роҳ додаанд, нисбати он ба ғайр аз кӯрсаводӣ ва бесаводии фалсафӣ ҳукм гузоштан, чизи дигаре гуфтан мумкин нест. Иштибоҳи дигари онҳо дар динӣ гардондани категорияҳои фалсафӣ аст. Агар «тору пуди сохтори фалсафаи асрмиёнагии мо... исломӣ-динӣ бошад», чи хел онро фалсафа гуфтан мумкин аст? Аз рӯи таъбири таҳлилиён «фалсафаест», ки фақат бо «мафҳумҳо, истилоҳҳо, вожаҳо ва таркибу категорияҳои динӣ сару кор дорад». Вақте ки таҳлилиён мегӯянд, ки «вазифаи муҳаққиқони фалсафа аз он иборат аст, ки ин мафҳуму истилоҳҳо, вожаву таркиботро боз намуда, аслу моҳияту матлаби онро ба ҷомеа, ҷавонҳо – насли оянда бифаҳмонанд», аблаҳии аз аблаҳии аввалаи онҳо аблаҳтар ва барои файласуф бахшиданашаванда нест. Ба ин «фалсафадонии»

онҳо ҳанда не, тавба кардан лозим аст. Ин фикри онҳо масхара кардани ҳам фалсафа ва ҳам файласуфон аст, чунки дар таъбири онҳо фалсафа на фалсафа, балки дин аст, чунки тамоми дастгоҳи кории он динӣ аст. Ин бефаҳмие, ки онҳо нишон медиҳанд, мистикаи навбатист, ки аз майнаи «бапарвозомада» берун шудааст. Дар асри XXI аз рӯи усули ирфонӣ баррасӣ ва таҳлил кардани ҷамъият, зиндагии одамон ва муносибатҳои ҷамъиятии онҳоро ягон ақли солим қабул надорад.

Мисли он ки худситоӣ намуда, мегӯянд «кормандони Шуъбаи таърихи фалсафа чунин усули (усули аз маҳаки ирфону теология муайян кардани олам...) омӯзишу таҳлили ирфониро доранд ва аз рӯи он амал карда истодаанд» (с. 120). Пеш аз ин иддао доштанд, ки ба ирфонӣ гардонидани маърифат машғул нестанд. Дар ин ҷо бошад мегӯянд, ки «усули омӯзишу таҳлили» ирфониро доранд ва аз рӯи он амал карда истодаанд». Магар ин дурӯғгӯии онҳо нест? Чунин дурӯягӣ ва дурӯғе, ки дар хусуси онҳо худи таҳлилиён бо дастони худ навиштаанд, барои онҳо агар худро олим ҳисобанд, айб аст. Валечунон бе шарму ҳаёанд, ки ин дурӯягӣ ва дурӯғгӯии худро эътироф кардан намехоҳанд.

Чунонe дар саҳифаҳои пештар иншошуда гуфтем, аҳли таҳлил оғози таърихи фалсафаро аз Гегел медонанд (с. 107). Дар ин «таърихсозӣ» саҳифаҳои дигари омӯзиши фалсафа ва таърихи фалсафаи тогегелӣ, ноаён нест мешавад. Арастую Афлотун ва даҳҳо файласуфони дигари дунёи қадим, асрҳои миёна ва замони то Гегел ғайб мешаванд. Чун ба ин ҳукми аҳли таҳлил менигарӣ, барои олими мушоҳидакор аён мегардад, ки онҳо - таърихчиёни фалсафа, аз таърихи фалсафа огоҳии ихтисосӣ надоранд.

Дар сурате ки даҳҳо ва садҳо файласуфон то замони Гегел арзи вуҷуд доштанд, бо кадом мӯъҷиза таърихи фалсафа аз Гегел сар шудааст? Ҳамзамон таҳлилиёни ин гуфташонро барои худашон ноаён фаромӯш карда, мегӯянд: «унсурҳои ин илми фалсафӣ аз замонҳои қадим (Арасту, Диогени Лаэртси, Секст Эмпирик, Ситсерон, Абубакри



Розӣ, Берунӣ, Ибни Сино, Шаҳристонӣ, Носири Хусрав ва дигарон) фаъолият доштанд» (с. 107). Дар навиштаи боло мутафаккирони номбаршуда бо «унсурҳои ин илми фалсафӣ» як ҳисоб карда шуданд. Инҷо ҳайратовар он аст, ки ин унсурҳо чӣ гуна фаъолият кардаанд ва ин фаъолиятро таҳлилгарон чӣ тавр маънидод мекунанд? Дар ин маврид маънидод кардани «фаъолияти» ин унсурҳо баробар ба бемантиқии худи таҳлилиён аст. Дар таъбири онҳо «унсурҳои ин илми фалсафӣ» - субъект шуда, ба «худфаъолиятӣ» машғул шуданд. Ин сеюмин бемантиқии таҳлилиён дар ҷумлаи иқтибосшудаи онҳо аст. Агар файласуфони номбаршуда «унсурҳои» таърихи фалсафа шудаанд, пас аз рӯи ин бемантиқӣ, худи таърихчиёни фалсафаро чӣ хел субъектҳои таҳқиқотҳои фалсафӣ, таърихӣ-фалсафӣ ҳисобидан мумкин будааст? Ва боз онҳо фикри аввали худро рад карда, менависанд: «дар асри XX таърихи фалсафа чун бахши алоҳида ва системаноки дониш ба миён омад» (с. 107). Ҳамин матлаб ва ҳамин фикрро дар шакли дигар такрор карда мегӯянд: «таърихи фалсафа таърихи системаҳои фикрӣ аз аҳди қадим то ба имрӯз аст» (с. 107). Аҷаб мулоҳизаронихои бемаънӣ: таърихи фалсафа дар асри XX пайдо шуд, вале аз «аҳди қадим то ба имрӯз» вуҷуд дорад. Чунин мулоҳизаронихои ғайримантиқӣ, эклектикии таҳлилиёнро хонда, ба хулосаи зер наомадан номумкин аст: ҷанобон таҳлилиён-аналитикҳо, унвонҳои илмӣ ҷои кору мансабҳое, ки шумо дар Институти фалсафа ишғол кардаед, барои шумо ҳаром бод.

Таърихи фалсафа пеш аз худи фалсафа ё дар нимроҳаи фалсафа пайдо нашудааст, он якҷоя бо фалсафа пайдо шудааст ва «таърихи фалсафа» ном дорад, на ягон таърихи дигари пеш аз фалсафа. Аҳли таҳлил-таърихчиёни фалсафа агар дар бораи ин «бахши алоҳида ва системаноки дониш» ягон тасаввуроти айниятнок дошта бо[illegible] бояд донанд, ки таърихи фалсафа бо пай[illegible]хсият ёфтааст. Дар тасаввури ин «д[illegible]ки фалсафа, чӣ тавре ки дар боло д[illegible]ҳида ва системаноки дониш» ка-

дом вакте ки хоҳад ҳамон вақт ба вуҷуд меояд: «дар аҳди қадим», «дар асри XX», «дар лексияҳои Гегел» ва «имрӯз». Дар нигориши аҳли таҳлил хронологияи таърихӣ, муназзамии мантиқӣ, пайдарҳамӣ ва умумияи системаи муайяни баёни фикр нобуд мегардад.

Ҳарзагӯӣ кардан, аз масъалаҳои баҳс дур шуда ба он ворид сохтани майлонҳои фикрии дахлнадоштаю нохушно ва ҳукмҳои бегонаусули асосии баҳси таҳлилиён бо ҳарифон аст. Ин гурӯҳ ба танқиди ҳарифон ҷавоб дода натавониста, хостанд, ки тамоми Институти фалсафаро ба муқобили ҳарифони худ бархезонанд (саҳ. 109). Эй бемантиқон, агар дар Институти фалсафа таҳқиқотҳо гузаронда шаванд ва ин таҳқиқотҳо илмӣ бошанд, чаро шумо ба рӯгардонкуниҳои ирфону мистика ва тасаввуф машғулед? Оё рӯгардонкуниҳои ирфонӣ-тасаввуфии шуморо илм гуфтан мумкин аст?

Аҳли таҳлил дар ҳудуди «усули таҳлилии» худ масъалаҳои гуногунмазмунро дар як қатор гузошта, онҳоро бо ҳам махлут сохта, барои ҳамаи онҳо як хулосаю як натиҷагирӣ мекунанд. Хулосаю натиҷагирии онҳо фақат мазмуни яке аз онҳоро ифода мекунад. Ин ҳам бошад дар зери ниқоби ирфону мистика. Маҳз аз ҳамин сабаб онҳо «Шуъбаи таърихи фалсафаро» аз «Институти фалсафа» фарқ намекунанд, танқиди ҳарифонро ба унвони худашон танқиди тамоми Институти фалсафа ҳисоб мекунанд. Зикри сазовор аст, ки дар фаъолияти кормандони Институти фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ новобаста ба маоши хело кам ягон-ягон таҳқиқотҳои бунёдӣ ва арзишманде ба нашр мерасанд. Ин таҳлилгароне, ки танҳо як шуъбаро муаррифӣ менамоянд, хештанро бо Институти фалсафа айниятнок ҳисобида, танқиди ба худашон нигаронидашударо ба тамоми сохтори Институти фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ тавъам меҳисобанд. Вале худи онҳо ҳоло Институт нашудаанд. Дар ҳамин аст корчаллонии онҳо, ки мехоҳанд тамоми Институти фалсафаро ба муқобили ҳарифон бархезонанд. Аз тобиши мулоҳизаронӣ ва мундариҷаи «баёниҳо»-и онҳо чунин андеша эҷод ме-

проблемаҳои илмиро таҳқиқу баррасӣ мекунанд. Чӣ хел таҳлилиёни ихтисоси худро намефаҳмидагӣ ба «ҷомеаи илмӣ» «тавсия ва тазаккур» медиҳанд? Он илмҳое, ки дар ҷаҳон, ҳатто дар Тоҷикистон аз рӯи онҳо таҳқиқот мебаранд, ихтисоси таҳлилгарон нестанд. Онҳо худро аз тамоми «ҷомеаи илмӣ» боло мегузоранд, дар ҳоле ки тамоми илмҳои имрӯзаро на танҳо онҳо, балки ҷамъияти бузургтари илмӣ ҳам нахоҳад донист. «Ҳамадонии илмӣ», «кайҳоншиносӣ» ва «ҷаҳоншиносӣ»-и онҳо хаёлию бофтаи орзӯи баларвозомадаи онҳост. Ҳарчанд мегӯянд, ки «саволҳое, ки дар таърихи фалсафа гузошта мешаванд, чунинанд, ки ба онҳо на илм ва на теология ҷавоб дода метавонанд... Ҳарчанд, ки фалсафа ба инкишофи илм алоқаманд аст» (108). Дар ин маврид онҳо агностик ҳастанд. Агар ба забону мантиқи аҳли таҳқиқ гап занем, «таърихи фалсафаи аҳли қадим ва асримиёнагии моро... наметавон аз матни дини ислом берун нишон дод» (с. 108). «Таърихи фалсафаи аҳли қадими мо» бо пайдоиши «матни ислом» ягон муносибат надошт. Тобеи «матни ислом» сохтани таърихи фалсафаи аҳли қадими мо таҳриф кардани он ва ба он мазмуни исломӣ додан аст. Шарм накарда боз мегӯянд, ки «муҳаққиқони дур аз омӯзиши ин давраи таърихи фалсафа маҳз нозукии ин масъаларо дарк накарда, олимони таърихи фалсафаро ба «теологизатсия» айбдор мекунанд» (с. 108). Магар берун набаромадан дар таҳқиқи фалсафӣ «аз матни ислом» теологизатсия нест?

Аҷаб фикри «ғалатӣ» ва ғалате: онҳо «нозукии» ин масъаларо нафаҳмида «фаҳмида» будаанду ҳарифон бошанд, онҳоро ба «теологизатсия» беҳуда айбдор кардаанд. Ба фаҳмиши дигари онҳо «дар асрҳои миёнаи мо, ки ислом ҳукмрони тамоми маънавият, ҷаҳонбиниву ҷаҳоншиносии одамон буд...» (с. 108) қатъиян розӣ шудан мумкин нест. Дар «он замон» ҳам одамоне буданд ва медонистанд, ки осмон ба туфайли ислом софу кабуд ва абрнок набудаю фаслҳои сол бо муқаррароти ислом иваз намешаванд. «Нозукӣ»-и он замон ба ғайр аз ҳукмронии ислом «дар ҷаҳонбиниву ҷаҳоншиносии одамон» боз дар

он буд, ки он замон ҷаҳонбиниву ҷаҳоншиносии ба ислом алтернативӣ дар шаклҳои гуногуни озодандешиву озодфикрӣ, шаккокиён ҳам вуҷуд доштанд. Ана ин «нозукӣ»-ро таҳлилгарон ҳеҷ ба назар намегиранд ё намефаҳманд. Айни замон ба зиддияти мантиқӣ роҳ дода, мегӯянд, ки дар он замон «мактабҳою маслакҳои фалсафӣ дар бисёр мавридҳо ба аҳкоми ҳукмронии динӣ созгор нест, бо онҳо ҷасну талош барои озодии фикр ва баён мекунад» (с. 108). Таҳлилгарон намедонанд, ки дар як ҷумлаи мақолаашон чӣ мегӯянд ва дар ҷумлаи дигари он чӣ. Агар «мантиқи» мақолаи таҳлилиёнро ба назар гирем, «нозукӣ» боз дар он аст, ки онҳо имрӯз бомақсади эҳё ва ҳукмрон гардонидани ислом дар ҷамъияти муосири тоҷик намехоҳанд, касе ягон сухани танқидӣ дар ҳаққи ислом гӯяд. Вале ҷамъияти имрӯзаи тоҷик ҷамъияти асримиёнагӣ нест, ба тарзҳои асримиёнагӣ вуҷуд доштаю инкишофёфта наметавонад, дар он ислом яккаҳукмрони маънавӣ, ҷаҳонбиниву ҷаҳоншиносии ягонаи мардум буда наметавонад. Ин бошад аҳли таҳлилро ба таҳлука андохтааст. Дар ин ҳолат онҳо ҳамчун иттифоқчиёни рӯҳониёну муллоҳо баромад мекунанд.

Фикри дигари таҳлилиёнро диққат диҳед: «метафизикаи мутафаккирони ирфони тоисломӣ ва исломӣ ба илм ва алалхусус, физикаи он замон такя мекарданд (?) ва бо он муносибати мутақобила доштанд...» (с. 108). Ин гапро фақат барои он гуфтанд, ки ба хонандагон ва ҳарифон нишон диҳанд, ки дар бораи «физикаи он замон» - замони тоисломӣ ва исломӣ маълумоти «хубе» доранд. Вале дурӯғ мегӯянд. Дар бораи «физикаи он замон» ягон тасаввуроте надоранд. Худашон «намедонанд», ки физикаи он замон чигуна илм буд. Ман аз таҳлилгарон мепурсам: «мутафаккирони тоисломӣ ва исломӣ» ба кадом илмҳо ва физикаи он замон такя мекарданд, худи шумо аз «комёбиҳои» «илму физикаи он замон» бохабаред ва баҳравар шудед? Гап дар ин аст, ки худи шумо дар бораи «илму физикаи тоисломӣ ва исломӣ», «робитаи мутақобилаи мутафаккирони тоис-

ломӣ» ҳеҷ чизро намедонед. Дар мақолаатон вонамуд месозед, ки «илму физикаи ғайриисломӣ ва исломӣ»-ро медонед. Чаро дурӯғ мегӯед?

Ин «илмшиносҳо»-и таҳлилгар намефаҳманд, ки «В древнем и средневековом обществе говорить о науке в её институциональном значении нельзя, как социального института, тогда её не было» (В. П. Кохановский. Основы философии науки. Ростов на Дону. «Феникс», 2005. С. 556). Дар ин маврид таҳлилгарон ба илмтарошии суньӣ роҳ медиҳанд ва ҳар бемаъниеро, ки ба каллаи онҳо омад, онро «илм» мегӯянд. «Физика» на исломӣ аст, на насронӣ ва на буддоӣ... То имрӯз ислом илмзоӣ набуд. Таҳлилгарону Абдуллозодаи «реформатори» илму ислом имрӯз ба худ вазифаи доягии (акушерии) исломи илмзойро гирифтаанд, вале ягон «илмӣ» исломи зоидагиро болои даст нагирифтаанд. Онҳо дар ин бобат ҳамчунон субъекти илм ҳастанд, ки қайҳо боз вазифаи (функсияи) субъекти илм будани худро гум кардаанд, ҳамчун рӯҳонӣ мулоҳизаронӣ мекунанд.

Тамоми рафти таърихи илму техникаи ҷаҳонӣ ба он далолат мекунад, ки бо вуҷуди надоштани дастгоҳи пурзӯри идеологӣ ва ресурсҳои номаҳдуди инсонӣ, баҳси илму дин ба фоидаи илм ҳал мешавад. Таърих шоҳид аст, ки ҳанӯз ягон олим рӯҳониёнро таъқиб накардааст, дар ҳоле ҳазорон олимонро рӯҳониён ва ташкилотҳои динӣ ҷорпора куштаву сӯзонда ва дар зиндон андохтаанд.

Муқоиса кунед, баъд аз 1400 сол вуҷуд доштани худ ислом ба инсоният чӣ доду илм чӣ? Илми муосир ҳазорҳо самту равияҳо ва проблемаҳо дорад. Ислом доираи сарбастаи ақидаву муқарраротe аст, ки аз ҳудуди онҳо берун набаромадааст ва берун баромада наметавонад. Ба шакле ва ё ба таври дигаре исломро тафсир кардани тафсиргарону рӯҳониён ислом моҳияти худро тағйир дода наметавонад ва илми замони ҳозира намешавад. Дар замони муосир ҳузур доштани ... ломӣ ҳанӯз маънои фақат замони ... мронии ислом нест. Озо...

...ми шахшудаи динӣ ҳатто дар торикитарин муҳити исломӣ аз худ дарак медиҳад. Ҳатто дар муҳити ҳаётии ҷумҳуриҳои бо ном исломӣ низ ҳазорон корҳое анҷом дода мешавад, ки аз ислом ва догмаҳои исломӣ дуранд. Рӯҳониёни саркардаи ин кишварҳо ҳеҷ наметавонанд ошкоро пеши роҳи прогресси дур аз динро боздоранд, ба хотири ҳифзи сармояи ҷамъкардаашон чашм мепӯшанд ва гоҳ-гоҳ пинҳонӣ ҳаракатҳои хунрезонаи террористиро маблағгузорӣ намуда, дар ҳолати фош шуданашон тезакак худро дур мегиранд.

Замони ҳозира садҳо ва ҳазорҳо рӯйдодҳо ва муносибатҳои ҷамъиятӣ, фарҳангии ҷаҳони муосир гом мезананд, ки он роҳи қонунӣ ва инкишофи объективии прогресси ҷамъият аст. Аммо таҳлилгарони муҳаммадхоҷаевӣ, олимовӣ ва абдуллозодагӣ исломро чунин қаламдод мекунанд, ки гӯё замон дар назди ислом ҳеҷ будааст (время бессильно перед исламом).

«Ҳоло шумо мехоҳед ё намехоҳед ё ҳар тавре, ки таърифи илмро барои ифодаи фикрҳои нопухта ва ғайри илмӣ тафсир накунед, илмҳои динӣ мавҷуданд...» (с. 112). «Илмҳои исломӣ вуҷуд доранд»... Агар «илмҳои исломӣ» вуҷуд дошта бошанд ва онро шумомедониста бошед, чаро онҳоро номбар намекунед? Кадоманд онҳо, кадом қонуниятҳо, протсессҳо, рӯйдодҳои олам, протсессу муносибатҳои ҷамъиятиро ошкору таҳқиқ мекунанд, «натиҷаҳои» онҳо дар куҷост? Нишон диҳед «натиҷаи» онҳоро ва дар атрофи ин «илмҳо» ҳаннотӣ ва фиребгарӣ накунед. Таҳқиқотҳое, ки шумо дар ин хусус мегузаронед, таҳқиқотҳои ягон чизро надонистани худи шумо аст. Бунёди ҳама гуна афкори динӣ ҳамон андешаи идеализми антиқа аст, ки ин оламро олами танҳо зоҳиршаванда ҳисобида, воқеияти ҳаётӣ инсонӣ, ҷамъияту таърихро танҳо олами идеяву «сояҳо» медонаду халос.

Таҳлилгарон, агар савол дошта бошанд, бояд дарк намоянд: таърифу тафсири илм барои ифодаи фикрҳои ... барои ифодаи худи илм вуҷуд дорад, ки худи он

ломӣ» ҳеҷ чизро намедонед, дар мақолаатон вонамуд месозед, ки «илму физикаи гоисломӣ ва исломӣ»-ро медонед. Чаро дурӯғ мегӯед?

Ин «илмшиносҳо»-и таҳлилгар намефаҳманд, ки «В древнем и средневековом обществе говорить о науке в её институциональном значении нельзя, как социального института, тогда её не было» (*В. П. Кохановский. Основы философии науки.* Ростов на Дону, «Феникс», 2005. С. 556). Дар ин маврид таҳлилгарон ба илмтарошии сунъӣ роҳ медиҳанд ва ҳар бемаъниеие, ки ба калли онҳо омад, онро «илм» мегӯянд. «Физика» на исломӣ аст, на насронӣ ва на буддоӣ... То имрӯз ислом илмзой набуд. Таҳлилгарону Абдуллозодаи «реформатори» илму ислом имрӯз ба худ вазифаи доягии (акушерии) исломи илмзойро гирифтаанд, вале ягон «илми» ислом зоидагиро болои даст нагирифтаанд. Онҳо дар ин бобат ҳам чунон субъекти илм ҳастанд, ки кайҳо боз вазифаи (функсияи) субъекти илм будани худро гум кардаанд, ҳамчун рӯҳонӣ мулоҳизаронӣ мекунанд.

Тамоми рафти таърихи илму техникаи ҷаҳонӣ ба он далолат мекунад, ки бо вуҷуди надоштани дастгоҳи пурзӯри идеологӣ ва ресурсҳои номаҳдуди инсонӣ, бахси илму дин ба фоидаи илм ҳал мешавад. Таърих шоҳид аст, ки ҳанӯз ягон олим рӯҳониеро таъқиб накардааст, дар ҳоле ҳазорон олимонро рӯҳониён ва ташкилотҳои динӣ чорпора кушта ву сӯзонда ва дар зиндон андохтаанд.

Муқоиса кунед, баъд аз *1400 сол* вуҷуд доштани худ ислом ба инсоният чӣ доду илм чӣ? Илми муосир ҳазорҳо самту равияҳо ва проблемаҳо дорад. Ислом доираи сарбастаи ақидаву муқаррароте аст, ки аз ҳудуди онҳо берун набаромадааст ва берун баро[illegible]да наметавонад. Ба шакле ва ё ба таври дигаре исло[illegible]афсир кардани тафсиргарону рӯҳониён ислом[illegible]ти худро тағйир дода наметавонад ва илми за[illegible]ира намешавад. Дар замони муосир ҳузур д[illegible]фкори исломӣ ҳанӯз маънои фақат замони ма[illegible]ъӣ ва ҳукмронии ислом нест. Озодии андеша[illegible]оз ба ахко-



ми шахшудаи динӣ ҳатто дар ториктарин муҳити исломӣ аз худ дарак медиҳад. Ҳатто дар муҳити ҳаётии ҷумҳуриҳои бо ном исломӣ низ ҳазорон корҳое анҷом дода мешавад, ки аз ислом ва догмаҳои исломӣ дуранд. Рӯҳониёни саркардаи ин кишварҳо ҳеҷ наметавонанд ошкоро пеши роҳи прогресси дур аз динро боздоранд, ба хотири ҳифзи сармояи ҷамъкардаашон чашм мепӯшанд ва гоҳ-гоҳ пинҳонӣ ҳаракатҳои хунрезонаи террористиро маблағгузорӣ намуда, дар ҳолати фош шуданашон тезакак худро дур мегиранд.

Замони ҳозира садҳо ва ҳазорҳо рӯйдодҳо ва муносибатҳои ҷамъиятӣ, фарҳангии ҷаҳони муосир гом мезанад, ки он роҳи қонунӣ ва инкишофи объективии прогресси ҷамъият аст. Аммо таҳлилгарони муҳаммадхоҷаевӣ, олимовӣ ва абдуллозодагӣ исломро чунин қаламдод мекунанд, ки гӯё замон дар назди ислом ҳеҷ будааст (время бессильно перед исламом).

«Ҳоло шумо мехоҳед ё намехоҳед ё ҳар тавре, ки таърифи илмро барои ифодаи фикрҳои нопухта ва ғайри илмӣ тафсир накунед, илмҳои динӣ мавҷуданд...» (с. 112). «Илмҳои исломӣ вуҷуд доранд»... Агар «илмҳои исломӣ» вуҷуд дошта бошанд ва онро шумо медониста бошед, чаро онҳоро номбар намекунед? Кадоманд онҳо, қадом қонуниятҳо, протсессҳо, рӯйдодҳои олам, прогрессу муносибатҳои ҷамъиятиро ошкору таҳқиқ мекунанд, «натиҷаҳои» онҳо дар куҷост? Нишон диҳед «натиҷаи» онҳоро ва дар атрофи ин «илмҳо» ҳаннотӣ ва фиребгарӣ накунед. Таҳқиқотҳое, ки шумо дар ин хусус мегузаронед, таҳқиқотҳои ягон чизро надонистани худи шумо аст. Бунёди ҳама гуна афкори динӣ ҳамон андешаи идеализми антиқа аст, ки ин оламро олами танҳо зоҳиршаванда ҳисобида, воқеияти ҳаётии инсонӣ, ҷамъияту таърихро танҳо олами идеяву «сояҳо» медонаду халос.

Таҳлилгарон, агар савол дошта бошанд, бояд дарк намоянд: таърифу тафсири илм барои ифодаи фикрҳои шахсӣ не, барои ифодаи худи илм вуҷуд дорад, ки худи он воқеияти айнӣ, рӯйдодҳои ҳастии оламро ифода мекунад

ва ошкор месозад. Ин ҷавоби таҳлилгаронро кӯчагӣ гуфтан ҳам мумкин нест: «хоҳед, нахоҳед». Масъалаҳои илмӣ аз рӯи принсипи «хоҳед-нахоҳед» ҳал карда намешаванд. Таҳлилгарони курсавод агар шумо ақли таҳлилгарӣ дошта бошед, бояд эҳсос кунед, ки таъиноти баҳсҳои илмӣ аз чӣ хостан ё нахостани ин ё он муаллиф не, балки аз ошкору муайян сохтани ҳақиқати илмӣ иборат аст. Агар илм танҳо аз чӣ хостану чӣ нахостани субъекти таҳқиқот-муҳаққиқон иборат мебуд, ҳеҷ вақт он илм намешуд ва намебуд. «Илме, ки дар ӯ амал набошад, ҷуз арбадаву ҷадал набошад» (Ҳилолӣ). Таҳлилгарони бесаводи мо бошанд, онро ба «хостан ё нахостани» ин ё он муаллиф табдил додаанд. Барои ҳамин ҳам ҳарчизеро, ки худашон мехоҳанд, онро илм мегӯянд. Ҷанобон таҳлилгарон, агар «илмҳои динӣ вуҷуд дошта бошанд ва ин ба хоҳиши шумо вобаста бошад, гирею вуҷуд доштани онҳоро ҳамчун илм исбот кунед, вазифаву таъиноти онҳоро дар маърифату дигаргунсозиҳои оламу ҷамъияти инсонӣ муайян кунед. «Хоҳед, нахоҳед... илмҳои динӣ вуҷуд доранд» гуфтани шумо гапи хушку холӣ аст. Дар атрофи ин «илмҳо» рақсу ҳофизиҳои мистикӣ-тасаввуфӣ карда, ин фикри подарҳавои худро исбот карда наметавонед. барои ҳамин ҳам «илмҳои динӣ»-и худро бо илми ҳақиқӣ. илмҳои дунявӣ поягузорӣ мекунед («дин дар пояи илм»). Магар ин бесаводии илмии шумо нест, ки мавҷудияти илмро ба хостану нахостани муаллифони алоҳида вобаста медонед. Таҳлилиён хоҳанд, илм вуҷуд дорад, нахоҳанд вуҷуд надорад ё ки илм «динӣ» мешавад. Лекин ҳеҷ вақт илмро ба маънои категориявӣ ва институтсионалиаш нафаҳмидаанд ва дар ин хусус дониш надоранд. Худро олими «илмшинос» эълон карда, намедонанд, ки ҳаргуна дониш илм нест. Маҳз ба сабаби бефаҳмии худи онҳо дину ирфону мистика «илм» шудаанд. Бо ин фаҳмиши «илмӣ» магар онҳоро илмшинос гуфтан мумкин аст? То вақте ки онҳо илм будани дину ирфон ва мистикаро исбот карда наметавонанд, гуфтугузорҳои онҳо [illegible] лому ирфон гапи пуч ва [illegible]

ҳар як каси каму беш босавод маълум аст, ки маърифату маънавиёти инсонӣ фақат аз дину ирфон иборат нест ва дину ирфон низ ҷойгири тамоми маънавияти инсонӣ ва илмӣ шуда наметавонад. Ҳар одами камтаре босавод медонад, ки ҳама донишҳо ҳанӯз илм нестанд, аз қабили донишҳои муқаррарӣ, асотирӣ, динӣ ва ғайраҳ.

Таҳлилиёни абдуллозодагӣ ва шамоловӣ то он «ҳадди баланди» масхара кардани илм расидаанд, ки қуръонхониро ҳам «илм» мегӯянд (с. 112). Агар қуръонхонӣ «илм» бошад, пас хондани дигар китобҳои ғайридинӣ, китобҳое, ки зидди диниянд, чаро «илм» набошанд? Ин китобхониҳоро ба калом «класси илмҳо» нисбат додан мумкин аст? Бо ин ҳарзагӯиҳои абдуллозодаҳо ва шамоловҳо аз рӯи ин «илмшиносӣ»-и онҳо ҳар касе, ки китоб хонда метавонад, сарфи назар аз он ки олим ҳаст ё нест, ӯро «олим» гуфтан мумкин будааст. Дар ин сурат худи таҳлилиёнро ҳам ба категорияи чунин олимон дохил кардан лозим меояд, чунки фаҳмише, ки онҳо дар бораи илм доранд ва ба ҳарифон ва хонандагон пешниҳод мекунанд, фаҳмиши айниятноки илм нест. Онҳо китоб хонда метавонанд, вале мазмуни на ҳамаи китобҳои хондагиашонро мефаҳманд. барои ҳамин ҳам, ба мо ҳарифон тавсия медиҳанд, ки китобҳои дар Москва ва мамлакатҳои Ғарб чопшударо хонем ва фаҳмем, ки дар онҳо «илмҳои исломӣ» навишта шудааст. мисолҳои ин хел китобхониии онҳоро мо дар боло овардем. Агар аз рӯи чунин «илмшиносӣ»-и онҳо гап занем, ҳар кас, ки китоб хонда тавонад, онро олиму илмшинос гуфтан мумкин будааст.

Барои аҳли таҳқиқи академӣ қуръонхонӣ илм аст, вале худи аҳли таҳлилу таҳқиқ намедонад, ки ин «илм» дар куҷо ва чӣ тавр татбиқ карда мешавад, таъиноти он аз чӣ иборат аст, ба ҷамъият чӣ медиҳад, ба ҷуз он ки Қуръонхонӣ аст. Лекин Қуръонхонӣ аз хондани дигар китобҳо чӣ бартарӣ дорад?. Ин китобхонӣ – Қуръонхонии ҷаҳонбинӣ, ҷаҳоншиносӣ ва худшиносии одамонро ба калом сатҳ боло мебардорад, онҳоро ба калом со-

зиндагӣ, бунёдкорӣ ва муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ра-
вона месозад. Ин ва ба ин монанд масъала ва пробле-
маҳои зиндагии оламон ва ҷаҳон, ки аз Қуръонхонӣ ба
миён намеоянд, барои таҳлилиёни аз қуръонхонӣ берун
мемонанд. Ҳуди онҳо намедонанд, ки дар бораи ин
масъала ва проблемаҳо чӣ гӯянд. Ин масъалаҳо дар
Қуръон навишта нашудаанд.

12 сол пеш яке аз ин Абдуллозодаҳо фалсафаро «ре-
форма» (ин гапи худи ӯ аст) карда, худро асосгузори фал-
сафа эълон карда, дар китоби дарсиаш «Муқаддимаи
фалсафа» (Душанбе, «Дониш», 2004) навишта буд, ки
«монография Шерзод (?) Абдуллозода является первым
опытом изложения (?) философии» и в нем «подробно
излагает основы классической философской традиции
Запада, традиции древневосточной и особенно мусуль-
манской философской мысли и исследует всеобщие про-
блемы бытия, природы человека и общества (?) особо
концентрируя внимание на проблемы онтологии челове-
ка и гуманистического содержаний (?) философий». (Де-
тальная критика учебника Абдуллозода дана в моей
книге «Синдром деформированного сознания (По сле-
дам одной авантюры под ширмой науки), - Душанбе,
«Сападвора», 2007. И в моей статье «Великая реформа
вфилософии». Газетаи «Мисбоҳ» № 2-3 аз 2, 8. 03. 2006 с.
).

Дар тули 12 соли охир ӯ ба «реформа»-и илму ислом
машғул буд. Дар майнаи ӯ ғояе сайд...
ваимистикие ӯро таъқиб...
ва дин «ислоҳот...

Баррасии афсонаҳо ва хаёлоти таҳлилгаронро давом
медиҳем. «Магар андешаи физикӣ (?) (олами моддӣ) ва
робитаи он бо метафизика (олами улвӣ) теологизатсия
аст?!» (с. 108) мегӯянд онҳо. Ин чо гап дар теологизатсия
нест ва мо ҳарифон дар ин мавриди масъаларо ин тавр
ба миён нагузоштем. Масъалагузории таҳлилиён дар он
шаклe ки дар боло зикр шуд, бофтаи худи онҳо аст. Онҳо
намефаҳманд, ки андеша «физикӣ» ва «моддӣ» намешa-
вад, андеша ва андешаронӣ падидаи психологӣ ва ман-
тиқӣ аст. Андешаҳо (мысли, суждения, умозаключе-
ния)чунонe аз илм, фалсафа, психология ва мантиқ
маълум мегардад, психологӣ ва мантиқӣ буда, маҳсули
протсессҳои тафаккури хоси инсон ҳастанд. «Андешаи
физикӣ» гуфтани таҳлилиён рӯ оварДан ба вайроншавии
(деградатсияи) тафаккури онҳо аст. «Андешаи физикӣ»
хеле хандаовар аст. Ин бемантиқии тарзу усули таҳқиқо-
ти таҳлилиёни академӣ, пеш аз ҳама, дар он зоҳир ме-
шавад, ки тафаккурро физикӣ мегӯянд, онро аз олами
моддӣ фарқ карда наметавонанд, дуюм, «андешаи фи-
зикӣ» аз нофаҳмии фалсафии онҳо ба миён омадааст. Бо
ин тафаккуру андешаҳои онҳо чӣ хел онҳоро файласуф
номидан мумкин аст? Онҳо файласуфонеанд, ки
маънавиятро аз олами моддӣ фарқ карда наметавонанд.

Аҳли таҳлил категориясшинос ҳам будаанд ва дар
ҳамон як саҳифаи 118-и журнал бинед, ки ин «категори-
яшиносон» чӣ менависанд: «категорияҳо ақидатӣ, ир-
фонӣ ва фиқҳӣ ... намешаванд» (с. 118). Фикри ди-
... фикр аст. «Бояд му-
... дигар

маънои васеаш гирифта шавад, онҷо на дар «ҳар мамолик» ислом «дини расмӣ» аст. Мувофиқи ин навовариҳи таҳлилгарон, ислом дини як қисми аҳолии дунё ба дини умуман «ҷомеаи инсонӣ» табдил ёфтааст. Вале ба ҳама маълум аст, ки ислом дини тамоми «ҷомеаи инсонӣ» нест.

Боз як фикри дигарашон, ки хилофи фикри аввали онҳо аст: «Вазифаи муҳаққиқони фалсафа аз он иборат аст, ки ин мафҳуму истилоҳҳо ва вожаву таркиботро боз намуда аслу моҳияту матлаби онро ба ҷомеа, мардум хусусан ба ҷавонҳо насли оянда бифаҳмонанд, то ки дар паси пардаи ин матлабҳо чӣ масоили нодиру муфид барои ҷомеаи инсонӣ дар қолаби динӣ ниҳонанд, дарк намоянд» (118). «Муҳаққиқони фалсафа», ки наслҳои ҳоло зинда ва болиганд, бояд ба ҷавонон «наслҳои оянда», онҳое, ки ҳоло нестанд ва оянда хоҳанд омад, «бифаҳмонанд», яъне ҳамеша муҳаққиқони фалсафа зинда буда, нақши мубаллигро барои «наслҳои оянда» иҷро намоянд. «Муҳаққиқони фалсафа» бояд ба кори илмӣ-таҳқиқотӣ машғул шаванд, на ба вазифаи воизию мубаллиғии дин.

Мувофиқи «илми категорияшиносӣ»-и онҳо, дар «фалсафаи асримиёнагии мо» ба ғайр аз истилоҳоти исломӣ ягон мафҳуму категорияҳои фалсафии ғайридинӣ вуҷуд надоштааст. Аммо далелҳои таърихию илмӣ исбот мекунанд, ки дар асрҳои миёна илму маърифат ва маънавият фақат моли ислом набуданд. Раванди такомули маънавиёти халқи мо дар асрҳои миёна даҳҳо омилҳои дигари ташаккулро низ соҳиб аст, ки тобишу ҷилои сирф динию исломӣ надоранд: аз қабили анъанаи ахлоқии чандҳазорсолаи халқ, арзишҳои миллие, ки аз дигар кишварҳои мусулмонишин фарқ доранд, таҷрибаи таърихӣ, сарнавишти халқ, ки онҷо пирӯзиҳою ҳамзамон фоҷиаҳо, ҷашнҳои сирф миллию мардумии ин минтақа, тарзи баёни шеъру суруду мусиқӣ (ки дин онро ҳеҷ қабул надорад), фарҳанги коркарди замину боғдорӣ, чорводарварӣ, хусусиятҳои этникӣ ва хузури ҳазорон равишҳои ҳаёту зиндагӣ. Пеш аз Ислом халқи мо ин ху-



сусиятҳоро дошт ва новобаста ба таъқиби идеологияи исломӣ онро муҳтарам медонад...

Асрҳои миёна ба қадом андозае, ки «моли» ислом буданд, ба ҳамон андоза ва аз он ҳам зиёдтар замони маънавияти халқу миллатҳои ғайриисломӣ ҳам буданд. Дар ҷумлаи дигар: «сохтори фалсафии асрҳои миёна» гуфтани онҳо ҳам гапи хато аст. Асрҳои миёна сохтори фалсафӣ надоштанд. «Сохтори фалсафии асрҳои миёна» як гапу «сохтори фалсафа» дар асрҳои миёна гапи дигар аст.

Иловатан таъкид менамоем, ки таҳлилиён дар мақолаи худ чанд маротиба ибораи «Шарқи исломӣ»-ро истифода бурдаанд. «Шарқ» - мафҳуми географӣ аст, яке аз чор тарафи курраи Заминро ифода мекунад. Таҳлилиён ба сабаби нофаҳмии худ онро «исломӣ» меноманд. Тамоми Шарқ исломӣ нест. Дар Шарқ динҳои дигар ҳам вуҷуд доранд, ки пеш аз ислом пайдо шуда буданд ва миқдори эътиқодмандонаш аз мусулмонон зиёдтаранд. Вале онҳо «Шарқи буддоӣ», «Шарқи синтоӣ» намегӯянд. «Шарқи исломӣ» гуфтан шояд хоҳиши исломгароён бароҳ исломигардонии ҷаҳони имрӯза бошад. Ин ки дар Шарқ мусулмонҳо ҳам зиндагӣ мекунанд, маънои исломӣ будани тамоми Шарқро надорад. Курсаводии аҳли таҳлил – кормандони Шуъбаи таърихи фалсафа аз он иборат аст, ки «Шарқро» аз «ислом», «исломро» аз «Шарқ» фарқ карда наметавонанд. Дар фаҳмиши онҳо Шарқ исломӣ ва Ислом шарқӣ шудааст, дар сурате ки ислом дар Ғарб ҳам вуҷуд дорад, чунонки баъзе динҳои аврупоӣ дар Шарқ. Хуллас, ислом қонунияти табиии таърихии инкишоф на дар Шарқ асту на дар Ғарб. Дар инкишофи Шарқу Ғарб қонуну қонуниятҳои объективие амал мекунанд, ки ислом нисбат ба қонуниятҳои инкишофи объективии таърихии онҳо муайянкунанда набуда ва нест.

Муаллифони мақола аз бисёр масъалаҳои дигари умумиилмӣ ҳам бехабаранд. Масалан, онҳо менависанд, ки «Тибқи таълимоти фалсафӣ, категорияҳои муайян на фақат равияи фикрӣ, балки самти фаъолиятро низ муа-

йян мекунанд» (с. 112). Самти фаъолиятро характери объекту предмети фаъолияти инсон, ҷамъият ва инсоният муайян мекунад, на категорияҳо. Категорияҳо инъикоси рафти объективии протсессу падидаҳои олам, ифода ва баёни дар мафҳумҳо гирдовардашудану тарзҳою шаклҳои ифодакунии фаъолияти инсонӣ мебошанд. Категория шаклу усули фаъолият набуда, танҳо ифодаи абстрактии ин ё он хосияту раванд, ҳодиса ва фаъолият ҳастанд.

Категорияҳои маърифатӣ дар соҳаҳои гуногуни илму дониш дар протсесси амалияи маърифатии инсон пайдо мешаванд, аз вазъияти объективии фаъолият вобастагӣ доранд. Онҳо азалӣ дода нашудаанд, мазмуни муайяни предметӣ-таърихӣ доранд. Қаромоти таҳлилиён дар бораи он ки «тибқи таълимоти фалсафӣ категорияҳо самти фаъолиятро муайян мекунанд» гапи хато аст. Таҳлилиён чунон «фалсафадон» ҳастанд, ки дар бораи се унсури асосии фаъолият (меҳнат) тасаввуроте надоранд. Ҳар гуна фаъолият танҳо фаъолияти субъективӣ набуда, фаъолияти объективӣ-предметӣ ҳам ҳаст. Таҳлилиён боз як чизи дигарро намефаҳманд. Ҳаргуна фаъолияти фардӣ (инфиродӣ) худ ба худ пайдо намешавад, метавонад дар ҳудуди фаъолияту амалияи ҷамъиятӣ ба амал ояд. Категорияҳо протсессу объект ва предметҳои фаъолиятро дар пайвастагии ҷудонашавандa бо ин охириҳо ифода мекунанд. Вақте ки категорияи «истехсолот» истехсолоти воқеиро ифода намекунад ё бо худ «иваз» мекунад, ин истехсолот абстраксия ё абстрактӣ аст, на воқеӣ…

Дар ҷамъият ғайр аз эътиқоду муносибатҳои динӣ садҳо эътиқод, ҳазорҳо муносибату робита ва протсесси иктисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва маънавӣ вуҷуд доранд ва ба вуҷуд меоянд, ки бароманду моҳияти исломӣ надоранд… Таҳлилиён аз мавқеи бефаҳмии худ дар назди «ҷомеаи илмӣ», давлат, ҳукумат, мардум ва ҷавонон вазифаҳои бисёр гузошта, вале вазифаи олимии худро нафаҳмиданд, дар сурате ки вазифаи олимии онҳо на фақат дуруст фаҳмидани ихтисоси худи онҳо – таърихи фалсафаи тоҷик, балки ин-



чунин фаҳмидани масъалаҳои умумиилмӣ ҳам ҳаст. Мақолаи онҳо нишон медиҳад, ки онҳо на ихтисоси худ ва на масъалаҳои умумиилмиро дуруст намефаҳманд.

Аҳли таҳлили академӣ чунон худхоҳанд ва ба дарди бузургманишӣ гирифтор шудаанд, ки намехоҳанд ягон кас дар ҳақи онҳо ягон сухани танқидӣ гӯяд. Мо дар боло дидем, ки аз танқиди Ҳафиз Бобоёров сахт асабонӣ шуда, онро мехоҳанд ба суд диҳанд, ба ӯ дӯғ зада мегӯянд, ки «ҳамон аксари номбаршудаи кормандони Институти фалсафа (аҷоиб, дар мақола онҳо гумноманд, на аққалу на аксари кормандони Институти фалсафа номбар намекунанд, дар ҳоле ки Бобоёров «баъзе кормандони Институт»-ро дар назар дорад) – барои тухмату таҳқир муаллифи мақоларо барои ситонидани ҷуброни хисороти маънавӣ ба суд муроҷиат карданианд. Бигзор ин масъаларо суд ҳал кунад» (с. 118). Агар ҳалли масъалаҳои илмӣ, ки дар рафти баҳсҳои илмӣ ба миён меоянд, бо роҳи судбозӣ ҳал мешуданд, илм як қадам ҳам ба пеш намерафт. Ин ки таҳлилиён ҳарифи худро бо суд тарсониданӣ мешаванд, нишонаи олимии онҳо не, нишонаи заифиимавқеи ишғол кардаи онҳо аст.

Танқид дар илм яке аз роҳҳои инкишофу пешравии он аст. Вақте ки таҳлилиёнро танқид мекунанд, танқид норавo будааст, онро бо роҳи судӣ ҳал кардан мумкин будааст, вақте ки худи таҳлилиён дигаронро танқид мекунанду ноҳақ бошанд ҳам, танқид раво будааст, масъалаҳои баҳсро бе суд ҳам ҳал кардан мумкин будааст. Аҷоиб мавқее, ки таҳлилиён ишғол карданд.

Бармегардем боз ба ҳамон иқтибоси таҳлилиён, ки аз Ибни Арабӣ гирифтаанд: «вуҷуду истеъдоди инсон ба дидаҳои олами моддӣ ҳеҷ гуна маҳдудият надорад, ӯ вақте ин масири такомулро тай мекунад, ба ҷуз онс, ки худ ҷузъе аз кулл аст, тамоми ҷаҳони ҳастӣ дар ихтиёри ӯ қарор мегирад» (с. 120). Ин фикр метавонад фақат мистика бошад, на чизи дигар. Касе, ки аз таҳлилиён ба ин фикр бовар дорад, онро дорандаи рӯҳу равони муътадил номи-

дан мумкин нест. Таҳлилиён, чи хеле ки аз оҳанги мақолаи онҳо бармеояд, ба ин фикри «девона» бовар доранд. Онҳо бо найрангбозии барои худ хос «вазъияти имрӯзаи таърихи халқи тоҷикро» чунин маънидод мекунанд, ки гӯё он ба ҳукмрон гардондани ислом мусоидат мекарда бошад. Дар калом хусусе ки онҳо суханронӣ накунанд, дурӯягӣ ва суханбозиҳои диниву тасаввуфӣ мекунанд.

Дар навиштаҳои таҳлилиён таълимоти ирфонии Ибни Арабӣ бо эҳтироми хос иқтибос оварда шуда, ақидаи ӯ - илҳомбахш ва бо баъзе далелҳо бунёдгузори идеяи ваҳдати вуҷуд, дар ҳади эталони (маҳаку намунаи) эътирофшудаи масъалагузориҳои фалсафӣ парастиш меёбад. Дар як саҳифаи тамом таҳлилиён аз баҳс дур шуда, баводии сайру сулук парвоз мекунанд, офаринишро чун марҳилаҳои таназзул ё тааййун аз панҷ марҳила иборат, ки «ду марҳилаи он илмӣ ва се марҳилаи он хориҷӣ» будааст, тавсиф мекунанд. Ва менависанд, ки дар замоне«ваҳдат худро ба арвоҳи гуногун тақсим мекунад, тааййуни руҳӣ, тааййуни мисолӣ ...сипас тааййуни ҷасадӣ сурат мегирад...» (с. 120). Дар андешарониашон танқид он тараф истад, ҳатто таҳлилу муқоисаи таҳқиқотӣ ҳам нест. Ба дину ирфонро танқид кардани ҳарифон эрод гирифта, ба сабаби мулоҳизарониҳои бемантиқи худ ноаён ба мавқеи ҳарифон мегузаранд ва менависанд, ки «назари танқидӣ ва таҳлилӣ доштан ба мероси гузашта шарт ва зарур аст» (с. 121). Вале худашон чунин назари танқидию таҳлилиро сарфи назар мекунанд. Баръакс, дар заминаи ислом рӯ «ба гузашта» меоранд. Ин ки «назари танқидӣ ва таҳлилӣ доштанро ба мероси гузашта» талаб мекунанд, аз рӯи калом мантиқ ҳарифонро танқид мекунанд, охир ҳарифон ҳам тарафдори ҳамин ақидаанд, мероси гузаштаро танқид мекунанд... Ба замми ин, таҳлилиён масъалаҳоеро, ки пайдоишу моҳияти исломӣ ва ирфонӣ надоранд, бо исломму ирфон омехта сохта аз онҳо хулосаҳои динӣ мебароранд. Хуб мебуд дар таҳқиқотҳояшон маҳдуд нашуда, ба таърихи фалсафаю илоҳиётшиносии ғайриисломӣ низ назар меандохтанд ва равшан медиданд, ки идеяи ваҳдати вуҷуд дар назарияи эма-



натсияи (судурияти) навафлотуниён низ чун зинаи аввали ҳастӣ – Лоҳут ва марҳилаи дуюми он – Ҷабарут таҳлил шудааст ва таълимоти Ибни Арабӣ дар ҷои холӣ ба вуҷуд наомадааст ва заминаҳои ғоявӣ ва ирфониашро аз фалсафаи атиқа гирифтааст ва ғ.

Онҳо дар гап чунон комбинатсиясозӣ мекунанд, ки мулоҳизаҳои танқидии ҳарифонро ҳамчун мақсади «барҳам додани» тамоми меросу фарҳанги гузаштаи тоҷикон меҳисобанд. Дар ин хусус чунин менависанд: «хулосаи дигаре (аз мақолаи ҳарифон) ба даст меояд, ин даст кашидан аз омӯзиши афкори диниву фалсафаи тоҷик аст...» (с. 120). Ин ҳанноти таҳлилиёнро бинед, динро дар сояи фалсафа ҳимоя мекунанд, ҳол он ки мо ҳарифон ҳеҷ вақт нагуфтаем, ки «аз омӯзиши фалсафаи тоҷик даст кашида шавад». Даст кашидан аз дигарой дар таҳқиқоти илмӣ, ҳеҷ вақт маънои аз омӯзиши фалсафа даст кашиданро надорад ва мо ҳарифон ҳам ин хел ақида надоштем ва надорем. Ин ки таҳлилиён фалсафаро аз дин фарқ накарда, моро барои рӯ гардондан аз омӯзиши он айбдор мекунанд, тӯҳмат аст. Ин мавқеи онҳоро мавқеи илмӣ гуфтан мумкин нест. Дину ирфоншиносӣ ҳеҷ гоҳ маънои онро надорад, ки масъалаҳои фалсафӣ тобеи исламу ирфон гардонда шаванд ва аз омӯзиши фалсафа «рӯ гардонда шавад». Агар таҳлилиён таҳлилгар мебуданд, дину ирфону фалсафаро аз ҳамдигар фарқ мекарданд. Вале аз мақолаи онҳо маълум мегардад, ки онҳо фаҳмиши чунин фарқ кардани фалсафа ва динро надоранд. Агар таҳлилгари воқеӣ мебуданд, аз илму фалсафа, исламу ирфон винегрет намесохтанд ва дар табақча ба хонандагон пешниҳод намекарданд. Ин винегрете, ки онҳо пӯхтаанд, таъми туршу бӯи ғализ дорад, аз истеъмоли он худи онҳо ба дарди диарея гирифтор мешаванд.

«Аз ғояи фикри муаллифи мақола (мақолаи Ҳафиз Бобоёров дар назар дошта шудааст) ва ҳомиёни ӯ (?) чунин бармеояд, ки мо – ходимони илмии Шуъбаи таърихи фалсафа ба мисли давраи Эҳёи Ғарб... ҷомеаи имрӯзаро ба сӯи фардои фирӯз ба мисли мамолики Ғарб равона

созем» (с. 110-111). Аввалан, Шумо ягон «эҳёи Ғарб» ва «мамолики Ғарб» нестед. Онро ягон тараф равона сохта наметавонед, шумо куҷову Эҳёи Ғарб куҷо! Дар ин маврид дар бораи дурӯя шудани худ гап мезанед. Шумо ҳамон таҳлилгароне ҳастед, ки дар омӯзиши таърихи фалсафаи тоҷик илмро побанди дин сохта, худро аз «эҳёи Ғарб» ва «мамолики Ғарб» фарқ карда наметавонед. Бо ин бесаводӣ ва дурӯяшавӣ Шумо кистед, ки «ҷомеаи имрӯзаро барои фардои фирӯз» равона месозед? Як фикр карда бинед, ки шумо чанд нафар «кормандони шуъбаи таърихи фалсафа» чӣ тавр «ҷомеаи имрӯзаро ба фардои фирӯз равона сохта» метавонед. Эҳёи Ғарбу мамолики Ғарб он тараф истад, шумо ба проблемаҳои рӯзмарраи ҷамъияти ҳозираи худатон назари кӯр-кӯрона доред, то ҳадду андозае кӯрсаводед, ки онро ба ислому ирфони асримиёнагӣ баргардонда, дар он тартиботи исломиро ҷорӣ гардонидан мехоҳед. Эй шармандаҳо, ба саҳифаҳои 111-112, 115-116 ва 120-и мақолаатон нигаред, ки чиҳо мегӯед. Бемаънигиҳоеро мегӯед, ки барои ҷамъияти имрӯза тамоман бегонаанд ва онро ним қадам ҳам ба пеш намебаранд. Шумо дар ҳар мавзӯъ лоф заданро дӯст медоред ва маънои чӣ гуфтанатонро намедонед. Аз шахсияту олимии худ дур шуда, ба ҳадди азхудбегонашавие расидед, ки худро аз «эҳёи Ғарб» ва «мамолики Ғарб» фарқ карда наметавонед. Оё шумо шахсияти худро доред ё не?

Бунёди «ояндаи фирӯз» барои чанд нафар «кормандони Шуъбаи таърихи фалсафа» на фақат ҳаҷдовар, балки кори беақлона аст. Охир ҳеҷ кас бо ислому ирфон «ояндаи фирӯз» насохтааст ва нияти сохтани онро ҳам накардааст. Тафаккуру хаёлоти таҳлилиён чунон ба парвоз омадааст, ки аз мистикаву тасаввуф чизе, ки хоҳанд, месозанд. Ҳатто худашонро. Ин қадар баланд парвоз накунед, сабр кунед, ки «ба ояндаи фирӯз» мерасед ё не! Агар шумо ба парвоз наомада бошед, дар ҳайате, ки дар Шуъбаи таърихи фалсафа кор мекунед, ба «ояндаи фирӯз» намерасед! Аз ин ҳел олим буданатон дида, бе унвонҳои илмӣ буданатон хубтар



мебуд. Аз Шуъбаи таърихи фалсафаи тоҷик маркази таҳқиқотии кафоравӣ насозед.

Фикри онҳо дар бораи он ки «дар даврони шӯравӣ моддиётро бидуни маънавият омӯхтем» на фақат беақлӣ, балки туҳмати нестандарҷаҳон ба даврони шӯравӣ, мардуми даврони шӯравӣ ва мардуми замони шӯравии тоҷик аст. Аз рӯи ин таъбири онҳо мардуми шӯравӣ, мардуми шӯравии тоҷик фақат мавҷудоти моддӣ-ҷисмонӣ будаанд ва «бидуни маънавият» вуҷуд дошта, кору фаъолият карда будаанд. Бо ин «кашфиёти» худ таҳлилиён инсонҳои замони шӯравиро аз ҳайвонҳо ҳам поён гузоштанд. Агар таҳлилгарон ақл дошта бошанд, инсонро «бидуни маънавиёт» инсон номидан мумкин аст? Чунин гузориши масъала бесаводӣ ва бемаърифатӣ аст. Бояд гуфт, ки аксари кормандони Шуъбаи таърихи фалсафа хатмкунандагони мактабҳои даврони шӯравианд. Нақшаву барномаҳои таълимии мактабҳои даврони шӯравӣ, китобҳои дарсии он замон то ҳоло дар китобхонаҳои мо нигоҳ дошта шудаанд. Таҳлилиён дар даврони шӯравӣ соҳиби маълумоти миёнаи касбӣ ва олӣ шудаанд, баъзеи онҳо дар он давра соҳиби дипломҳои номзадҳо ва докторҳои илм гаштаанд. Бигзор нақшаву барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии он давраро аз нав варақ зада бинанд, ки чӣ тавр мардуми шӯравӣ «бидуни маънавият» соҳибмаълумот шуданд ва «моддиётро бидуни маънавиёт» омӯхтаанд? Таҳлилиён чунон аз худ бегона шуданд, ки ҳеҷ андеша намекунанд, ки одами бемаънавиятро одам гуфтан мумкин нест. Агар одам бемаънавият бошад, пас аз рӯи мантиқи худи онҳо онҳоро бемаънавият гуфтан мумкин аст, одамон на фақат дар даврони шӯравӣ, балки дар ҳамаи давраҳои мавҷудияти инсонии худ бемаънавиёт набуданд. Кас ба ҳайрат ва тавбаву надомат меояд, ки чӣ тавр аҳли таҳлил – «кормандони илмии Шуъбаи таърихи фалсафа» одамро, ҷамъиятро бе маънавият ҳисоб мекунанд. Давлати шӯравӣ, ки ба Кайҳон роҳ кушод, саноати пуриқтидор сохт, зиёда аз сад халқу миллатро муттаҳид кард, фашизмро сарнагун гардонд, чӣ тавр «бидуни маънавият» вуҷуд дошта тавонист?

Онхо хело таассуф мехӯранд ва замони шӯравиро нах ме-
зананд, ки он вақт барои обод кардани «зиндагии заминӣ»
дарси илм гузашта буданд. Боз як бори дигар ба ҷумлаи
онхо назар андозед: «. . дарси илм барои обод кардани
зиндагии заминиро дар даврони шӯравӣ гузашта будем. .
». Дар холати норозигии ахли тахлил бехтар мебудааст дар
замони шӯравӣ дарсхои «илмиро» дар хусуси «зиндагии
ғайризаминӣ» мехондаанд, то имрӯз ахли тахлилро кино-
атманд месохт. Аҷаб мулохизароние?!

Мо шохиди он хастем, ки ахли тахлили академӣ дар
асри XXI аз кафои диндорону сӯфиёну орифон рафта, ка-
тегорияхои илму фалсафаро аз мавқеи ислому суфизм бар-
расӣ мекунанд. Мазмуни мафхуму категорияхои илмӣ ва
фалсафиро нафахмида, чӣ тавре ки хоханд, хамон тавр
маънидод карда истифода мебаранд, яъне аз рӯи бесаво-
дии худ маънидод мекунанд. Вале хар як категория, ки дар
сохахои гуногуни илму фалсафа ва маърифату доиш
қабул шудааст, таъйиноти худро дорад ва онро аз рӯи
таъйиноташ истифода бурдан лозим аст. Масалан, катего-
рии «пешрафт» («прогресс»)-ро, ки дар илму фалсафа
қабул шудааст, ба таъиноти он истифода кардан лозим
аст. Тахлилиёни мо бошанд, ин ва бисёр категорияхои ди-
гарро ба маънои чаппа истифода мебаранд, ба кафо, ба
ислому ирфони асримиёнагӣ бардоштанро «пешравӣ»
хисоб мекунанд, «сайру сулук»-и сӯфиёнро тарзи зиндагии
бехтарин хисоб мекунанд. Вале барои пешрафти маърифа-
ти инсонӣ дар асри XXI сӯфихо чӣ гуфтаанд, бо кадом
мафхуму категорияхо фикр мекарданд, тарзи зиндагии
онхо чӣ гуна буд, ягон ахамияти халкунанда надорад. Ка-
тегорияхои умумимаърифатӣ ва фалсафӣ аз огоз пайдо-
иши сӯфиёна надоштанд, пеш аз суфизм пайдо шуда бу-
данд ва дар рафти инкишофи маърифати инсонӣ такомул
ёфтанд. Худи тахлилиён, чунонe аз маколаи онхо бармео-
яд, бо мафхуму категорияхои сӯфиёна андешаронӣ меку-
нанд.

Тахлилиёни сӯфимаоб бо чунин категорияшиносиашон
ба мо, харифонашон, маслихат медиханд: «Холо шумо ба



ҷои категорияи покӣ, адолат, ростӣ, хоксорӣ, каноат, сабр,
тарзи муошированту муносибат, хурмату эхтиром (хамаи ин
мафхуму категорияхо пайдоиши умумиинсонӣ доранд ва
хазорхо сол пеш аз сӯфиёни асримиёнагии исломӣ мавҷуд
буданд – С. Н. ) ё дигар категорияхои ахлокиро гузошта, ба
хамин минвол онхоро тахлил кунед (рахмат, мо ҷиро ва чӣ
тавр тахлил карданамонро медонем ва ба маслихати шумо
эхтиёҷ надорем – С. Н. ), ҷомеаи солимро тасаввур карда
метавонед, ки онро сӯфиён пешниход мекарданд» (с. 117).
Тарғиби ҷумласозии онхо аз маънӣ ва пайдархамии фикр
холӣ аст. Аммо маънии киноёи онхоро мо аз мундариҷаи
матни онхо сарфахм меравем ва то андозае ба матлаби гу-
зоштаи онхо посух медихем. Ҷаро мо як категорияро бо
чанд категорияи дигар омехта сохта, онро аз рӯи таъино-
таш истифода набарем? Масалан, категорияи «сабаб»-ро
ба ҷои категорияи «миқдор» гузорем ва бо рохи комбинат-
сияхои сохтакоронаи категорияхо «ҷомеаи солим»-и
сӯфиёна созем. Тавсияе, ки тахлилиён ба мо ва хонандагон
медиханд, тамоман бесаводона аст. Дар асоси ин маслихат
– ретсептхои онхо «ҷомеаи солим» сохтан мумкин нест. Аз
ин маслихати тахлилиён чунин бармеояд, ки худи онхо
қонунхои бунёдии ҷамъиятро нафахмиданд. Онхо намедо-
нанд ва хеҷ фахмидан намехоханд, ки категорияхо
инъикосу ифодаи протсессу рӯйдодхои олами объективӣ
мебошанд, ки дар маҷрои маърифату дигаргунсозии он ба
вуҷуд меоянд, аз онхо худ ба худ ҷамъият сохтан мумкин
нест. Тахлилиён чунон ислохотгарони бесаводе хастанд, ки
категорияхоро сабаби рӯйдодхои олам ва фаъолияти ин-
сон хисоб мекунанд. Тахлилиён ба мо харифон чунин
ҷамъиятсозиеро ёд медиханд, ки ба категорияхо асос ёфта-
аст. Онхо мегӯянд, ки «Сӯфиён тамоми сокинони хонаво-
да, дех, шахр ва кишварро ба адолат даъват мекарданд,
ва ба сохтори сиёсӣ, иктисодӣ, иҷти-
моӣ ва хатто идеологияи ҷомеаро тарғиб мекарданд ва ба
созмон додани давлат бо сохтори сиёсӣ, иктисодӣ, иҷти-
рафтору кирдор, зиндагии таҷрибаи шахсии хеш имкони
баркарор кардани ҷомеаро собит менамуданд» (с. 117).
Бале, «даъват мекарданд», «тарғиб мекарданд» вале дар

ягон чо давлати сӯфиёнаи худро «бо сохтори сиёсӣ, иктисодӣ, ичтимоӣ...» сохта натавонистанд. Суфизми худро дар он заминае сохтанд, ки дар чамъият вучуд дошт. Дар заминаи суфизму ирфон хеч гох давлат сохтан мумкин нест, чунки давлат бо тавсияхои сӯфиёна ва ирфонӣ бунёд намегардад. Чамъияту давлатеро, ки аз «тахзиби ахлок»-и сӯфиёна таркиб ёфтаанд, хатто чамъияту давлати ормонӣ хам гуфтан мумкин нест. Ин гуна чамъияту давлат метавонанд факат дар хаёлоти тахлилиёни мо ва пайравони онхо «вучуд» дошта бошанд. Он тарже ки тахлилиён давлату чамъиятро аз рӯи ривоятхои сӯфиён маънидод мекунанд, факат гапу суханбозӣ аст, на вокеияти давлатдорӣ ва чамъиятдорӣ. Идеали сӯфиёнаи чамъияту давлат, ки онхо ба мо тавсия медиханд, ба хеч вачх кобили кабул нест. Сӯфиён дар он замонхое идеолог буданду фатвову ривоятхои худро медоданд, ки асри XXI набуд. Хатто дар хамон замони зиндагии онхо хам чамъияту давлат аз ривоятхои сӯфиёна таркиб наёфта буд ва таркиб ёфта наметавонист. Чамъияту давлатеро, ки ахли тахлил аз рӯи таълимоти сӯфиёни гузашта тавсия медиханд, ба чунин чамъияту давлат замони хозира токат надорад. Чамъияту давлати хозира кучову община ва тарикатхои сӯфиён кучо?!

Дар чумлаи зикршуда, дар кисми аввали гуфта мешавад, ки сӯфиён «созмон додани давлатро бо сохтори сиёсӣ, иктисодӣ, ичтимоӣ ва хатто идеологияи чомеа ... тарғиб мекардаанд». Давлат бе насихату тарғиби сӯфиён хам дар таркиботи сохавии чамъият унсури сиёсӣ аст ва барои сохтори иктисодию ичтимоӣ ва хатто идеологӣ шуданаш хам ба сӯфиён эхтиёч надорад. Дуюм, сӯфиён «имкони баркарор шудани чомеаро собит менамуданд» гуфтани онхо парешонӣ ва бемантикии андешаи онхост, чунки чомеа бе исботи онхо хам имкони баркарор шудано дорад ва ин баркароршавӣ ба дасти сӯфиён харгиз пайванд нест...

Дар чои дигар тахлилиён ба ... та, якчанд ...

бар мекунанд, ки онхо рисолахои докторӣ навишта, дар шакли монография чоп карда будаанду ӯ аз онхо акаллан як мисол оварда, онро мавриди тахлил карор надодааст. «Чун хунари онро надорад, вале бахсхои дар асоси бахсхои шифохӣ... хулосаи умда ё хул глобалӣ баровардааст» (с. 114).

Дар хакикат, барои муш аз гурба дида дигар хайвони дарандатар нест, чунонки барои тахлилиён ғайр аз хамкорони худи онхо ягон олими бофахму тавоно набудааст. Ғайр аз ин, олимоне, ки ахли тахлил ном мебаранд, ду нафарашон (Х. Зиёев ва И. Зиёев) солхои дароз инчониб кормандони иттиходияи дигари илмӣ-педагогӣ буда, «шуъбаи таърихи фалсафа»-ро муаррифӣ намекунанд ва ба ахли тахлил хамкор хам нестанд. Вале на худи тахлилиён ва на хамкорони онхо аз шуъбаи таърихи фалсафа ва шуъбаи диншиносӣ на дар илм ва на дар таърихи фалсафаи точик ба ягон сатхи «глобалӣ» нарасиданд ва онро на дар ин дунё ва на дар «он дунё» ба даст оварда наметавонанд.

Тахлилиён аз суфии ба ислом дар оппозитсия будаи замони гузашта Аллома Мачлисӣ иктибос меоранд: «Худо ба хама чиз муттахид аст, балки хама чиз ӯст ва ғайр аз ӯ вучуде хастӣ надорад. Ва хамин ӯст, ки ба сурати мухталиф баромада, гох ба сурати Зайд зухур мекунад ва гох ба сурати Умар ва гох ба сурати сагу гурба ва гох ба сурати козурот (партоб)» (с. 115). Ба сурати Шамолову Абдуллозода, Хазраткулову Мухаммадхочаев чӣ? Охир, дар тахкикотхои таърихӣ-фалсафӣ, ирфонӣ-мистикӣ на диншиносии онхо козуроти зиёд чой дорад. Бинеду казоват кунед: Худо худро ба сурати сагу гурба ва козурот мекардааст. Агар худо ба сурати сагу гурба ва козурот зухур кунад, тахлилиён хам бояд ба ин охирихо сачда кунанд, ба онхо имон оваранд, чунки дар таъбиру тафсири онхо худо дар шаклхои дар боло номбаршуда зухур мекардааст. Аз дили ман, иктибосе, ки онхо овардаанд, мантик надорад. Худое, ки дар сурати сагу гурба ва козурот ... мекунад, чӣ хел онро худо номидан мум...

кин аст?». Таҳлилгарони «исломшиносу худодӯсту худоф»
дар ин маврид гоҳи қабеҳи суфии кофиртабиатро беҷо
иқтибос овардаанд, чунки худи онҳо маънии иқтибоси
овардаашонро нафаҳмидаанд, ё нисбати исломи ирфон
дурӯягӣ мекунанд. Иқтибоси овардаи онҳо хилофи
ақидаҳои худи таҳлилиён аст.

Ҳамин хел гуфтаҳои пучу бемаънӣ дар мақолаи таҳли-
лиён хеле зиёд вомехӯранд, ки ҳамаи онҳоро дар ин ҷо
овардан зарурат надорад. Беандешагии таҳлилиён аз он
иборат аст, ки гӯё онҳо ин бемаънигиҳоро «аз мавқеи «ил-
ми замони ҳозира»» таҳлил кардаанд. Вале илми замони
ҳозира бо вуҷуди оппозитсияи он ба дин Худоро дар «су-
рати сагу гурба ва қозурот» надидааст. Барои илми замони
ҳозира Худо фақат абстраксия аст. Худо накунад, ки ху-
ди аҳли таҳлил «кормандони илмии Шуъбаи таърихи
фалсафа» дар сурати «сагу гурба ва қозурот» зуҳур кунанд.
Вагарна таърихи фалсафаи тоҷик бесоҳиб мемонад, охир
сагу гурбаҳо таърихи фалсафа наменависанд, чи расад ба
қозурот!

Таҳлилиён фикри аввалаи худро («дину ирфон аз як
чашма об мехӯранд») дар шакли дигар такрор карда, боз
мегӯянд, ки «умумияти тасаввуф бо дин... Ҳарду бар
пояи дини ислом ба вуҷуд омаданд». (116). Аҳли таҳлил
чунон таҳлилгаранд, ки табиати ғайриорганикиро аз та-
биат берун партофтанд.

Боз як афсонаи дигар: «Дар Ғарб ботиншиносӣ ҷӣ аз
лиҳози амалӣ ва ҷӣ аз лиҳози ақидатӣ дар таълимоти
масеҳӣ бо сару думи бурида амал мекард» (с. 116). Боз ба
ҳамин монанд як фикри «хоса»: «ирфон аз аввали пай-
доишаш... аз ҳавзаи ақлу андеша дур буд» (с. 117). Аҷаб
ирфони «беақлу беандеша» ва «бемаърифат»! Агар ба ин
мулоҳизаронии таҳлилиён аҳамият диҳем, мувофиқи он
«дар таълимоти масеҳӣ бо сару думи бурида» ва дар ир-
фони исломӣ «беандеша» таълимотҳои худро ҷорӣ карда
будаанд, таълимотҳои бесубъекту беандеша ва беман-
фиат будаанд. Ин хел бошад ва агар худи таҳлилиён
мантиқ дошта бошанд, чӣ хел масеҳӣ ва ирфонро таъли-



мот номидан мумкинаст? Масеҳии «бе сару дум», ирфо-
ни «бемаърифат». Ин навиштаҳои таҳлилиёнро хонда,
кас беихтиёр ба хулоса меояд, ки онҳо бо майнаашон не,
бо қисми қафои аз миёнашон поён фикр мекунанд.

Дар ҷои дигар онҳо мегӯянд, ки инсон «...ба амру
наҳӣ ва тадбири маошу маводи мардум эҳтиёҷ надорад»
(с. 119). Ин хел «инсон» арвоҳ аст, на инсон. Инсони бе-
талаботу беэҳтиёҷ, ҳоло ба дунё наомадааст. Агар худи
таҳлилиён ба ҳамин тарз, яъне бе талаботу эҳтиёҷ
зиндагӣ карда метавонистанд, мумкин аз ин таълимоти
хандаовари худ даст мекашиданд, чунки ҳатто «корман-
дони илмии шуъбаи таърихи фалсафа» ҳам намешуданд.

Онҳо ману Бобоёровро айбдор мекунанд, ки мо гӯё
пешниҳод кардаем, ки аз фарҳанги гузашта даст кашида
шавад, вале барои ин ягон исбот надоранд. Шахсан ман
чунин ақида надорам, онҳо рӯирост ба мо харифон тӯҳмат
мекунанд. Ман дар ягон китоб ва навиштаҳои дигарам чу-
нин пешниҳод накардаам, чунки мефаҳмам, ки фарҳанги
гузаштаи мо фақат аз исломи ирфон иборат набуд ва аз он
даст кашидан кори беақлона аст. Баръакс, ман ақида до-
рам, ки исломи ирфон фарҳанги моро хароб сохта, ба худ
тобеъ гардониданд. Ҳақиқат ҳамин буд, онро рад кардан
мумкин нест. Агар таҳлилиён олим бошанд, бояд фарҳанги
хосаи тоҷикиро аз исломи ирфонӣ бо роҳи зӯрӣ ба гардани
мо бор карда шуда, фарқ кунанд. Аммо афсӯс, онҳо дар
навиштаву тафсирҳои худ ба фарҳанги ҳазорсолаи тоис-
ломӣ ва ҳозираи мо мазмун ва ранги бӯи исломӣ-
тасаввуфӣ медиҳанд. Ин усули асосии таҳқиқоти онҳо аст.
Онҳо чунон ҳаннотӣ мекунанд, ки «танқид»-и худро ба хо-
нандагон ҳамчун барномаи ҳимоякунанда барои ни-
гоҳдоштани фарҳанги гузаштаи тоҷик муаррифӣ мекунанд
ва мо харифони худро бархамдиҳандаи фарҳанги бостонӣ
тасвир месозанд. Мо фикр мекунем, ки агар таҳлилиён
таҳлилгари воқеӣ бошанд, ҷавҳари аслӣ ва моҳияти воқе-
ии ин фарҳангро аз дину ирфон ҷудо карда, нишон диҳанд
ва онро тобеи исломи ирфон нагардонанд. Таҳлилиён
харифони худро бо ҷурми «рад кардани тамоми фарҳанги

мавҷуди зинда талаққӣ шуд. . Низоми муқаддаси табиат асли рӯҳии худро аз даст дод» (ҳамон саҳ);«метафизикаи мутафаккирони исломӣ ба илм ва алалхусус физикаи он замон такя мекарданд ва бо он муносибати мутақобила доштанд...» (с. 108); «Бояд назми табиатро дар муқоиса бо низоми инсонӣ ва низ бо низоми илоҳӣ мавриди баррасӣ қарор дод» (с. 116). «аз аввали пайдоишаш ҳомиёни дин ба муқобили он (тасаввуф) баромаданд» (с. 115); «нахзати шиа тасаввуфро зери тозиёнаи танқид гирифтанд» (ҳамон ҷо); «аҳли суннат ба сӯфиёни навхузур муқобил буданд» (ҳамон ҷо); «таълимоти тасаввуфиро ба унвони як ҷараёни оппозитсионӣ нисбат ба дини исломи ортодоксалӣ тащак-кул доданд» (ҳамон ҷо); «Маънавиёти мо дарахтест, ки реша дар осмон дорад ва шоху барги он дар кайҳону ола-ми моддист» (с. 120); «...мо - ходимони Шуъбаи фалсафа ба мисли давраи Эҳёи Ғарб танҳо ба ҷиҳатҳои ахлоқӣ ... аҳамият дода, ...» (с. 110); «Ғазолӣ дар ин бора менависад: Мы не можем представить себе такое знание, которое яв-ляется предметом веры и убежденности суфиев» (с. 112); «С. Наврӯзов аз сабаби надонистани забони тоҷикӣ хулоса мекунад... С. Султонов (?) бозиҳои бебурдонаи байни ил-му динро истифода бурда...» (ҳамон ҷо);

Ҳар як ҷумлаи навиштаи онҳо муҳаққиқи воқеиро ба сӯи дарки маънӣ ва услуби баёни ин «олимон» саргарм месозад ва дарояндаҳо ҳам осори навиштаи онҳо боиси эҷод шудани мазҳакаҳо мегардад.

Онҳо ҳама он чизе, ки ба баҳс муносибат надорад, он-ро бе зарурат баррасӣ мекунанд. Ҳарифон ва хонанда-гонро аз номи сӯфиёни гузашта «савол»-и ирфонӣ-мистикӣ омӯзонданӣ мешаванд. олимони ҷавонеро, ки мавқеи бесаволонаи онҳоро танқид мекунанд, наҳ зада, онҳоро тамоман беҳунару бедониш ва беоянда ҳисоб ме-кунанд ва дар ҳақи онҳо мағрурона мегӯянд, ки «яке аз китобҳо, монография, мақолаҳо ва ё ҳатто яке аз те-зисҳои ходимони Шуъбаи таърихи фалсафаро таҳлил карда, онро аз назари худ.., арзёбӣ» (с. 114)накардаанд. Олимони ҷавонро айбдор мекунанд, ки ҳунари кори

илми навиштанро надоранд. Воқеият он аст ки ин ҷавонон чунин ҳунарро доранд, агар чунин ҳунарро намедоштанд бо таҳлилгарон даст ба гиребон намешуданд. Чун онҳо ҷавон ва донишмананд, аз таҳлилгарон дар илм пеш мегузаранд, нисбати онҳо ин қадар бадхоҳӣ кардан лозим нест. Таҳлилиён он қадар бадгумонанд, ки навиштаҳои мустақилонаи ин ҷавононро «супоришҳои дигарон» (с. 115) мегӯянд, гӯё ки онҳо мустақилона ягон чизро гуфта ва навишта наметавонанд. Барои чӣ онҳо ба ҷавонони ин хел муносибат мекунанд? Барои он ки ин ҷавонон намехоҳанд илмро ба хизмати ислому ирфон гузоранд ё онҳоро омехта созанд.

Таҳлилиён устоҳои хуби игвогарӣ ва бахам ҷанг андохтани ҳарифони худ ҳам будаанд. Масалан, онҳо менависанд, ки «Ҳафиз Бобоёров аз номи С. Наврӯзов илмҳои ёдшударо (илмҳои исломӣ-ирфониро) ба зеҳни хоми худ баҳо дода навиштаанд. (ман. Бобоёров, ё ҳардуямон якҷоя?) ки ин «илмҳо» «никогда наукой не были и никакого отношения к науке не имеют» (с. 120). Ҷанобон таҳлилиён, агар шумо ақл дошта бошед ва каллаҳои шумо бо куму сабус пур карда нашуда бошанд, исбот кунед, ки «илмҳои» шумо гуфтагӣ ҳақиқатан илманд ё не, кадом протсессу ҳодисот ва рӯйдодҳои олами объективиро инъикосу таҳқиқ мекунанд?

Аҳли таҳлил менависад: «Истилоҳҳои фалсафии ақли кулл, назарияи судур, маротиби вуҷуд ва ғайра (?!) (ба муаллифи мақола тазаккур медиҳем, ки онҳо истилоҳҳои калидии фалсафӣ (?) мебошанд» (с. 113). Ин фикри хато аст. «категорияҳои калидии фалсафа»-ро аз калимаҳои номбаршуда фарқ карда тавонистан барои файласуфон зарур аст. Аз муқаррароту тасаввуроту догмаҳои исломӣ ва ирфонӣ, ривояту афсонаҳои тасаввуфӣ то ҳоло ягон файласуфи боҳирад «истилоҳҳои кали... фалсафӣ» насохта буд, ба ҷуз таҳлилгарони мо.

Боз як ҷумлаи поларҳавои таҳлилиён... ...а забони С. Наврӯзов ба ин гуфтаи Ҳафиз Бобо... ...х диҳем: «это самая настоящая глупость» автор... Ба ман-



тиқи ин гуфтори онҳо диққат диҳед, агар Бобоёров ба забони Наврузов гап занад, ин «самая настоящая глупость» будааст, агар таҳлилиён ин гапи ӯро такрор кунанд, ба муқобили Бобоёров нигаронанд, дар ин маврид ягон «глупость» набудааст. Вале дар асл, чӣ тавре ки аз гуфтаи онҳо бармеояд, худи таҳлилиён ба «самая настоящая глупость» роҳ медиҳанд. Ҷанобон таҳлилиён, агар забон дошта бошед, ба забони худатон ба ҳариф посух диҳед, на ба забони дигарон. Агар ҳунару каллаи бомантиқ танқид карданро дошта бошед, аз номи худатон танқид кунед, гапи як ҳарифатонро ба муқобили ҳарифи дигаратон равона накунед. Ин кори шумо нишонаи олим будани шумо нест.

«Муаллифи мақола (Бобоёров) чун аз масоил (кадом масоил?) фарсахҳо дур аст, ба С. Наврӯзов истинод намуда, ҳарфҳои ӯро тӯтивор такрор кардааст» (с. 112). Магар Бобоёров ҳуқуқ надорад, ки ба фикри дигарон розӣ бошад, ё фикри дигаронро рад кунад? Чунин иҷозат додану манъкуниҳо аз ҷониби таҳлилиён ҳам ба андешаронии ҳарифон олимона нест. «Дар воқеъ (?) Султон Наврӯзов чун масоили диниро намедонед ва забони тоҷикиро ҳам дуруст намефаҳмад ба пешниҳоди комилан дурусти Абдуллоев чунон ҳуҷум карда ва ҳарфҳои кабеҳ гуфтааст, ки ҳадду канор надорад» (с. 112). Мантиқро бинед: гӯё ки Наврӯзов аз рӯи нофаҳмӣ «ба пешниҳоди комилан дурусти Абдуллоев ҳуҷум карда» будааст, на аз рӯи ягон чизро фаҳмидани худ. Таклифҳоро ё маъқул медонанд ё рад мекунанд. Ба таклифҳо ҳуҷум намеоранд, агар ҳуҷум овардан мумкин бошад, бигзор таҳлилиён исбот кунанд, ки чӣ хел ба таклифҳо ҳуҷум овардан мумкин аст? «Пешниҳоди комилан дурусти Абдуллоев» ин аст: «Дине, ки бар пояи илм омӯзонда намешавад, пайравонашро ба ҷаҳолат мебарад» (с. 112). Дар дунё ягон дине нест, ки дар он ҷаҳолат набошад. Агар таҳлилиён дуруст андеша кунанд, дин пайравонашро бе илм ҳам ба ҷаҳолат мебарад, ҳаргуна дин дар худ унсурҳои зиёди ҷаҳолатро дорад. Абдуллоев ... «...ихтироъкор» аст, ки ба илм функсияи нав аз

илми навиштанро надоранд. Вокеият он аст ки ин чавонони чунин хунарро надоранд, агар чунин хунарро намедоштанд бо тахлилгарон даст ба гиребон намешуданд, чун онхо чавон ва донишманданд, аз тахлилгарон дар илм пеш мегузаранд, нисбати онхо ин кадар бадхохӣ кардан лозим нест. Тахлилиён он кадар бадгумонанд, ки навиштахои мустакилонаи ин чавононро «супориши дигарон» (с. 115) мегуянд, гӯё ки онхо мустакилона ягон чизро гуфта ва навишта наметавонанд. Барои чӣ онхо ба чавонон ин хел муносибат мекунанд? Барои он ки ин чавонон намехоханд илмро ба хизмати ислому ирфон гузоранд ё онхоро омехта созанд.

Тахлилиён устохои хуби игвогарӣ ва бахам чанг андохтани харифони худ хам будаанд. Масалан, онхо менависанд, ки «Хафиз Бобоёров аз номи С. Наврӯзов илмхои ёдшударо (илмхои исломӣ-ирфониро) ба лахни хоми худ бахо дода навиштаанд. (ман, Бобоёров, ё хардуямон якчоя?) ки ин «илмхо» «никогда наукой не были и никакого отношения к науке не имеют» (с. 120). Чанобон тахлилиён, агар шумо акл дошта бошед ва каллахои шумо бо куму сабус пур карда нашуда бошанд, исбот кунед, ки «илмхои» шумо гуфтагӣхакикатан илманд ё не, кадом протсессу ходисот ва рӯйдодхои олами объективиро инъикосу тахкик мекунанд?

Ахли тахлил менависад: «Истилоххои фалсафии акли кулл, назарияи судур, маротиби вучуд ва гайра (?!) (ба муаллифи макола тазаккур медихем, ки онхо истилоххои калидии фалсафӣ (?) мебошанд» (с. 113). Ин фикри хато аст, «категорияхои калидии фалсафа»-ро аз калимахои номбаршуда фарк карда тавонистан барои файласуфон зарур аст. Аз мукарраротy тасаввуроту догмахои исломӣ ва ирфонӣ, ривояту афсонахои тасаввуфӣ то холо ягон файласуфи бохирад «истилоххои калидии фалсафӣ» насохта буд, ба чуз тахлилгарони мо.

Боз як чумлаи поларханои тахлилиён: «Агар ба забони С. Наврӯзов ба ин гуфтаи Хафиз Бобоёров посух дихем: «это самая настоящая глупость» автора статьи! Ба ман-



тики ин гуфтори онхо диккат дихед, агар Бобоёров ба забони Наврузов гап занад, ин «самая настоящая глупость» будааст, агар тахлилиён ин гапи ӯро такрор кунанд, ба мукобили Бобоёров нигаронанд, дар ин маврид ягон «глупость» набудааст. Вале дар асл, чӣ тавре ки аз гуфтаи онхо бармеояд, худи тахлилиён ба «самая настоящая глупость» рох медиханд. Чанобон тахлилиён, агар забон дошта бошед, ба забони худатон ба хариф посух дихед, на ба забони дигарон. Агар хунару каллаи бомантик танкид карданро дошта бошед, аз номи худатон танкид кунед, гапи як харифатонро ба мукобили харифи дигаратон равона накунед. Ин кори шумо нишонаи олим будани шумо нест.

«Муаллифи макола (Бобоёров) чун аз масоил (кадом масоил?) фарсахо дур аст, ба С. Наврӯзов истинод намуда, харфхои ӯро тӯтивор такрор кардааст» (с. 112). Магар Бобоёров хукук надорад, ки ба фикри дигарон розӣ бошад, ё фикри дигаронро рад кунад? Чунин ичозат додану манъкунихо аз чониби тахлилиён хам ба андешаронии харифон олимона нест. «Дар вокеъ (?) Султон Наврӯзов чун масоили диниро намедонад ва забони точикиро хам дуруст намефахмад ба пешниходи комилан дурусти Абдуллоев чунон хучум карда ва харфхои кабех гуфтааст, ки хадду канор надорад» (с. 112). Мантикро бинед: гӯё ки Наврузов аз рӯи нофахмӣ «ба пешниходи комилан дурусти Абдуллоев хучум карда» будааст, на аз рӯи ягон чизро фахмидани худ. Таклифхоро ё маъкул медонанд ё рад мекунанд. Ба таклифхо хучум намеоранд, агар хучум овардан мумкин бошад, бигзор тахлилиён исбот кунанд, ки чӣ хел ба таклифхо хучум овардан мумкин аст? «Пешниходи комилан дурусти Абдуллоев» ин аст: «Дине, ки бар пояи илм омӯзонда намешавад, пайравонашро ба чахолат мебарад» (с. 112). Дар дунё ягон дине нест, ки дар он чахолат набошад. Агар тахлилиён дуруст андеша кунанд, дин пайравонашро бе илм хам ба чахолат мебарад, харгуна дин дар худ унсурхои зиёди чахолатро [illegible] аз чунон «ихтироъкор» аст, ки ба илм [illegible]

чаҳолат озод кардани динро додааст, вале барои ин ихтирои кардагиаш ба ӯ мукофот намедиҳанд. Таъиноту функсияҳои илм озод намудани дин аз чаҳолат ва бе чаҳолат гардондани дин намебошад. Дине, ки дар он чаҳолат нест, онро дин гуфтан мумкин нест. Дар таърихи 1400-солаи ислом содир шудани чангҳои зиёд, забткориҳои мулку сарзаминҳои халқҳои дигар, ба қатл расондани ҳазорҳо озодандешон, чиҳоду ғазавотҳо магар чаҳолат набуданд ва нестанд? Бе илмӣ гаштани ислом ҳам он чаҳолат ва бо илм буданаш ҳам аз чаҳолат холӣ нест, афсонаест, ки Абдуллозода барои худ нақл мекунад. Ислом ҷойгири илм набуд ва буда наметавонад ва ҳеҷ вақт исломро илмӣ гардондан мумкин нест. «Дине, ки бар пояи илми омӯзонда намешавад...» гуфтани Абдуллоев чӣ маъно дорад? Маънои онро дорад, ки дин худкифоя нест, маънои ба он такягоҳи нав додан дар шакли илмро дорад, чунки дин дар ҷамъият рӯз то рӯз мавқеи пештараи худро гум карда истодааст. Гуфтаи Абдуллозода «дин дар пояи илм» худ чаҳолат аст.

Шерзоти Абдуло ё Абдулозода мехоҳад, ки дар ҷамъият динро аз нав эҳё ва ҳукмрон гардонад. Вале ӯ як чизро намефаҳмад, ки сусту заиф шудани ислом дар ҷамъияти имрӯза майлони объективӣ аст, пеши ин майлонро садҳо шерзотҳо гирифта наметавонанд. Ин ки аҳли таҳлил фикри ӯро «пешниҳоди комилан дуруст» ҳисоб мекунанд, бояд бефаҳмии ӯро якҷоя бо ҳам бинанд. Ҳар як илм объекту предмет, доираи проблемаҳои таҳқиқу омӯзиши худро дорад. «Бар пояи илм» гузоштани дин ҳеҷ вақт илму динро бо ҳам иваз карда наметавонад. Илм арвоҳу ҷину аҷинашиносӣ, қиёматшиносӣ ва ғуломи маънавӣ гардондани одамон нест. Илм дар чарёни дигаргунию тағйирот қарор дошта, ҳар марҳилаи таърихии он марҳилаи ...
чандаю ...

зиндагии тамаддунӣ роҳнамоӣ кард. Илм ба дин эҳтиёҷ надорад, вале дину ташкилотҳои динӣ фаровон аз дастовардҳои илмӣ истифода бурда, ҳатто ҷумлаҳаке дар ситоиши илми муосир намегӯянд. Дар фаҳмиши тумангализи руҳониёни ҷаҳон ва ташкилотҳои динӣ гӯё илмро худи онҳо эҷод карда бошанд.

Ислом ҳоло ҳам ҳамоне аст, ки дар асрҳои 7-10 вуҷуд дошт, дар ин муддат ягон догмати он тағйир наёфтааст, догматҳои онро, бар хилофи орзуву хаёлоти абдуллозодаҳо «илмӣ» гардондан мумкин нест. Аҳли таҳлил ва Абдуллоев аз ҳақиқат ҷунон дуру бехабар гап мезананд. Ҳатто намефаҳманд, ки дастгоҳи мафҳумҳои илму дин, объекту протсессҳои инъикоснамудаи онҳо ҳеҷ вақт якхела набуданд ва буда наметавонанд. Аҳли таҳлил ба Абдуллозода он қадар фалсафафурӯшӣ мекунанд, ки худашон дар бораи инъикоси воқеият дар илму дин тасаввуроте надоранд. Агар онҳо дар ин хусус ягон маълумоти айниятнок медоштанд, динро бар пояи илм намегузоштанд. «Нимкоҳе», ки онҳо байни илму дин бастан мехоҳанд, на шариатӣ аст ва на замонавӣ-қонунӣ. Ин ҷанобон дар пояи химия, физика, биология, биотехника, илмҳои техникӣ ва технологӣ асосҳои динро ба мардум меомӯзонанд, ҳол он ки худашон аз ин илмҳо чизеро намефаҳманд. Парадокс аст, ки дар пояи ин илмҳо динро ба мардум меомӯзонанд, дар сурате ки натиҷаҳои ин илмҳо зидди таълимоту муқарраpоти динӣ ва ҷаҳонбинии динианд? Табиат, ҷамъият ва инсонҳо қонунҳои махсуси инкишофи худро соҳибанд, ки илмҳои гуногун онро меомӯзанд. Ба ин қонунҳо тамоили динӣ додан ва либоси илоҳиётшиносиро пӯшонидан ва ба масири эътиқоду парастиши ҳамешагӣ тела додан, аблаҳӣ аст. «Натиҷаҳое», ки таҳлилиён дар дин ҷустуҷӯ мекунанд, ба табиат, ба ҷамъияту инсонҳо тӯҳфа кунанд, то ба табиат мечӯянд. Ҳамин қонунҳои мавҷудияти ҷамъият, рафти объективии ... таърихии инсонҳо рост намеоянд. ... Абдуллоев» «дин пояи ...

хозир ягон инкилобе ба вукуъ напайвастааст. На аз аввал ва на аз огозёбии муборизаи байни илму дин, охирӣ ягон худислохкунӣ (самореформирование)-ро аз сар нагузаронда, кадам ба кадам мавкеи худро дар назди илм аз даст дода истодааст. Шамолову Абдуллозодахо ба он кувва ва такони нав дода наметавонанд ва дар он ягон инкилобе хам гузаронда наметавонанд. Ислом бе онхо хам инкилобӣ набуд ва намешавад. Бо таассубу зӯрӣ ва бо яроку чанг шиорхои исломӣ ба хидмати синф ва ё гурӯхи муайяне ворид шуда, манфиати давлату кавмеро химоя мекунанд, вале дар мундаричаи гоявии дин ягон тагйироте ворид намесозанд. «Инкилоб»-и ин чо ба маънии категориявӣ ва институтсионалӣфахмида шавад, на ба маънои «инкилобхои исломӣ», ки ба маънои аслӣ инкилоб нестанд.

Маколаи тахлилиён як ачоиботи дигаре хам дорад, ки худи онхоро дар бемантикии фош месозад. Дар макола харифон «С. Наврӯзов» - С. Султонов» (с. 112) ва «Хафиз Бобоёров» - «Хафиз Худоёров» (с. 114) шуданд. Ин маънои онро дорад, ки маколаро хамаи «кормандони илмии Шуъбаи фалсафа» нанавиштаанд, онро як ё ду нафар (аз инхо: А. Шамолов, А. Мухаммадхочаев, А. Шарипов, М. Хазраткулов) дар холати парвози баланди хаёлоти худ ва дар холати хеле асабонӣ ё сархушӣ навиштаанд ва намедонанд, ки бо «С. Султонов» ё ки «С. Наврӯзов», бо «Х. Бобоёров» ё ки «Х. Худоёров» бахс доранд. Ва ё хар кадоми онхо кисматхои алохидаи маколаро навиштааст. Агар маколаро хамаи «кормандони шуъбаи таърихи фалсафа» менавиштанд, дар байни онхо ягон касе ёфт мешуд, «С. Султонов» - у «Х. Худоёров»-ро аз С. Наврӯзов ва Х. Бобоёров фарк мекарданд, медонистанд, ки бо кӣ бахс доранд. Чанобон тахлилгарони академӣ агар боз бо ягон каси дигар хамин хел бахс кардан хохед, пеш аз бахс ба назди рӯхшиносон (психиатрхо) рафта, рӯхи ба парвозомадаи худро аз муоина гузаронед, то ки ба ин хел шармандагӣ рӯ ба рӯ нашавед ва донед, к ибо кӣ бахс мекунед.

Акнун дар бораи забони точикиро «надонистани» Наврӯзов. Агар ман забони точикиро надонам, чӣ хел

# НАЗАРИЯ ВА ФАЛСАФАФУРӮШИИ ТАХЛИЛИЁН

Русхо як макол доранд: «рӯят кач бошад, оинаро айбдор накун» – «Нечего на зеркалопенять, коль рожа крива». Тахлилгарони академии мо бо номи «Шуъбаи таърихи фалсафа» бо чунин чашму рӯ ба чахон, чамъият ва инсон нигох мекунанд. Нигохи онхо нигохест, ки чахон, чамъият ва инсонро аз мавкеи догматхои исломӣ, ривоятхои ирфонӣ-тасаввуфӣ мебинанд ва ин дили худро ба «хакикати хадди охирин» ба калам медиханд. Хамаи таълимотхои дигар, ки дар бораи табиат, чамъият ва инсон вучуд доранд, онхоро дар партави дин мебинанд ё ба дин вобаста медонанд. Чунин хисоб мекунанд, ки харгуна диди дигари чахон, чамъият ва инсон, ки диниву ирфонӣ нест, бояд тобеи таълимоти исломy ирфон гардонида шавад ё бо он омехта сохта шавад. Мухаккиконе, ки ин нуктаи назари онхоро эътироф намекунанд, бояд ба мавкеи онхо гузаранд. Мавкеи асосии онхо дар муносибат ба исломy ирфон, чӣ тавре ки дар боло муфассал дидем, тобеъгардондани на факат зиндагиву муносибатхои чамъиятии одамон, хатто тахкикотхои илмӣ ба ирфону ислом мебошад. Ана хамин хел «мавкеи илмӣ»-ро онхо аз харифон ва мухаккикони дигар талаб мекунанд. Вале ба чуз худи тахлилиён, касе аз мухаккикон ёфт мешавад, ки ин мавкеи онхоро кабул дошта бошад ва ба он пайравӣ кунад? Асли гапи онхо дар масъалаи муносибат ба исломy ирфон «аз мавкеи илми замони хозира» ошно сохтани мардуму чамъият, шарху тафсир додани «улуми исломӣ» аст. Ин акидаи онхо тамоман хато аст, чунки мавкеи илми замони хозира ба мавкеи исломy ирфон хеч рост намеояд. Аз мавкеи илми замони хозира тахлилиён худро тахлилгарони илми академӣ ба калам дода, ба ягон гӯшаи аклу хуши академии онхо намеояд, ки илми замони хозира ва «улуми исломӣ» дар ягон бобат айниятнок нестанд ва мувофикат надоранд. Барои фахмидани ин хакикат номзаду док-



торхои илмхои фалсафа, членкору академикхои Академияи илмхо, «Ходимони илмии Шуъбаи таърихи фалсафа» будан шарт нест. Ин хакикатро олимони сохахои дигар низ дуруст тасаввур мекунанд: илм илм асту исломy ирфон – исломy ирфон. Ин хакикатро факат худи Абдуллозода, Шамолов ва хаммуаллифони онхо нафахмидаанд. Аз мавкеи илми замони хозира ошно сохтани мардуму чавонон... бо усули исломӣ гуфтани онхо кашфиёти хандовару беаклонаи худи онхо аст. Ахли тахлил ба суханбозихои мистикӣ-ирфонӣ дода шуда, худашон намефахмаданд, ки илм чист ва исломy ирфон чист? Ягон нуктаи ба хам айниятнок ва мувофикат доштани андешахояшонро исбот накардаанд, исбот карда наметавонанд. Харчанд даъвои онро доранд, ки «илмшиносу» «исломшинос» мебошанд. Синтезе, ки онхо аз илму исломy ирфон месозанд, ягон илми навро ба вучуд оварда наметавонад, баръакс, илмро масхара (пародирует) мекунад. «Илм»-и онхо ба классификатсияи хозираи илмхо хам ягон чизро илова карда наметавонад. Онхо намефахманд, ки ислом ба илми замони хозира ягон чиз дода наметавонад, онхо аз рӯи фикри махдуди худ синтези илму ислом ва ирфонро гузарондан мехоханд ва тамоми «кормандони шуъбаи таърихи фалсафа»-ро дар холати ногувор мегузорад. Зохиран аз маколаи тахлилиён чунин бармеояд, ки онхо исломy ирфонро «реформа» кардан мехоханд, вале намедонанд ва намефахманд, ки чӣ хел онхоро «реформа» кунанд. Шамолов, Абдуллозода ва хаммуаллифони онхо хеч имконияти дигар сохтани догматхои исломӣ ва ривоятхои ирфониро надоранд. Илми замони хозира кучову аз мавкеи исломy ирфон баррасӣ кардани илм кучо? Сабаби нофахмии дигари онхо ин аст, ки исломy ирфон ислохпазир нестанд. Вале онхо бо як зӯрии чопконона мехоханд онхоро «реформа» кунанд, барои хамин факат ба суханбозихои бехуда машгул шуда, худро гох ба ин тарафу гох ба он тараф мезананд.

Точикон пеш аз ислом хам вучуд доштанд, агар ислом хам намебуду ба гардани онхо бо зӯрӣ бор карда намешуд,

ҳамчун *тоҷикон* вуҷуд медоштанд ва пеш мерафтанд. *Мак* ин гапҳоро ҷавобан ба гуфтаҳои аҳли таҳлил менависам, ки онҳо исломро аз ҳадди дин буданаш берун бароварда, миллатсозу халқофарин медонанд. Миллатсозиро ислом ба манфиати арабҳо анҷом додааст. Халқҳои сурёнии қадим, мисриҳо, ассириягиҳо ва даҳҳо халқҳои дигари Африқову Осиё ба «туфайли» исломисозию арабсозӣ аз байн рафтанд.

Агар таҳлилиёни абдуллозодагӣ олиму файласуфони таҳлилгар мебуданд, ягон навигариро ба ислом ворид сохта тавонанд, сабабу қонуниятҳои ин «навсозии» исломро бояд нишон медоданд. Вале маҳз ба сабаби он ки онҳо тафсиргарони навиштаҳои тайёри дигарон, аз ҷумла муқарраротии ислом ҳастанд, аз назария ва методологияи фалсафӣ бехабаранд, дар таҳлилҳояшон ягон сухани нав оид ба навсозии ислом гуфта наметавонанд, бо як зуъмик ба онҳо хос мегӯянд, ки ислом «илм» аст. Ин тавр ки бошад, боз ҷаро исломро дар пояи илм мегузоранд. Пас «илм» будани худи ислом дар ин маврид нодуруст аст. Ва ё то замони муайяне ислом бидуни «илм» ва берун аз «илм» паҳн шудааст? Суханбозиҳои зиёдро ба харҷ дода, онҳо дар мақолаашон ягон сабабу қонуниятро таҳлил карда натавонистаанд. Барои нишон додани сабабу қонуниятҳо маърифату фаросати илмӣ лозим аст, ки аҳли таҳлил онро надоранд. Агар медоштанд ҳеҷ вақт эҳё гардонидани ислом дар шакли классикии онро ба зиммаи илми муосир намегузоштанд. Кореро таҳлилиён ба зиммаи худ гирифтанд, ки ҳеҷ вақт онро ҳал нахоҳанд кард. Зеро аҳли таҳлил эволютсияи исломи ирфониро дигар сохта, онро ба омили пешрафти инсоният табдил дода наметавонанд.

миён гузошта, ба онҳо ягон ҷавоб медоданд. Эй ҷанобони таҳлилгар, ин ки «масоил»-ро ба миён гузоштед, ба он бояд ҷавоб медодед. Ба «масоил», ки ҷавоб надоред, беҳуда суханбозӣ накунед. Таҳлилиён «ҳамалон» ҳастанд. «Ҳастии мутлақ», «ҳаюлло» ва «ҷаҳон»-ро чунон маънидод мекунанд, ки гӯё ҳар яке аз онҳо худ ба худ мустақилу мухтор вуҷуд дошта, ба якдигар ягон робитаву муносибате надошта бошанд (с. 113-114). Воқеият ин аст: дар ин бора чизеро намедонанд, вале ба ҳарифон ва хонандагон нишон доданӣ мешаванд, *ки ин «масоилро мефаҳманд»*, агарчӣ маънои *мафҳумҳои «ҳастии мутлақ», «ҳаюлло»* ва «ҷаҳон»-ро нафаҳмида, *онҳоро баргалат таъбир мекунанд*. Таҳлилиён ба Ҳафиз Бобоёров ва Меҳмониё Шарифзода, ки онҳоро барои надонистани забони англисӣ эрод гирифтаанд, ҷавоб гардонида, ҳикмати шарқиро «азалӣ» ё хамирмояи азалии ҳикмати Шарқ (с. 114) эълон мекунанд. Ягон ҳикмат, сарфи назар аз он ки шарқӣ аст ё [illegible] азалӣ дода нашудааст. Дар ин маврид гап дар он аст, ки [illegible] азалӣ будан ё [illegible] қавли таҳлилиён, баррасӣ кардани масъалаи [illegible] набудани ҳикмат ягон зарурият надорад. Таҳлилиён бо [illegible] (азалияти менависанд, ки агар «ҳоҷат ба таҳлили масъала» ба миён гузоштед? ҳикмат) набошад, ҷаро ин масъаларо таҳлилиён худфиребкунии Ҳаҷвиётона мулоҳизаронии онҳо аз ҳамон гапе бехунарии худи онҳо аст. Сухани гуфтаи ки ду ҷавони дар боло номбаршударо айбдор мекунанд ва нисбати онҳо мегӯянд: «аҷоиботи кор дар он аст, ки ҳарду «ҳаводорони беҳавою ҳавас»-и ҳикмату фалсафа бидуни овардани мисол бо истинод ба замони шӯравӣ ва ё баҳонаҳои дигар санги маломат ба файласуфон мезананд» (с. 114) бештар сазовори «санги маломат» аст. Дар ин бобат худи шумо аз ин ҷавонон фарқ надоред. Шумо ва мирзохону тафсиргарони ақидаҳои архаикии гузаштаи исломи ирфону тасаввуф ҳастед.

тоиш ва хамзамон танкид намудани «таълимоти ирфонии гузашта»-ро манъ накардааст. Тахлилу танкид дигар аст, вале дар чараёни тахкикоти илмӣ ба рохбарӣ гирифта, ин принсипу усулхоро абадӣ хондаю аз онхо догма сохтан кори мухаккик набояд бошад. Аз афти кор, ин масъалахоро Абдуллозода моли худ медонад ва чунин хисоб мекунад, ки дигарон ба ин масъалахо бояд даст назананд. Вале ягон сохаи дониш монополияи ягон шахси алохида нест. Абдуллоев ба ин хулоса факат дар заминаи кӯрназарии касбии худ омадааст. Агар гапи ман ба ӯ маъкул набошад, бигзор исбот кунад, ки «таълимоти ирфонии гузашта» ба чавонони имрӯза чӣ медихад? Ирфон (мистика) дар тарбияи чавони имрӯза махсули хаёлоти ба парвозомадаи худи Абдуллозода аст. Ба каллаи ин чаноб хеч намеояд, ки чавонони имрӯзаро дар рӯхияи «таълимоти ирфонии гузашта» тарбия кардан мумкин нест, мистика онхоро ба бунёдкорӣ ва созандагӣ хидоят намекунад. Ба замми он, асри XXI барои тарбияи мистикӣ таъин нашудааст. Дар ин аср барои чавонон корхои аз ирфон дида бехтару созандатар ёфт мешавад.

Дар маколаи тахлилиён ханнотиву суханбозихо дар атрофи «ирфони замони гузашта» чандин маротиба такрор шудаанд. Онхо, хомиёни ирфону мистика талаботу сабабу зарурияти дигареро барои тарбия кардани чавонон дар асри XXI намебинанд. Дар сурате ки талаботхои аср, заруриятхои замона дар пеши чавонон захмати зиёд, машаккати афкори интеллектуалию информатсионӣ ва рӯхи эчодкорию созандагиро талкин мекунад. Тахлилиён ба ирфону мистика майл дошта, талаботу роххои тарбияи чавонони имрӯзаро дар заминаи ривоятхо ва догмахои ирфонии колабӣ (стандартӣ) ба рох мондан мехоханд. Колабу стандартхои динӣ, ирфонӣ ва тасаввуфӣ барои тахлилиён ба стереотипхои тафаккури ... Онхо аз худуди ин сте... нанд, чунки ...

...наз гуфта наметавонанд. Ба сабаби фанатизми динӣ-мистикии худ, ягон хакикати берун аз дину ирфонро дарёфт кардан намехоханд ва наметавонанд. Барои онхо исломму ирфон илм аст. Гуфтахои онхо шохидии догма сохтани абёти ирфонию «каромотхо»-и суфиёну ахли ирфон мебошад. Охир, ин кӯхнапарастӣ ва тафаккури догматикии худи онхост!

Бо ривоятхои тасаввуфӣ дар асри XXI зиндагӣ кардан мумкин нест, агар зиндагӣ кардан мумкин бошад, ин бандагӣ аст. Тахлилиён дар илм чунон карахтанд, ки тағйироти решагиро дар чамъияту маънавияти имрӯза, дар зиндагии мардум хеч хис намекунанд, мехоханд, ки мардум дар доираи мукаррароти исломӣ зиндагӣ ба сар баранд. Онхо суфиёни гузашта, «сайру сулук» ва ривоятхои мистикии онхоро тагу рӯ гардонда, боз хамон дарди бедавои худро ёдовар мешаванд: «Муаллифи макола Хафиз Бобоёров ва хомии ӯ Султон Наврӯзов ба чунин тахлилхо (тахлилхои мистикӣ-ирфонӣ) очизанд, аз дарки чунин масоил фарсаххо дуранд ва ба сабаби надонистани мохияти тасаввуф С. Наврӯзов чунин навиштааст: «По сравнению с предрассудками и мистическими воззрениями седой старины будущие исторические периоды обещают небывалый общественный прогресс и было бы чрезвычайно странно, если не сказать глупо, выбрать эту седую старину в качестве подходящего ориентира. . .». Хафиз Бобоёров бошад менависад, ки «догмахои динӣ дар хазорсолахо иваз намешаванд. Магар афкори ахлокии тасаввуф барои шумо «догматикӣ» аст, магар ин рӯхгароист?» (с. 118) Чаро не?Агар «афкори ахлокии тасаввуф» догматикӣ набошад ва шумо акли исбот кардани ягон чизро дошта бошед, мо – харифонро бехуда айбдор накарда исбот кунед, ки тасаввуф ва афкори чомеагурезӣ, аъмоли ба таваккал хавола кардани сарнавишт, сарфи назар кардани вокеияти хаётӣ, ...

замон тайёр будан барои «ҷонро фидо кардан» - магар созандаанд? Дар ҷамъият ва зиндагии имрӯзаи ҷомеа чӣ дигаргунсозиҳоро ба амал меоранд? Дар ин ҷо шумо масъаларо ба миён мегузоред, вале дар бораи он чӣ гуфтанатонро намедонед. Магар ин баҳс бо ҳарифон аст. Баҳс ҳамон вақт баҳс аст, ки дар он проблема ҳал карда мешавад. Баҳси шумо бо мо ҳарифон кадом проблемаро ҳал мекунад? Ҳалли ягон проблема дар баҳси шумо дида намешавад, ба ҷуз суханбозиҳои сунъии бемаънӣ.

Бале, барои мо тасаввуф созанда нест, афкори тасаввуфӣ як хотирае аз фоҷеаҳо ва акту иродаи сарнагунишудаи мардуми ба ҷери зулму ҷаҳолатмонда ва ноилоҷмонда аст. Ашъори аҳли тасаввуфро хонда, завқ бурда, ҳаловати зеҳнӣ ва роҳати маънавӣ ҳам дидан мумкин аст. Вале онро ба роҳбарӣ гирифта, аз он ҷамъиятсозӣ намудан хандаовар аст, ки танҳо хоси ҳарифони мубоҳисаи моанд. Усули таҳқиқотҳои илмиро ба меъёрҳои асримиёнагии андешаронӣ тобеъ намудан, қобили қабул нест. Илму технология ҳар соату ҳар лаҳза тағйир меёбанд, ҳатто усулу принсипҳои худро дигар мекунанд, вале магар догмаҳои исломиву ирфонӣ дар 1400 сол тағйир ёфтаанд? Тағйирёбиҳои дар онҳо баамаломадаро нишон диҳед ва ҳарифонро беҳуда айбдор накунед. Барои исботи ин шумо ягон факту далел барои исбот намеёбад, ё шумо фикр мекунед, ки маънои «Бисмиллоҳи раҳмонир раҳим»-ро «реформа» кардед... Дар тамоми таърихи мавҷудияти худ ислому ирфон ягон догма ва ривояти худро иваз накардаанд, чунки ҳамчун шакли шуури ҷамъиятӣ ва ҷаҳонбинӣ онҳо аз илм фарқ мекунанд. Дин эътиқод аст, илм бошад эътиқоду парастишро қабул надошта, дар ҷодаи танқиду инкор санҷишу иштибоҳ, ягонагию зиддият қарор дорад.

Агар шумо олим бошед, ягон [illegible] як зӯр зала бинед ва ба [illegible] калом [illegible]

Тамоми таълимоти ислом, догмаҳои он ва ривоятҳои тасаввуфӣ ба ҷуз догма ва ривоятҳои абстрактӣ дигар чизе нест. Ин догмаву ривоятҳо ягон протсесси объективӣ-воқеӣ, қонуну қонуният, олами моддӣ объекту рӯйдодҳои табиӣ, таърихӣ ва ҷамъиятиро айниятнок инъикос карда наметавонад. Агар таҳлилгарони навбаромад саволу тафаккури навоварӣ дошта бошанд, исбот кунанд ва фаҳмонанд, ки догмаҳои динӣ ва ривоятҳои ирфонӣ-мистикӣ ин ё он қонунияти инкишофи табиат, ҷамъият ва тафаккурро ба эътибор мегиранд?

Таҳлилиён ба қонуниятҳои объективӣ инкишофи олам, характери прогрессивии он, пешрафти сифатии он, имкониятҳои номаҳдуди инсон, потенсиали кайҳоншиносии илм ягон чизе аз дастовардҳои дину ирфон ҳамроҳ карда наметавонанд. Худи онҳо чӣ тавре аз мақолаҳояшон аён аст, то ба он ҳадди фанатизми динӣ ва мистикӣ расидаанд, ки олами атрофро ба ин догмаҳо ва ривоятҳо андоза ва муайян мекунанд.

Ақнун дар бораи ҳукми дигари аҳли таҳлил, ки гӯё ману Бобоёров ба чунин таҳлилҳои ирфонӣ-мистикӣ «оҷизем», моҳияти таълимоти тасаввуфро «намефаҳмем». Вақте чаласаводоне чун аҳли таҳлил «моҳияти ирфон»-ро фаҳмидааст, чаро мо моҳияти онро намефаҳмидаем? Мо, албатта, моҳияти ирфонро мефаҳмем, вале рӯирост ба таҳлилгарон мегӯям, ки ба донистани моҳияти тасаввуф эҳтиёҷ надорем, ҳамчунин ба афкори ирфонии таҳлилиён. Ирфон ва тасаввуф як саҳифаи таърихи гузаштаи мост. Онҳое, ки дар ашъорашон андешаи ирфонию тасаввуфиро ҷой додаанд ё ирфону тасаввуфро муаррифӣ кардаанд, фарзандони замони худ ҳастанд. Мутаассифона, таърихи асримиёнагии мо, дар муқоиса ба замони бостониамон марҳилаи ҷаҳолат, ноилоҷӣ, пахши афкори озод ва барҳам хӯрдани фа[illegible] созандагию ватансозӣ буд. Орифону обидон, [illegible] аз фазои бечорагию тобеӣ, ноилоҷию [illegible] имрӯз онҳо қадами боҷуръати [illegible] ба манзараи [illegible]

аҳли таҳлилро, ки андешаи ирфонию тасаввуфиро сармашқи зиндагӣ ва усули кори таҳқиқотиашон қарор додаанд, хуб мазаммат мекарданд. Ман нағз медонам, ки ҷомеаи имрӯза ҳеҷ ба усули зиндагӣ ва афкори суфиёну аҳли ирфон эҳтиёҷ надорад ва илми муосир, ҳатто Шуъбаи таърихи фалсафа ҳам дар маҷмӯъ (албатта бе аҳли таҳлил) бе ирфон ҳам вуҷуд дошта метавонанд. Таҳлилиёнро ягон кас ва ягон қувваи мистикӣ ба сари мардум жандарм таъйин накардааст, ки ирфонро бо роҳи зӯрӣ ба гардани олимону аҳли ҷомеа бор кунанд. Ҷанобон таҳлилиён, монед ки мардум роҳи зиндагӣ ва пешравии худро бе ирфон ҳам интихоб кунанд, чун онҳо метавонанд бе таҳлилҳои ирфонӣ-мистикии шумо ҳам рӯзгорашонро пеш баранд. Ирфонӣ будан барои оламон «фармуди тақдир» нест.

Таҳлилиён, хусусан Абдуллозода, дар чунин ҳолати экстази фикрӣ-мистикӣ қарор доранд, ки худашонро аз афсонаву ривоятҳои тасаввуфӣ ҷудо тасаввур карда наметавонанд. Тоҷикистониён имрӯз дар раванди пешравии илмию технологӣ қарор доранд, вале таҳлилиён бошанд мехоҳанд онҳоро ирфонӣ гардонда, дар доираи афкори ирфону мистика ба сӯи оянда баранд. Замони зиндагонии ирфонӣ кайҳо боз гузаштааст. Имрӯз ба ҷуз таҳлилгарон ва миқдори ками пайравони онҳо, аксарият бо ирфон зиндагӣ карданро ба худ эб медонанд. Аз тарафи дигар, ин андеша ҳаргиз ба маънои носипосӣ ба афкори маънавии гузаштаи халқамон нест. Дар баробари ирфону мистика мутафаккирони гузаштаи мо даҳҳо тарзҳои дигар баёни андеша, каломи манзум, даъватҳои мубориза ҳохонаро ба хотири беҳбудии рӯзгор ва рафъи мушкилоти кор ба мён гузоштаанд, ки халқҳои дигар чунин нобиғаҳоро дар таърихи асримиёнагиашон надоранд. Дар алоқамандӣ ба ҳамин андеша, ба мантиқ...

чунки ҷашнҳо гаи дурӯғ аст. Дуюм ин ки ин ҷашнҳо ба хотири ирфону мистика не, балки ба хотири хизматҳои бузурги ин мутафаккирон дар инкишофи фарҳанги тоҷик гузаронда мешаванд. Онҳоро ҷашн мегиранд на барои ақидаҳои мистикиашон, ки дар замони ҳозира аҳамияти худро гум карда, ба пешрафти тамаддуни имрӯза мусоидат намекунанд. Дар мероси онҳо таълимотҳое ҳам вуҷуд доштанд, ки то имрӯз ба мардум ва фарҳанги миллат хизмат мекунанд, аҳамияти худро гум накардаанд. Аз ин рӯ, Ҳамадонӣ ва Ҷомӣ таърихи музаффарияти фикрӣ, дастовардҳои маънавии миллати мо, намунаи беҳтарини инсоншиносӣ ва баёнкунандаи каломи ширину зебои ҳунарварӣ буданд. Онҳо ва ба онҳо монандро пос бояд дошт, чунки онҳоро на ба хотири афкори суфиёнаашон (агарчи ирфону тасаввуф камтаре дар осори онҳо ҷой дошта бошад ҳам), балки барои нотакрории лаҳни балеғию баёни баландпарвози табаъ ва афрӯзиши инсонигарӣ, қиммати баланди суханварӣ ва афкори нек баояндаи халқҳо оригиналу нотакрор гардонидааст.

Сеюм ин ки ин ҷашнҳо як хусусияте доранд, ки бо гузаштани онҳо шӯру ғавғо дар атрофи ин бузургон поён меёбад, то ҷашни дигар. Ҳангоми гузаронидани чунин ҷашнҳо ба назар мерасад, ки онҳо фақат таърифу тавсифанд ва мутаассифона ин таърифу тавсифҳо таҳлилӣ не, балки догматикӣ, обшуставу қолабиянд. Ҳангоми гузаронидани ҷашнҳо чунин ба назар мерасад, ки шахсиятҳои бузурги гузашта ва мероси онҳоро аз дидгоҳи илмӣ, балки аз лиҳози ниёз доштани аҳли ҷомеаи тоҷик ба изҳори ифтихори миллӣ алоқамандӣ дорад.

Ҷашнҳое, ки ба бузургони гузашта бахшида мешаванд, огоҳии сатҳи ҷашнгирандагон дар бораи онҳост. Таҳлилгарон, аз ҷумла ҷашни 600-солагии Абдураҳмони Ҷомиро...

инсоншиносӣ, маърифати олам ва услуби ниҳоят зебои тараннуми дӯстию инсонпарастӣ ҷой доранд, ки онҳо сирф ирфонию тасаввуфӣ нестанд. Осори ӯ дорои арзишҳои дунявӣ низ буда, бо мазмуну мундариҷа, бо сабку услуби хеш таҷассумгари дастовардҳои маънавию адабӣ ва фарҳангии тоҷик аз замони ӯ, замони оромию осоиштагие, ки дар қарни 15 ба тоҷикон муяссар шуда буд, мебошад.

Боз як гапи подархавон дигари таҳлилиён: «мутаассифона вақти худро ӯ (Бобоёров) ба хондани рисолаҳо оид ба таърихи фалсафаи Шарқи исломӣ сарф накарда (!), роҷеъ ба ин мавзӯъ (дар ин ҷо «таърихи фалсафаи Шарқи исломӣ» як мавзӯъ» шудааст) хулосабарории сатҳӣ ва аз ҳақиқат дур мекунад» (с. 118). Гапи бемаънӣ! Чаро Бобоёров вақти худро ба хондани рисолаҳои оид ба «таърихи фалсафаи Шарқи исломӣ» сарф кунад, магар барои ӯ ягон чизи хондагии дигар ёфт намешавад?! Ё худи ӯ чӣ хонданашро намедонад? Таҳлилиён ҳуқуқ надоранд ба ӯ фармон диҳанд, ки чиро хонад ва чиро нахонад. «Таърихи фалсафаи Шарқи исломӣ»-ро бисёр олимон намехонанд. Ҳамаи онҳоро айбдор кардан бо он, ки «таърихи фалсафаи Шарқи исломӣ»-ро нахондаанд ё намедонанд, айбдоркунии тамоман беасос аст. Бо ин айбдоркунии бечои худ таҳлилиён ҳамаро донанда ва хонандаи «таърихи фалсафаи Шарқи исломӣ» карда наметавонанд. Олимони дигар «таърихи фалсафаи Шарқи исломӣ»-ро намехонанд, барои он ки онҳо мутахассисони илмҳои дигаранд, барои онҳо чизҳои зиёди хонданӣ ёфт мешавад. Чунин супоришу айбдоркунии таҳлилгарон дар ҳақиқат мубталои васвасаи шизофрения будани онҳост. Дину тасаввуф барои таҳлилиён ягона роҳе аст, ки ба восита он тамоми масъалаҳо ва мушкилоти имрӯзаи моро ҳал кардан мехоҳанд, мегӯянд, ки агар «матолиби маърифатии тасаввуфро шарҳ диҳем, қудрату тавоноии афкори ирфонӣ дар тарбияи инсон ва ҷомеаро ба як ҷаҳон маъниҳои бикр дарк намуда метавонем» (с. 118). Вале худи ин фикри онҳо ҳаргиз маънии бикр надорад. Агар афкори ирфонии ҳазорсолаҳо вуҷуддоштаро бикр гуфтан мумкин бошад, пас худи таҳлилиёнро ҳам бикр гуфтан мумкин аст, чунки худи онҳо



ҳам дар ҷаҳони бикри ирфон шино мекунанд. Гӯё муҳити иҷтимоӣ ва маънавие, ки ҳоло онҷо зиндагӣ мекунанд, мувакқатӣ ва бефоида аст. Аҳли таҳлил худро нерӯи пешбарандаю созандаи миллату кишвар қаламдод намуда, дар рафти тағйиротҳои бузурги иқтисодию иҷтимоӣ, сиёсию фарҳангии замони Истиқлолият мардумро бо ақидаи асримиёнагии тасаввуфию ирфонӣ мусаллаҳ карданӣ мешаванд. Агар касе онҳоро барои тақлидҳояшон ба тарзи андешаронии асримиёнагӣ танқид намояд, ӯро хатман чун носипосгузори «маънавиёти азалӣ» гунаҳкор намуда, наздик ба хиёнаткор ном мебаранд. Магар ғайр аз ирфону тасаввуфпарастӣ ягон тарзу роҳи дигари пешрафти ҷамъиятро наметавон дар анъанаи гузашта ва имрӯзи халқи мо дарёфт кард, ки таҳлилиёни ирфонӣ проблемаҳои инкишофи ҷамъияти имрӯзаро бо «афкори ирфонӣ» ҳал карданӣ мешаванд? Чаро онҳо бо ирфону тасаввуф корнамоиҳои нестандарчаҳон нишондоданӣ шуда, тарзу роҳҳои маърифату тарбияи ғайритасаввуфию ғайриирфонии инсон ва пешбурди ҷамъиятро ба назари эътибор намегиранд? Зеро ки худи онҳо ба ғайр аз ирфону тасаввуф, дониш ва маълумоти заруриеро дар бораи соҳаҳои гуногуни ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносии муосир надоранд. Он чизеро дар бораи ирфон медонанд, аз тарзи муҳокимарониҳои онҳо бармеояд, ки дар ин самт ҳам худситоӣ мекунанд. Худро донандаи «тайюни мисолӣ», «тайюни ҷасадӣ», «сифоти тафсилӣ», «такассур», «тамоюзҳою сифот», «басирати қалб», бо гирифтани «олами ҷабаруту малакуту мулк аз халифа» «дар мақоми вуҷуди зотӣ», «инсон аз қавси суд ба сӯи олами кабир шуё мешавад» эълон дошта, таълимоти ваҳдати вуҷуди Шайх Аҳмади Сарҳиндӣ, Ясриби Саидяҳё ва Довуди Қайсариро чун намунаи олии созандагӣ ва пешрафту маърифат медонанд. Охир бо «кашфу шуҳуд» ва интуитсия наметавон дунёсозӣ кард. Инсон бо гӯшанишинию таваккулу узлат оламро маърифат намекунад. Инсони созанда бо «ваҳдати шуҳуд» оламро назорат намекунад, бо телескопу технологияи баланд метавонад ба асрори олам сарфаҳм равад.

Дар мақола мушоҳида мекунем, ки таҳлилиён ба сухан-

бозӣ ва ҳаннотиҳои ирфонӣ-тасаввуфӣ машғул мешаванд (с. 117, 118, 119 ва 120). Баҳое, ки ба ирфону тасаввуф медиҳанд, кӯрназарии онҳо аз мавқеи илми муосир аст. Бе тасаввуф имрӯз проблемаҳои мавҷуда ва мушкилоти глобалии ҷаҳониро наметавон ҳал сохт.

Масъалаи дигаре, ки аҳли таҳлил онро мехоҳанд аз чаҳорчӯбаи ирфону тасаввуф таҳлил намоянд, ин масъалаи ахлоқ ва арзишҳои ахлоқӣ аст. Ахлоқ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-маънавӣ пеш аз ирфону тасаввуф пайдо шуда буд ва мақому манзалат ва мартабаи он дар ҷамъияти имрӯза аз ирфони тасаввуфӣ паст нест. Баръакс, ирфону тасаввуф аз меъёрҳои садсолаҳо пеш таҳияшудаи ахлоқи умумиинсонӣ беҳтарин намунаҳоро ситонида, сӯиистеъмол мекунанд. Аз ҳад зиёд муболиға кардани тарбияи ирфонӣ-тасаввуфиро замони ҳозира намебардорад. Дар ин хусус Зафари Мирзоён мақолаи хубе чоп кардааст: «Сӯфигарӣ ишора аз раҳгумиҳои тоҷикон аст» («Нигоҳ», № 42, 20. 01. 2016). Он меъёру талаботҳои ба худ хосро дорад, онро тобеи тасаввуф гардондан мумкин нест. Чаро таҳлилиёни аз худ файласуф олимтарош инро намефаҳманд?

«Аҷоиботи кор дар он аст, - менависанд баъд таҳлилиён, - дар замони шӯравӣ ба таҳқиқу таҳлили масоили ирфонӣ имкон намедоданд ва фаҳмидаву нофаҳмида (?) онро динӣ қаламдод мекарданд» (с. 120). Якум ин ки барои он ки «замони Шӯравӣ» замони асримиёнагию феодализми арабӣ набуд. Давлате, ки ҷаҳонбинӣ ва идеологияи материалистӣ дошт, ба ирфону тасаввуф зарурат надошт ва ба ҷаҳони асримиёнагӣ баргашта наметавонист. Дуюм ин ки дар ягон ҷамъият – ҷамъияти Шӯравӣ дар ин ҷо истисно нест, - ягон корро «фаҳмидаву нофаҳмида» намекунанд. Дар ҷамъияти шӯравӣ таҳқиқотҳои ирфонро нофаҳмида манъ накарда буданд. Ягона «нофаҳмӣ»-е, ки дар замони шӯравӣ ба он роҳ доданд, ба аҳли таҳлил маълумоти олии дунявӣ, дипломҳои номзаду доктори илм доданд, ки имрӯз ин кӯрнамакҳо ирфону тасаввуфро ба осмон бароварда истодаанд, тамоми системаи маълумоти дунявиро тобеи онҳо гардондан мехоҳанд.



Таҳлилиён дурӯягӣ мекунанд ва дурӯғ мегӯянд. Мо ҳозиракак дидем, онҳо гуфтанд, ки дар Иттиҳоди Шӯравӣ таҳқиқотҳои таълимоти ирфону тасаввуф манъ буданд. Баъд аз ин мегӯянд, ки аз рӯи усули онҳо таҳқиқотҳои ирфонӣ ва тасаввуфии онҳо на фақат дар собиқ ҷумҳуриҳои Шӯравӣ ва ҳатто дар «Шарқи миёна ва Наздик» «роиҷ аст». Вале ҳеҷ мумкин нест, ки дар даҳҳо мамлакатҳо аз рӯи як усул таҳқиқотҳо гузаронанд. Таҳлилиён ҳеҷ намефаҳманд, ки таҳқиқотҳо на фақат аз субъектҳои онҳо вобастаанд, балки аз рӯи объекту предмети онҳо ҳам гузаронида мешаванд. Бе объекту предмет ягон таҳқиқот маъно надорад.

Яке «аз хизматҳои» дигари таҳлилиён-кормандони Шуъбаи таърихи фалсафа дар он будааст, ки усули таҳқиқотии худро доир ба «омӯзишу таҳлили масоили ирфонӣ» кор карда баромадаанд ва «феълан чунин усули таҳқиқ дар тамоми собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва Шарқи Миёна ва Наздик роиҷ аст. Он тавре, ки қайд шуд, маънавияти мо дарахтест, ки реша дар осмон ва шоху барги он дар кайҳону олами моддист» (с. 120). Чӣ бесару сомониҳо ва парокандагиҳои фикрӣ, ки дар майнаи таҳлилиёни мо ҷойгир шудааст. Методи таҳлилие, ки кор карда баромадаанд, "дар тамоми собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, Шарқи миёна ва Наздик роиҷ» будааст. Ин чӣ ган аст? Чӣ бемаънигӯие аст, ки мувофиқи он дар собиқ Иттиҳоди шӯравӣ, Шарқи Миёна ва Наздик аз рӯи ҳамон як стандарт (қолаб) ирфону тасаввуфро таҳқиқ мекардаанд. Дар ин хусус гӯё ягон гуногунандешӣ ва гуногунрангии методӣ-таҳқиқотӣ вуҷуд надоштааст, усули таҳқиқотӣ фақат якгосту халос. Онро бошад ҳам фақат кормандони Шуъбаи таърихи фалсафаи тоҷик кор карда баромада будаанд ва қариб, ки дар тамоми дунё «роиҷ» гардида будааст. Чунин мулоҳизаронии таҳлилгарон ба он шаҳодат медиҳад, ки гӯё онҳо дар ирфоншиносӣ «сатҳи ҷаҳонӣ» пайдо карданд, усули ирфоншиносии онҳо қариб ки дар тамоми ҷаҳон «роиҷ» будааст. Ҷаноб-обон, аз Шуъбаи таърихи фалсафа берун набароед, ба

сифати таҳлилгарон шуморо на дар собиқ ҷумҳуриҳои шӯравӣ, на дар Шарқи миёна ва на дар Шарқи наздик ва на дар ягон ҷои дигар намешиносанд.

Боз ҳамин хел як хаёли парвози дигари таҳлилиён: «Ҳам дар дини ислом ва ҳам дар масеҳият ҳаёт ҳамчун дарахтест, ки реша дар олами малакут дорад, аммо шохҳои он дар тӯли замон инкишоф ёфта, густариш карда, тамоми коинотро пур кардааст» (с. 116). Ин иқтибосро болотар ҳам оварда будем ва боз такрор мекунем, ки шояд ин гуфтаи таҳлилиён маҷозӣ бошад, вале агар ба худи онҳо ҳамчун файласуфҳо нигоҳ кунем, ба мантиқи ин гуфтаи онҳо диққат диҳем, дар чунин андешарониҳои онҳо ягон зарра фалсафа нест: ба фикри онҳо диққат диҳед: дарахт дар замину... «фазои тамоми коинотро пур кардааст». Вале илми муосир, рӯидани дарахтро дар коинот тасдиқ накардааст. Таҳлилиён, ба осмон набароед, решаатон кӯк мешавад. Мабодо Шуъбаи таърихи фалсафаи тоҷик бе таҳлилгарон монад. Дар осмон дарахт сабзондани шумо мистикаи худи шумо аст.

Ба оҳанги андешарониҳои онҳо нигоҳ карда, гуфтан мумкин аст, ки дар собиқ ҷумҳуриҳои шӯравӣ, дар Шарқи миёна ва Наздик аз рӯи усули онҳо таҳқиқотҳои ирфониву тасаввуфӣ мегузаронанд, дар таҳқиқотҳое, ки дар мамлакатҳои номбаршуда гузаронида мешаванд, ягон тобиши фарқкунанда мушоҳида намешудааст. Вале худи онҳо ҳис намекунанд, ки таълимоту ақидаҳо ва ривоятҳои сӯфиёни гуногун, ки дар мақолаашон номбар мекунанд, хеле гуногунранг ва ҳатто хилофи якдигаранд.

Мақола бо усуле навишта шудааст, ки муаллифони он гапҳои мегуфтагии худро надоранд, мақолаашонро, чӣ тавре дар аввал ишора шуд, аз номи зиёда аз 120 муаллифони гузашта ва ҳозира «навиштанд». Яке аз ҳамин гуна «муаллифони» мақолаи онҳо «вокунишҳо» ва дигаре «шарқшиносӣ» будаанд. Масалан, онҳо шарқшиносиро айбдор карда мегӯянд, ки «илми шарқшиносӣ дар давоми солҳо ба вайрон кардани арзишҳои исломӣ ва тафрикаандозӣ дар ҷомеаи исломӣ (дар кадом ҷомеаи ис-



ломӣ?) машғул буду халос» (с. 107). Ин мулоҳизарониҳои хандаовар аст. Дар он ба ғайр аз айбдоркунии «шарқшиносии» номаълум ягон олими шарқшиносро на аз берун, на аз Тоҷикистон номбар намекунанд, ки ба «вайронсозии арзишҳои исломӣ» ва ба «тафрикаандозии ҷомеаи исломӣ» машғул шуда бошанд. Ин танқиди онҳо ба ҳаво пуф кардан аст. Дар мақола чунин усули «таҳқиқотие» истифода бурда шудааст, ки муаллифони номгуми он на аз номи худашон, балки аз номи дигарон ҳарифонро «танқид» мекунанд.

Аҳли таҳлил «ҷомеаи исломӣ» гуфта чиро дар назар доранд? Охир ҷомеаи инсонӣ дар тамоми ҷаҳон исломӣ нашудааст-ку, дар он динҳои дигар ҳам вуҷуд доранд. Вақте ки таҳлилиён "ҷомеаи исломӣ" мегӯянд, бояд ба хонандагон фаҳмонанд, ки кадом давлатҳои бо ном исломиро дар назар доранд, ду-се давлатеро ки бо ном «исломӣ»-янд, ё ки ҷомеаи ҷаҳонии имрӯзаро? Маҳз ба туфайли ҳарзагӯӣ ва суханбозиҳои бемантику подарҳавои пучу эклектикии худ таҳлилиён ягон фикри аниқу айниятнок гуфта наметавонанд. Онҳо дар бораи таърихи фалсафаи тоҷик ҳам, ки ихтисоси худи онҳо аст, тасаввуроти зарурӣ надоранд. Намунаҳои ин нофаҳмии онҳоро мо дар боло овардем.

Онҳо таъйиноту функсияҳои таърихи фалсафа ва худи фалсафаро фарқ карда наметавонанд, вазифаҳоеро, ки фалсафа иҷро мекунад, ба таърихи фалсафа нисбат медиҳанд. Ба онҳо лозим аст, ки маълумотномаҳо, луғатҳо ва китобҳои дарсии фалсафа ва таърихи фалсафаро варақ зада, фарқияти байни онҳоро барои худ фаҳманд. Онҳо намефаҳманд, ки қувваҳои идоранашавандаи табиат фақат аз «марг ва зиндагӣ» иборат нестанд. Зиндагии одамон фақат падидаи табиӣ ва идоранашаванда нест, падидаи таърихӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии идорашаванда ҳаст. Бе таърихи иҷтимоият, меҳнату фарҳангу маданият одамон одам буда наметавонанд... Бе ин охириҳо баҳси таҳлилиён бо ҳарифон маъно надорад. Наход онҳо фикр кунанд, ки таърихчиёни «табиӣ» фалсафиянд. Аз Абдуллозодаи

харзагӯй ҳар чиро интизор шудан мумкин аст. Боз мебинем, ки чи хел таҳлилиён ин нофаҳмии худро «ҳақ» баровардани мешаванд: «Агар ҳамин кори мо теологизатсия бошад, пас тамоми олимони рус ва Ғарб ҳам (?!) бо теологизатсия машғул будаанд» (с. 110). Ин ҳам гапи олимона нест, нодонӣ ва бефаҳмии худро аз номи дигарон ҳақ баровардаанд, худшиносии худро аз даст додаанд ва фикр мекунанд, ки он чие ки онҳо мегӯянд, онро «олимони рус ва Ғарб ҳам мегӯянд... Яъне онҳо ва олимони рус ва Ғарб» як хел андеша мекунанд, як хел андеша доранд, масъалаҳои таърихи фалсафаро аз рӯи як қолаб ҳал мекунанд, хулосаҳои якхела мебароранд. Онҳо намефаҳманд, ки дар таърихи фалсафа ҳам баҳсу мунозираи байни олимон ба пешрафти он, ба ошкор сохтани зиддияту норасоиҳои таҳқиқотҳои таърихӣ-фалсафӣ мусоидат мекунанд. Ақидаи таҳлилиён дар бораи он, ки «олимони рус ва Ғарб» айнан ҳамон хел фикр мекунанд, чи хеле ки онҳо фикр мекунанд, дар ҳақиқат фикри аблаҳона аст. Ҷанобони таҳлилиён, агар шумо олим бошед, ақлу тафаккури таҳлилии худро дошта бошед, дар сояи «олимони рус ва Ғарб» пинҳон нашавед, бесаводии худро аз номи онҳо ба қалам надиҳед. Шумо бошед масъалаҳои ба пеши худ гузоштаро аз мавқеи илмӣ ҳал карда натавониста, бо ишора ба «олимони рус ва Ғарб» ҳарифонро натарсонед. Олимии худи шумо дар куҷост?

Тарзи масъалагузориҳо, роҳу тарзҳои ҳалли масъалаҳо дар мақолаи таҳлилиён нишон медиҳад, ки онҳо каҳи кӯҳнаробе дон бод мекунанд.

Таҳлилиён ҳарзагӯй масъалаҳои ба баҳс дахлнадоштаро баррасӣ карда, менависанд, ки «протсестантҳо дигар ба қоидаву қонунҳои калисои кат... ...ро(?) нахостанд», «Илми ... «Ф. Шлайерма... равия...

116). «Дар Ғарб ҳанӯз дар асри 13 Данте ба тасаввуфи (мистицизми) Ғарб (дар Ғарби Ғарб) асос гузошта буд» (116). «Бо фаро расидани давраи Эҳё дар Ғарб мистицизм доира ва нигораҳои худро аз даст дод ва таҳқиқи масъалаҳои ратсионализм (ақлгароёна ё худ ба фалсафаи таҷрибавӣ машғул шуд» (с. 116). Охир ин гуфтаву навиштаи онҳо ба баҳси мо ягон иртибот надорад. Магар ин харзагӯиҳои онҳо нест? Мақола тасаввуроте мебахшад, ки муаллифони он чизеро, ки дар тамоми фаъолияти кориашон пайдо кардаанд, дар он овардаанд. Ба хаёли онҳо, чунин мерасад, ки харҷи зиёд номбар кардани муаллифони бегона ба ақидаҳои онҳо, аз номи ин бегонаҳо ҳарифонро тарсондан, таҳлилгаронро дар назди хонандагон «зӯр» нишон медиҳад, ба хонандагон таъсири психологӣ мебахшад. Ва... онҳо худашонро фиреб медиҳанд. «Афкори динӣ» халқи тоҷик ки таҳлилгарон мегӯянд, афкори динии худбунёдкардаи халқи тоҷик нест, афкори динии арабҳост, ки бо роҳи ҷангу зӯроварӣ ва тоҷиккушиҳои зиёд ба гардани тоҷикон бор карда шуда буд ва ин афкор ба фарҳанги асли тоҷикон харобиҳои зиёдеро ба бор овард. Дар давоми зиёда аз 1300 соли ҳукмронии ислом дар мулки мо барои барқарор кардани афкору фарҳанги аввалаи мо то ҳозир ҳам мамониат расонида истодааст. Ба фикри онҳо, гузашта ба ислом ҳамчун мафкура ва ҷаҳонбинии пешбар дар «шароити таърихии ҳозираи халқи тоҷик» имконпазир будааст. Ин фикри худро онҳо чунин асоснок мекунанд: «Ҳоло халқи мо дар ҳувиятсозӣ ва давлатсозӣ аст» ва мероси фарҳангии давраи исломӣ дар баробари дигар унсурҳои фарҳанги миллии халқ аз қобили фарҳанги тоисломӣ, фарҳанги замони шӯравӣ ва ғайра (?) аз аҳамияти хос бархурдор аст» (с. 121). Ин гузориш, албатта, абракадабра ва эклектикаи таҳлилиён аст. Ин ҷо ман мехоҳам ... хонандагонро ба он ҷалб кунам, ки пеш аз ин ... замони шӯравиро маҳкум карда, гуф... шӯравӣ «моддиётро бидуни ... замони шӯравӣ

шӯравӣ дар ҳувияти миллӣ ва давлату миллисозии мо дорои аҳамияти хоса шудааст. Бо вуҷуди реабилитатсия кардани фарҳанги замони шӯравӣ ва «ғайра» дар ҳувияту давлати миллисозии имрӯзаи мо таҳлилиёни бемантиқ исломгароии худро пинҳон нигоҳ дошта натавонистанд. Дар ин мулоҳизаронии онҳо як бемантиқии дигар ҳам диққатҷалбкунанда аст: Чи тавр онҳо «ҳоло» ҳувияти миллӣ ва давлати миллӣ месозанд? Бо роҳи як маккории дигар: дар ҳувияту давлати миллӣ сохтани худ исломро якҷоя бо фарҳанги тоисломӣ, фарҳанги замони шӯравӣ ва «ғайра» омили пешбаранда ҳисоб мекунанд. Кас ба ҳайрат меояд, ки чи хел ин ҷанобони исломгаро аз «мероси фарҳангии даврaи исломӣ» «ҳоло» ҳувияту давлати миллӣ месозанд. Масъалаи ҳувияту давлати миллӣ барои онҳо хеле осон будааст: Хостаанд, ки дар асоси «фарҳанги даврaи исломӣ ҳувияту давлати миллӣ месозанд. Агар ба мантиқи бемантиқи онҳо бовар кунем, ҳувияту давлатсозии онҳо «ҳоло» ҳамон ҳувияту давлати исломӣ хоҳад буд. Давлату ҳувияти миллисозии онҳо дар заминаи ислом хеле фикри бемаънӣ ва бесаводона аст. Онҳо то андозае бемантиқ мулоҳиза меронанд, ки «ҳоло» давлату ҳувияти миллӣ сохтан ба муқарраротy стандартҳои (қолабҳои) давлатдории «даврaи исломӣ» рост намеояд. «Дар вазъияти имрӯзаи таърихи халқи тоҷик» ҳамаи фарҳангҳои номбаркардаи таҳлилиён, мақому мартабаи баробару якхела надоранд.

Чунин умумигӯиву омехтасозии масъалаҳои ҳархела усули таҳлиливу таҳқиқии санҷидашудаи таҳлилиён аст. Ҳамаи корҳои навиштаи онҳо сарфи назар аз кай навиштани онҳо эклектикӣ мебошанд, ба илм шабоҳат надоранд, ҳарчанд ки худи онҳо ин корҳояшонро илмӣ ба қалам медиҳанд. Рӯгардонкуниву ... маҳои динӣ, афсонаву ... илм нест. Ҷавоб... ...

тоҷик роҳгумзадаед, агар роҳгумзада намебудед илму дини ирфону мистикаро ба ҳам омехта намесохтед. Аз дину тасаввуф илм аз ислом ҳувияту давлати миллӣ сохтаниишони олимӣ ва таҳлилгарии шумо нест. Ҳарчанд кикафкидаҳон бароварда худро олиму таҳлилгар эълон мекунанд ва мегӯянд, ки ҳама чиз «дар бораи таъриф ва табиати илму дин» ба шумо маълум аст(с. 110) Ҳама чиз ба шумо фақат дар хаёлоти худатон маълум аст на дар воқеияти аслия он. Ба калом рӯ шумо мегӯед, ки таърихи фалсафаи аҳли қадими мо», берун аз «матни дини ислом вуҷуд надошт?. . Шумо чӣ гуфта истодаед?. . мувофиқи ин бемаънигӯии шумо ислом барои мо (мардуми тоҷик) пеш аз пайдо шуданаш пайдо шуда будааст.

Дар мақолаи таҳлилиён зиддиятҳои мантиқӣ, фикри зиёди дигар ҳам ҷой доранд.

Онҳо ба худ обрӯ ва ҳудудҳои сунъии ҷумҳуриявӣ медиҳанд ва менависанд, ки «кормандони шуъбаи таърихи фалсафа ҷоиз донистанд, ки ҷавоби ба мақолаи Ҳафиз Боёров навиштаашонро чоп намоянд, то ба аҳли илму зиё (!) ва андешамандона ҷумҳурӣ асли ин моҷаро аз чӣ иборат мебошад, равшан гардад» (с. 108). Бинед, ҳар коре ки ба он таҳлилиён даст зананд, чӣ қадар ноаёну ноҷиз ки набошад, бояд миқёсу ҳудуди ҷумҳуриявӣ пайдо кунад. тамоми аҳли илму зиё ва андешамандони ҷумҳуриявӣ онро донанд. Оё «аҳли илму зиё ва андешамандони ҷумҳурӣ ба хондану рӯгардонкуниҳои онҳо ягон эҳтиёҷе доранд? Аз чоп кардани мақолаи таҳлилиён вақти зиёд гузашт, вале аз «аҳли илму зиё ва андешамандони «ҷумҳурӣ» ягон кас ба он вокуниш зоҳир накард. Онҳо ва таълифоти мистикӣ-динзадаи онҳо барои «андешамандони ҷумҳурӣ» ягон аҳамияти марокзовар надорад. Онҳо чунон худхоҳу худпарастанд ва чунин ҳисоб мекунанд, ки он чӣ, ки онҳо ... навиштанд, бояд маркази диққати тамоми «аҳли ... андешамандони ҷумҳурӣ» бошад. Вале ин ... худи онҳо мебошад. Онҳо аз ... шудаанд, ки

Ҳафиз Бобоёров «муаллиф» ёфтанд - «Давоми мақолаи муаллифи Ҳафиз Бобоёров»мегӯянд (с. 109). Магар ин ҳайратовар нест, ки олимон «муаллиф» пайдо мекунанд. Кӣ бошад «муаллифи» ин ҳарифи таҳлилиён?

Ин ки онҳо аз дину ирфону тасаввуф ҷамъият давлату ҳуввияти миллӣ месозанд, барои ҳарифи худ «муаллиф» ёфтан кори мушкил нест, чунки онҳо ба парвозҳои хаёлӣ омадаанд ва дар парвозҳои хаёлии худ ҳар бемаънигиро, ки гӯянд, ба «мӯъҷизаҳои» ирфонӣ-мистикӣ такя мекунанд, вале аз илму фалсафа бехабаранд, ҳамту илму фалсафафурӯшӣ мекунанд. «Таърихи фалсафае...», ки навиштанд, гӯё онро «тамоми доираи олимон» «қабул кардааст». Кӣ ва чи хел ин таълифоти онҳоро қабул кардааст, ягон далелу исбот намеоранд, бинобар ин худситоии онҳо дар ҳаво муаллақ овезон аст. Дар айни замон аз ин гуфтаи худ рӯ гардонда, мегӯянд, ки «касе ки бо хати форсиву арабӣ балад нест, бо дастхатҳо кор карда наметавонад – бино бар ин ҳақи баровардани ҳукм дар барои ин соҳаи илмро надорад» (с. 121). Дар ин маврид ҳам онҳо бемантиқ андеша меронанд ва фаҳмида наметавонанд, ки тамоми таърихи фалсафа «бо хати форсӣ ва арабӣ» навишта нашудааст. Навиштани таърихи фалсафа давом дорад, метавонад ба хатҳои дигар ҳам навишта шавад, аз форсиву арабидонии таҳлилиён сар нашуда аст... Дар ин маврид таҳлилиён дурӯягӣ мекунанд. Вақте ки Ҳ. Бобоёров ва М. Шарифзода худи онҳоро бо надонистани забони англисӣ эрод мегиранд, сахт ба ғазаб меоянд. Ба бемантикие, ки онҳо дар ин ҷо содир мекунанд, диққат надодан мумкин нест: «таърихи фалсафа аз тарафи тамоми доираи олимон қабул шудааст» - «касе, ки бо хати форсиву арабӣ балад нест, бо дастхатҳо шинос нест ӯ ҳақи ҳукм баровардан дар бораи ин соҳаи илмро надорад». Ана ҳамин хел мантиқи таҳлилгаронаи қабул кардани таърихи фалсафа ва ҳуқуқ надоштани ягон ҳукм баровардан нисбати он. Дар мақола чунин усули баррасии масъалаҳо истифода бурда шудааст, ки агар одамон мусулмон бошанд ... маҳрум

карда мешаванд ва агар ирфонӣ бошанд, шахсиятҳои динӣ ҳисоб намешаванд. Дар он гоҳ синтези ислому ирфон гузаронида мешавад, гоҳ онҳо муқобили якдигар гузошта мешаванд. Барои онҳо муҳим он аст, ки ягон чизе гӯянд, вале он чи маъно дорад, ба ин тарзи мулоҳизаронии худ аҳамият намедиҳанд. Ин усули таълифотҳои абдуллозодагӣ аст. Масалан мегӯянд, ки Муҳаммад Иқбол, Мавлавӣ ва Ибн Ал-Арабӣ, ки «Ҳафиз Бобоёров шахсиятҳои динӣ мегӯяд, муқобили дини ислом баромаданд ва онҳо намояндагони тасаввуфи тасаввуфанд» (с. 119) ва дар айни замон дар бораи «тасаввуфи исломӣ»(с. 119) гап мезананд. Магар Муҳаммад Иқбол ва ду каси дигари номбаршуда мусулмон набуданд? Абдуллозодаҳои таҳлилӣ ва таҳлилиёни абдуллозодагӣ чунон бемаънӣ мулоҳиза меронанд, ки бо гапҳои бемаънии худ когазро сиёҳ мекунанд ва ба дигарон нишон доданӣ мешаванд, ки мақола навишта метавонанд. Онҳо менависанд: «Ба назар мерасад, ки тибқи пешниҳоди онҳо (Бобоёров, Наврӯзов) тоҷикон ва шояд тамоми мусулмонон(!) ҳоло аввалин коре, ки бикунанд, ин даст кашидан аз мероси бойи фарҳангии замони ислом аст» (с. 120). Бо пешниҳоди ду кас тоҷикон ва тамоми мусулмонон аз ислом даст кашида наметавонанд. Мувофиқи ин тӯҳмати шизофрении таҳлилиёни академӣ- гӯё ки тамоми мусулмонон» дар ихтиёри ин ду ҳарифони онҳо будааст. Худатон фикр кунед, чи тавр бо пешниҳоди ду кас тоҷикон аз мероси замони ислом ва мероси мусулмонӣ даст мекашанд? Таҳлилиён боз намефаҳманд, ки «фарҳанги замони ислом» фақат фарҳанги исломӣ набуд. Ману Бобоёров ин хел таклиф пешниҳод накардаем. Ин «пешниҳоди» моро худи таҳлилиён бофта баровардаанд, то ки моро дар назди мардум бадному сиёҳ кунанд. Даст кашидан ё накашидан «аз фарҳанги ислом» кори шахсии ҳар як нафар аст. Ҳуқуқи конститутсионии ӯ аст. Танқиди ислом ҳоло маънои барҳам додани онро надорад, вале онро танқид намуда, минбаъд ҳам танқид мекунанд. Таҳлилиён танқиди исломро бо исломгаронии

худ манъ карда наметавонанд ва ё баръакс ҳукмрони ҷаҳон намегардонанд. .

«Мо набояд аз мероси фарҳангии гузаштаи халқамон душман созем, насли имрӯзаи моро аз он бегона намоем» (с. 121), - огоҳ мекунанд таҳлилиён. Чунин фикри аблаҳона то ҳоло ба каллаи ягон одами солимақл наомадааст. Аз суханони таҳлилиён чунин бармеояд, ки мо ҳарифонамонро аз фарҳанги гузашта душман месозем. Дар чунин мавридҳо таҳлилиён гӯё бо майнаи худ не, бо ягон узви дигари бадани худ фикр мекунанд.

Боз як фикри дигари онҳо: «метафизикаи мутафаккирони тоисломӣ ва исломӣ ба илм ва алалхусус физикаи он замон, такя мекарданд (?) ва бо он муносибати мутақобила доштанд (?), ки бе таҳлили ин ду ҷиҳат фаҳмидани моҳияти таълимоти ин ё он файласуф ғайри имкон аст» (с. 108). Агар фаҳмидани «таълимоти ин ё он файласуф барои шумо дастрас набошад, барои дигарон манъ нест. «Ғайри имкон», ки бошад, чаро ин хел масъалагузорӣ мекунед? Дуюм, метафизикаи тоисломӣ ваисломӣ, ки бо илм ва физикаи он замон такя карда бошад ва бо он робитаи мутақобила дошта бошад, чаро ислом дар давоми асрҳо алтернативаи ин илму физика буд ва ё баръакс? Дар ин ҷо кӯрназарии шумо дар он зоҳир мешавад, ки масъаларо ба миён мегузореду илоҷи ҳалли онро намеёбеду намедонед. Маҳз барои ҳамин мегӯед, ки «ба таҳлили ин ду ҷиҳати фаҳмидани моҳияти таълимоти ин ё он файласуф ғайри имкон аст». Истед, истед, ин тавр, ки бошад чӣ тавр шумо таърихчиёни фалсафа шудед? Фаҳмидани моҳияти ин хел масъалаҳо барои шумо «имконпазир» бошад, чаро зӯри бехуда зада, онҳоро дар мақолаатон ба миён мегузоред. Охир ин барои шумо худфиребӣ мешавад.

Муаллифони мақола дар ҳаллу фасли ин муаммоҳо ракси шутурро мекунанд: шутурро гуфтанд, ки як ғамза кун, понизро ҷазир кардааст. Инсонро «сайру сулуки сӯфиёна то ба дараҷаи худшиносӣ мерасонад, ки баробар ба худшиносист» (с. 110). Аҷоиб худшиносидуалента-мукобатӣ!Худшиносии инсон протсесси мураккабу печ дар



пече аст, ки тамоми умр сурат мегирад. Онро ба қисмҳои «динӣ», «ирфонӣ-тасаввуфӣ» ва «материалистӣ-атеистӣ» ҷудо карда, дар байни олимон тақсим кардан мумкин нест. Бо «сайру сулукҳо»-и сӯфиёна ба худшиносии арзанда расидан мумкин нест.

Дар мақола масъалагузории аз ин ҳам хандаоваре ҳаст, ки онро иқтибос меорам: «таълимоти ҳастишиносӣ, маърифатӣ, кайҳоншиносӣ, ахлоқӣ, эстетикӣ ва иҷтимоию сиёсӣ бояд тавассути муаррихони фалсафа омӯхта шавад» (с. 111). Агар «муаррихони фалсафа» аз худ бегона ва аблаҳ нашуда бошанд, чӣ тавр аз ӯҳдаи таҳқиқоту омӯзандани ҳамаи ин илмҳо баромада метавонанд? Охир, худи онҳо дар ҳамаи ин илмҳо мутахассис нестанд ва мутахассис шуда наметавонанд. Ин пешниҳоди онҳо маънои онро дорад, ки илмҳои номбаршуда бо таърихи фалсафа ва мутахассисони ин соҳаҳои илмбо «муаррихони фалсафа» иваз карда шаванд. Магар ин даъвои онҳоро мулоҳизаронии муътадил гуфтан мумкин аст? Аҷабо, «муаррихони фалсафа», ихтисоси худ — таърихи фалсафаи тоҷикро ба таври бояду шояд намедонанд, вале мехоҳанд, ки илмҳои номбаршуда «тавассути» таърихчиёни фалсафа омӯхта шавад. Таърихчиёни фалсафа бо ин «донишмандии» худ ҳамаи илмҳои дар боло номбар кардаашонро ҷазир мегардонанд.

Таҳлилиён аз се ду ҳиссаи мақолаи худро аз номи даҳҳо ирфониёни замонҳои гузашта, олимони ҳозираи Русия ва Европа «навиштаанд». Ба замми илмҳои номбаршуда, мегӯянд онҳо, «се мактаби фалсафӣ машшоъ, ишроқ... бояд тавассути муаррихони фалсафа омӯхта шаванд» (с. 111). Чаро, аз рӯи кадом меъёр? Охир ин «се мактаби фалсафӣ» моли хусусии онҳо нест. Магар донишмандони дигар соҳаҳои илми фалсафа барои омӯхтани ин «се мактаби фалсафӣ» ҳуқуқ надоранд? Чунин «тақсимоти меҳнат», ки таҳлилиён мегузоранд, аз маҳдуд кӯрназарии (профессиональный кретинизм) касбии онҳо аст.

Ба ҳарифон эрод гирифта, мегӯянд, ки «агар дар Қуръон навъҳои гуногуни илм баён шуда бошад, чаро улуми қуръонӣ» набудааст. Ин ҷо тафсири истилоҳи «илм»

лозим аст (с. 111). Аз «тафсири истилоҳи илм» «улуми қуръонӣ» илм намешавад, баръакс, «тафсири истилоҳи илм», агар тафсири абдуллозодагӣ набошад, ба муқобили «улуми қуръонӣ» нигаронида шудааст ва боз барои Абдуллозода такрор мекунам, ки «улуми қуръонӣ» на математика, химия, биология, микробиология ва на ягон илми замони ҳозир нест. Таҳлилиён чӣ қадар, ки «улуми қуръонӣ»-ро ҷустуҷӯ накунанд, тавассути «улуми қуръонӣ» проблемаҳои илми замони ҳозираро ҳал карда наметавонанд.

Мувофиқи баъзе маълумотҳо дар замони ҳозира дар дунё зиёда аз 16 ҳазор илмҳо вуҷуд дорад. Ҳамаи онҳо дар Қуръон номбар нашудаанд, бо мурури замон миқдори онҳо боз ҳам зиёд мешавад. Илм мудом дар ҷунбишу тағйирёбӣ аст, сирру асрори оламро ошкор месозад ва протсесси маърифати олам беҳудуд давом меёбад. «Улуми қуръонӣ» бошад, аз рӯзи пайдоишашон то ҳоло ягон тағйиротеро аз сар нагузаронидаанд, дар онҳо то ҳоло ягон догма ҳал нашудааст. Ба воситаи «улуми қуръонӣ» ҳоло дар ягон гӯшаю канори дунё корхонаи истеҳсолие, завод ва пешравии технологӣ ба роҳ монда нашудааст.

Ин дар бораи он шаҳодат медиҳад, ки ислом таълимоти догматикӣ аст, ба худтағйирдиҳӣ (самореформатсия) қодир нест. Таҳлилиён бояд пеш аз ҳама барои худашон объекту предмету қонуниятҳои «умумиқуръонии» оламро муайян кунанд...» Онҳо ба фанатизми динӣ дода шуда, ҳеҷ фаҳмидан намехоҳанд, ки он чиеро, ки бо ёрии илм кардан мумкин аст, онро бо ёрии «улуми қуръонӣ» кардан мумкин нест. «Улуми қуръонӣ» дар Тоҷикистон зиёда аз 1300 сол вуҷуд доранд, вале бо ёрии ... барқи Норак сохт... ба Қайроққ... неругоҳҳои

«Улуми қуръонӣ» воситаҳои зиндагиро бунёд кардан мумкин нест. Онҳоро моддӣ (материалӣ) гуфта истеъмол кардан мумкин нест.

Таҳлилиён ҳодисоту рӯйдодҳои оламро дар Қуръон ва Ҳадисҳо ҷустуҷӯ мекунанд ва мегӯянд, ки ҳама рӯйдодҳои олам дар фалон сура ва ё оятҳои Қуръон муайян карда шудааст. Ҳақ бар ҷониби Номвар Қурбон аст, ки мегӯяд: «Ин сухан билкул ғалат аст, чунки (ин) китоб (Қуръон) танҳо як китоби диниву ахлоқист, на илмию техникӣ ва на риёзию табиатшиносӣ» (ниг. «Ҷаҳонбинии оянда ва бархурди андешаҳо. – Душанбе, «Дониш», 2015, с. 225-226).

Асрори заминҷунбӣ, ба осмон парвоз кардани ракетаву самолётҳо, рӯидани растаниҳо... дар Қуръон муайян карда нашудаанд. На ислом, на Қуръон ҷаҳон нестанд. Рӯйдодҳои бешумор, ки дар ҷаҳон дар ин ё он ҷо, дар ин ё он замон ба амал меоянд, аз рӯи сенарияи пешакӣ муайян кардаи ислому Қуръон муайян нашудаанд ва намешаванд. Кулли ҳодисоти олам дар байни худи он ниҳонанд, на моли исломанду на моли Қуръон. Ҳазорҳо навовариҳои илмӣ ва техникиро номбар кардан мумкин аст, ки онҳоро тартибдиҳандагони Қуръон ва муфассирони он дар шаби хобашон ҳам надида буданд. Аз таблиғи китобҳои динӣ ва паҳн сохтани ғояҳои мазҳабӣ гурӯҳи хоси руҳониён манфиат мебинанд ва ин амалро тахассуси худ интихоб намудаанд. Рӯҳониёну эшонзодаҳо дурӯғгӯӣ карда, 1400 сол боз мардумро фиреб дода, мегӯянд, ки он чизе дар ҷаҳон ва зиндагии одамон рӯй медиҳад, дар исломи Қуръон пешбинӣ шудааст. Ин фаҳмиш фақат дурӯғи фаталистии оламу зиндагии одам аст.

«Дар давоми 10 ҳазор соли зиндагии оқилонаи башар ... сохта шуд, ки ҳоло 425-тояшон зинда- ... низ кӯдакону ҷавонони мо ба ҷои ... табиӣ, иҷтимоию гума- ... гулӯ даронанд.

«Дар чаҳорчӯбаи... ҷаҳонбинии динӣ, ки дар ҳаёти моддию (?) маънавии мо русуху нуфуз кардааст, афкори фалсафӣ, ирфонӣ, ахлоқӣ, назари зебоишиносӣ, ҷомеашиносӣ, инсоншиносӣ ва ғайраро дорем (?), ки онҳо низ огушта ба динанд, ҳатто ақидаҳои табиию илмии (натуурфалсафии) мо рангу бӯи динӣ доранд». (с. 111). Дар ин гуфтаашон таҳлилгарон бесаводии худро фош месозанд: Назари зебоишиносӣ, ҷамъиятшиносӣ, инсоншиносӣ, табиатшиносиро бо ҷаҳонбинии динӣ як медонанд, ки ин барои файласуфон, ки худро таҳлилгарон ҳисоб мекунанд, шармандагӣ аст. «Ақидаҳои табиию илмии мо», ки «рангу бӯи динӣ» дошта бошанд, илмӣ ва натурфалсафӣ буданашон чӣ маънӣ дорад? Ягон намояндаи соҳаҳои илмҳои табиатшиносӣ, ки ифтихори касбӣ аз ин илмҳо доранд, гуфта наметавонанд, ки ин фикри солим ва илмӣ аст. Ба илмҳои табиатшиносӣ дар ин фикри «девонаи» таҳлилгарон мазмуни динӣ дода шудааст. Вобаста ба ин масъалагузории бемаънии онҳо саволе ба миён меояд, ки илмҳое ки пеш аз пайдоиши ислом пайдо шуда буданд, чи хел «рангу бӯи динӣ» доштанд. «Ҳаёти моддии» одамон чӣ хел воқеият ёфт? *Охир одамон то пайдоиши ислом бе «исломхурӣ» зиндагӣ карда наметавонистанд?* Дигар шаклҳои маърифати инсонӣ ва илмҳо дар замонҳои гуногун пайдо шуданд, дар он замонҳо ислом вуҷуд надошт, «рангу бӯи» исломӣ ҳам надоштанд. Таҳлилгарони академӣ чи хел гуфта ва исбот карда метавонанд, ки пайдоиши механика, физика, химия, биология, илмҳои навине, ки дар асри XX ва ҳозир пайдо шуданд ва пайдо мешаванд «рангу бӯи» динӣ дошта бошанд. Охир, онҳо пайдоишу натиҷаҳои илмӣ ва амалие медиҳанд на оппозитсияи зидди динӣ доранд. Наход таҳлилгарони академӣ нафаҳманд, ки илмҳое, ки пайдоиши пешазисломӣ доштану дар асрҳои баъдина ба вуқӯъ пайвастанд, «рангу бӯи динӣ» гирифтанд? Исломи «илму ҷаҳонсози» таҳлилгарон ҳеҷ вақт илмро ба дин табдил дода наметавонад, беҳуда дар ин хусус ғавғофурӯшӣ мекунанд. Аз диди бесаводонаи



таҳлилиён ҳамаи фаъолияти маънавии мо, илмҳо дар ин ...о истисно нестанд, дар «чаҳорчӯби» динӣ ба вуҷуд омада, «русуху нуфуз» карда «огуштаи дин» будааст, «рангу бӯи динӣ» доштааст. Лекин, агар худи онҳо ба шаҳрвандҳои фақат бо дин зиндагӣ мекардагӣ мебуданд, ҳукмин фикрашонро дар бораи ин «таълимоти» худ дигар мекарданд. Ин ҷо сухан худ ба худ дар бораи ислом, мақому манзалати он дар ҷамъияту зиндагии одамон не, балки дар бораи он муболиғаи нестандарчаҳони ислом меравад, ки таҳлилгарон аз он инсону ҷаҳон, ҷамъият ва ҳастии онҳоро месозанду исломро масхара (пародируют) мекунанд, ба он никобу сифатҳо(атрибутҳо)-е медиҳанд, ки хоси он нестанд. Таҳлилгарони беҳудагӯй, монед, ки ислом – ислом бошад, исломро аз ислом бегона насозед, Монед, ҳамоне ки аст, ҳамон бошад, касе ки ба он чи тавре муносибат дорад, ҳамон хел муносибат кунад. «Ҷамъияте», ки дар бораи он таҳлилиён гап мезананд, ҷамъиятест, ки ба муқарраротӣ исломӣ ба руҳу арвоҳу ҷину аҷина, афсона ва ривоятҳои тасаввуфӣ монанд аст ва метавонад фақат дар хаёлоти худи таҳлилиён вуҷуд дошта бошад, на дар воқеияти ҷамъиятии худ. Ҷамъияти воқеӣ дорои бунёду сохторҳои муайяни иқтисодӣ, иҷтимоии маънавӣ муносибатҳои сершумори ҷамъиятӣ ва ҳазорҳо паҳлуҳо ва зуҳуроти дигар аст, ки аз ислом пайдо нашудаанд ва ба туфайли ислом вуҷуд дошта наметавонанд. Ҳамаи ин сохторҳои он қонуниятҳои пайдоишу мавҷудияти ғайридинии маҷроёбии худро доранд. Онҳоро тобеи ислом гардонидан зуҳуроти беақлӣ ва кӯрназарии аҳли таҳлил аст. Мувофиқи ин бефаросатии илмии онҳо тамоми ҳастии моддии мо, тамоми бофтаҳо ва ҳуҷайраҳои вуҷуди «ҷисмонӣ-табиӣ ва «тору пуди» зиндагии мо «бо дин огушта» будаанд. Таҳлилгарони абдуллозодагӣ исломро аз ҳад зиёд бемаънӣ муболиға карда онро ҷойгири қонуниятҳу сабабҳои мавҷудияту инкишофи ҷамъияту инсонҳо қаламдод мекунанд. Чунин маънидодкунии ислом на меъёри таърихӣ дорад ва на меъёри ақлонӣ-мантиқӣ ва фалсафӣ. Исломро на ба

дунёи моддӣ (материалӣ), на ба таърихи ҷамъият ва на ба дунёи маънавии инсонӣ муносиб донистан мумкин нест. Таҳлилиён дар мақолаи худ моҳияти табиӣ-таърихии мавҷудияту инкишофи ҷамъияту инсонҳоро бо абстраксияи «ислом» иваз кардан мехоҳанд ва аз мо ҳарифон талаб мекунанд, ки ин «таълимоти» бемаънӣ ва беақлонаи онҳоро танқид накунем. Таҳлилгарони бесаводу ҳарзагӯй, агар шумо ягон шаъну шарафи олимӣ, ҷасорату ҷуръати илмӣ дошта бошед, ба мақолаи худ аз мавқеи илмӣ назар андозед ва бифаҳмед, ки аз ислом ҳамчун яке аз падидаҳои маънавӣ ва ҳамчун абстраксия ҷамъият сохтан беақлӣ аст ва беақлии худро дар ин бобат ин қадар мухобот накунед.

Баъд аз ҷумлаи дар боло иқтибосшуда, таҳлилиён зиддияти мантиқии мулоҳизарониии худро нафаҳмида, боз менависанд, ки «афкори фалсафию ирфонӣ, назари кайҳоншиносиву инсоншиносӣ шомили назму низом (системаи) мушаххасанд, дар онҳо ҷиҳатҳо, самтҳо ва ваҷҳҳои муҳиме доранд, ки мухолифи аҳкоми дини расмӣ мебошанд» (с. 111). Ба мантиқи гуфтори онҳо диққат диҳед: «бо дин оғуштаанд» - «мухолифи аҳкоми динӣ мебошанд». Ин ҳам барои онҳо «мантиқ» будааст.

«Маърифате», ки таҳлилиён ба мо меомӯзонанд, аз «маърифати» тотамаддунии «зоти инсон» паст аст. Агар онро маърифат гуфтан мумкин бошад, пас «маърифат», ки ягон масъалаи маърифатиро дар соҳаҳои истеҳсолӣ-меҳнатӣ, иҷтимоӣ, техникӣ-технологӣ ва дигаргунсозиҳои оламе, ки одамон дар он кору зиндагӣ мекунанд, ҳал карда наметавонад. Таҳлилиёни аз ислом ҳамасоз бо ислом на кӯҳҳоро тарконда дарёҳоро ба биёбонҳо равона карда наметавонанд, ягон далелу исботе надоранд ва оварда наметавонанд, ки одамон фақат бо ислом зиндаанд, маънавияти онҳо фақат аз «улуми қуръонӣ» иборат аст. Ҷунбишҳое, ки имрӯз дар ислом ба амал омада истодаанд, созанда ва пешравӣ не, балки қафоравӣ ва вайронсозанд. Гиред «баҳори араб»-ро, рӯйдодҳои Ироқ, Сурия, Миср, Яман, Либия, Покистон ва Афғонистонро...

## ХУЛОСА

Тахлилиён хостанд дар маколаи худ махорати танкидию мантикии тахлилгарии худро нишон диханд, аз тафсиргарӣ ба «назарияшиносӣ» гузаранд. Вале ба сабаби паст будани сатхи илмӣ-назариявӣ ва методологӣ-фалсафии худ сахт пешпо хӯрда, илочи халли масъалахои мавриди бахс кароргирифтаро наёфта, ба суханбозихои подархавои диниву мистикӣ пардохтанд ва хатто чо-чо ба тарсондани харифон-оппонентхо машгул шуданд. Маколаи онхо ягон чавхари илмӣ ва фалсафӣ надорад, фақат аз фикрхои муаллифони дигар сохта шудааст, дар он танкиди мустакилонаи муаллифонро дарёфт кардан мумкин нест. Муаллифони гумноми макола худро чунон «донишмандие» намоиш медиханд, ки аз номи илохиётшиносону рӯхониёни замонхои гузашта, афкору осори онхоро нафахмида, чашмаву роста маънидод карда, ба бефахмии худ мутобик сохта, бо мо харифон-оппонентхо «бахс» мекунанд. Ин аз худ кахрамонсозии ахли тахлил аст, чунон "кахрамонсозие" аст, ки аз навиштани номхои худ дар зери маколаашон тарсиданд, дар вакти зинда буданашон худро мурда сохтанд. Дар тафаккури онхо гардише ба вукуъ пайвастааст, ки бо харифон чун арвоху мурдахо бахс мекунанд. Худи онхо дар асри XXI вучуд доранд, вале ба хазорсолахо, ба асрхои миёна ба «чарогох» мераванд, то ки барои бахс бо харифон ғоя ва акидахои кайхо боз шалакшуда ва аз корбаромадаро чамъоварӣ карда, ба донишхои илмии имрӯза мукобил гузоранд ё ки аз номи илми муосир онхоро замонавӣ созанд. Дар хамин аст фарки ахли тахлили академӣ аз олимону мухаккикон, ки бо категорияхои нав тафаккур мекунанд. Тахлилиёнро гӯё калом куввахои мистикие таъкиб мекунанд, ки ба тасаввуротхои гузаштаи архаикӣ рӯ оваранд, аз архетипхои гузашта, хеч набошад дар илму фалсафаи хозираи точик «навигарихо» чорӣ созанд ва худро хамчун тахлилгаро-



ни «навовар» ба калам диханд. Вале тарзи тафаккуру андешаронии онхо, мафхуму иборахое, ки дар макола истифода бурданд, имрӯз ба кор намераванд.

Ахли тахлил, гӯё ки бо харифон- оппонентхо гуфтугузор дорад, вале ба худ хисобот медиханд, ки чиро намедонанд ва намефахманд. Маколаи онхо махсули андешаронихо ва масъалагузорихои хоси худи онхо нест, бо усули «кӣ чӣ гуфт», «кӣ чӣ мегӯяд» навишта шудааст, шарху тафсири акидахои дигарон, хусусан рӯхониёну сӯфиёни гузашта аст. Гӯё на худи онхо балки ин рӯхониёну сӯфиён бо мо «бахс» мекунанд. Ба сабаби бефахмӣ ва бемантикии андешаронихои худ тахлилиён хамон як масъалахоро тағтаву баргашта такрор мекунанд. Аз ин сабаб дар китоби мо хам дар чараёни тахлили «тахлилиён», вобаста ба тасвири пайдархами такрори онхо баъзе такрорхо низ ба чашм мерасанд.

Онхо дар бораи «хизматхои» худ дар таърихи фалсафаи точик чи кадар доду фиғон набардоранд, аз худуди усули тафсиргарӣ ва тафсиргарии худ берун баромада натавонистанд, бо ин усул онхо якумрӣ одат карданд, аз он чудо шуда наметавонанд.

Чи кадар, ки онхо «улуми исломӣ» ё «улуми куръонӣ» нагӯянд, ин улум ба илмхои дунявӣ аз ягон чихат баробар буда наметавонанд. На аз рӯи таъйиноту мазмун, на ба маънои созандагӣ, бунёдкорӣ ва маърифатӣ. Дар атрофи «улуми исломӣ» мисли болбарак хам ин тараф ва хам он тараф чарх мезананд, нисбат ба илму дину ирфон ягон мавкеи устуворе надоранд. Ин мавкеи онхоро на мавкеи илмӣ ва на мавкеи диниву ирфонигуфтан мумкин нест. Он усули тафаккур, ки онхо пеш гирифтаанд, аз рӯи он ягон масъалаи на илмӣ ва на диниро хал кардан мумкин нест. Барои халли онхо акли расо, донишу мантики кавӣ доштан лозим аст. Ин гуна сифатхоро онхо ки надоранд, фақат тафсиргарон хастанд. Барои онхо мухим он аст, ки «ягон чӣ» гӯянд, ахамият надорад, ки чизи мегуфтагии онхо ягон маъно дорад ё не. Чунин тарзи тафаккур ва бахс хусусан ба Абдуллозода хос аст;

агар ӯ зоти точикии худ, таърихху фарҳанги точикиро хурмат мекард фарҳанги миллии точикиро бо дину ирфони исломӣ яксон намегардонид. Агар чамъияту таърих ва фарҳанги точикро бо исломи ирфон муқоиса кунем, дар таърихи миллати мо онҳо баробарвазн нестанд. Мувофиқи фатвои таҳлилгарони абдуллозодагӣ, чамъият ба ғайр аз омӯхтану татбиқ кардани муқарраротӯ догмаҳои ислом ягон таъйиноту вазифаи дигаре барои худинкишофёбӣ ва худшиносӣ надоштааст. Дини ислом кифоя будааст, ки чамъият- чамъият бошад. Гузоришу таҳлилҳои зидди илмӣ, ки дар мақолаи таҳлилиён оварда шудаанд, пеш аз ин дар бемаънинависиҳои дигари Абдуллозода эълон шуда буданд, нав нестанд. Дар сурати норозигӣ баён кардани ӯ ба ин гуфтаҳои ман як-як харзагӯиҳо ва илму назариябофиҳои ӯро аз рӯи навиштаҳои пешинааш исбот мекунам. Ба хаёли ӯ мерасад, ки ё ки ӯ вонамуд месозад, ки исломи ирфонро ҳимоя намекунад, вале мақолаи бо таҳлилиён навиштаи ӯ нишон медиҳад, ки гӯё худи ӯ исломи ирфон шудааст. Ҳайфи илму фалсафа, ки ба онҳо чунин кӯрсаводу чаласаводон сар ҳалонданд.

Мақолаи таҳлилиён бо усули «буд-набуд» - «ҳаст -нест» навишта шудааст. Дар мақола гӯё ки ҳар як чумла мантиқи худро дорад, вале дар пайвастагӣ ба чумлаи дигар ҳам ин чумла ва ҳам он чумла мантиқи худро гум мекунанд.

Мақола асрори дигаре ҳам дорад. гӯё ки онро ҳамаи кормандони Шуъбаи таърихи фалсафаи точик навиштаанд. Вале ин тавр нест. Агар онро ҳамаи онҳо менавиштанд, дар байни онҳо ягон касе ёфт мешуд, ки ба бесаводие, ки дар он роҳ дода шудааст, диққат диҳад ва тамоми Шуъбаи таърихи фалсафаи точикро дар ҳолати ногувор намегузоштанд. Мақоларо ҳамаи кормандони ин шӯъба нахонданд. Ҳарчанд ки аз номи «Шуъбаи таърихи фалсафа» чоп шудааст, дар он фикру мулоҳизаронии бесаводонаи як-ду касе, хусусан А. Шамолов, Маҳмадхочаев ва Абдуллозода «фикру андешаронии» тамоми кормандони Шуъбаи таърихи фалсафаи точик шудааст.



Ин коре, ки онҳо карданд тамоми кормандони ин шӯъбаро дар ҳолати ногувор мегузорад.

Аз рӯи усулу тарзҳои андешаронӣ, масъалагузориҳо гумон меравад (?) ки ғояҳои асосии мақоларо А. Шамолов, Шерзод Шерзоти Абдуллоев Абдуллозода ва Маҳмадхочаев навиштаанд. Дигар кормандони шӯъба, ки барои теологизатсияи мероси таърихӣ-фалсафӣ ва фарҳангии точик аз ҳарифон-оппонентҳо танқиди сахт шунида буданд ба сабаби ғуруру кӯрназарии касбии худ ба онҳо ҳамроҳ шуданд. Мумкин, идеяи аз номи Шӯъбаи таърихи фалсафа, бемуаллиф чоп кардани мақола идеяи ташаббускорони ин «таҳлил» ва дастури хоси Шамолов бошад.

Ман ба Абдуллозода гумонбар мешавам, барои он ки бо навиштаҳои ӯ шинос ҳастам. аксарияти кулли идеяҳо, андешаҳо ва масъалагузориҳо дар ин мақола ба навиштаҳои пештараи ӯ монанданд ва дар ин мақола дар шакли мухтасар такрор шуданд, мазмунан ин мақола ба навиштаҳои пешинаи ӯ мувофиқат доранд. Тамоми навиштаҳои ӯ аз рӯи як стандарт (қолиб) аст. Ғояҳои асосии ин мақола дар навиштаҳои пешинаи ӯ ва як бору ду бор такрор шуда буданд.

Имкон дорад «чавоби муносибе»-ро, ки таҳлилиён ба ман ваъда кардаанд, (дар ин бора ду бор ваъда кардаанд)нависанд. Ман интизорам, ки чӣ «чавоби муносибе» ба ман менависанд. тайёрам ба он чавоб гардонам.

Мақола як асрори дигаре ҳам дорад. ҳамаи мақолаҳои дар «Ахбор...» чопшуда аннотатсия доранд, ин мақола аннотатсия надорад. Баъд аз чоп шудани «Ахбор» гапҳое ҳам паҳн гардиданд, ки гӯё аз чоп шудани он директори Институт ва сармуҳаррири «Ахбор» бехабар мондааст. Ин маккорӣ ва корчаллонии байни А. Шамолов ва муаллифони гумноми мақола аст. Ман чунин ҳисоб мекунам, ки А. Шамолов дар мансаби директори Институти фалсафа шахси тамоман тасодуфӣ буд. хуб шуд ки ӯро аз ин мансаб барканор карданд. Агар шамол аз тарафи А. Шамолов сӯи таҳлилиён намевазид, ин

сохтакорӣ наметавонист ҷой дошта бошад. Ман ҳайронам, ин хел шахсҳои номард, дурӯя ва корчалонро аз кадом ҷох баровардаба мансаби директории институтҳо таъйин мекунанд.

Муаллифони мақола чунон ҷоҳилсаволанд, ки ҳатто дар ихтисоси худ таърихи фалсафаи тоҷик мавқеи хоси худро надоранд. Дар хусуси кадом масъалае, ки гап назананд, онро ба архетипу артефактҳои исломӣ омехта месозанд ва ба сифати меъёрҳои илми имрӯза пешниҳод мекунанд. Дар асрҳои 7-8 исломӣ онҳо чӣ гум карданд ва чӣ ёфтанд, ки моро ба тартиботи ҷамъиятӣ ва мафкураи исломиву ирфонии он асрҳо баргардонӣ мешаванд. Наход онҳо фаросату фаҳмиши ҷудо кардани меъёрҳои вуҷудии ҷамъияти асримиёнагиро аз ҷамъияти ҳозира надошта бошанд? Бо ин мақолаи худ ва ақидаҳое, ки дар он намоиш медиҳанд, аз рӯҳониёну муллоҳои исломи ирфонгаро фарқ надоранд. Онҳо ба ғайр аз исломи ирфон дар бораи ягон проблемаи рӯзмарраи ҷамъияти ҳозираи тоҷик чизе гуфта наметавонанд, фақат тарзи зиндагӣ ва тафаккури исломиро ҳимоя мекунанд ва шарҳ медиҳанд. Аз ингуна олимон-таҳлилгароне, ки дар зиндагии имрӯзаи мо ғайр аз исломи ирфон ва мистика ягон рӯйдоду пешравиро намебинанд, чиро интизор шудан мумкин аст? Аз чунин олимони исломгаро, ки дар зиндагии имрӯзаи мо ғайр аз ислом ягон рӯйдоди созанда, валешқадаму пешравиро намебинанд, навсозиеро ёфтан маҳол аст. Вақте ки ин таҳлилгарон дониши ҷавоб додан ба танқиди ҳарифонро надоранд ё ба тӯҳмат мегузаранд, ё масъалаҳои гуногунмазмунро омехта сохта, ба суханпардозиву умумигӯӣ мепардозанд. Исломро «дини аҷдодии» мо мегӯянд. Магар дар воқеият ҳамин хел аст? Чунон бемантиқ [illegible] ва мегӯянд, ки [illegible] доду И[illegible]

Таҳлилгарон илму фалсафаи ҳозираро аз рӯи нофаҳмии худ аз мавқеи ислом баҳо дода, ба ҳам омехта месозанд. Онҳоро ба кадом тарафу ба кадом маъное ки хоҳанд, ба ҳамон тараф ва ҳамон маъно тоб медиҳанд. Таҳлилиён бо номи «Шуъбаи таърихи фалсафа» бо ислом бечорагии илмии худро рӯпӯш месозанд. Барои онҳо шарҳу тафсири догмаҳои исломӣ назар ба ягон сухани нав гуфтан дар илму фалсафа осон аст.

Кӯр будан лозим нест ва бояд эҳсос кард, ки дар заминаи муносибати дугона (двойственный подход), ки ҳоло мӯд гардидааст, ҷанбаи радикалии руҳоният майлони боло рафтан дорад. Дар даврaи баъд аз шӯравӣ – даврaи истиқлолият чандин равия, ба монанди ваҳҳобия, салафия, ҳизб-ут-таҳрир зуҳур карданд, ки ҳама ба таваҳҳумсозӣ ва ташаннуҷгароии авзои ҷамъият мусоидат карданд. Дар мамлакат ҷараёнҳои зиёди сиёсӣ ва анъанавии исломӣ вуҷуд доранд. Вале то ҳанӯз уламои исломии «шарифӣ» тоҷик ягон таълимоти ақидотӣ пешниҳод накарданд, ки аз ин ҳаракатҳо мустақил ва фарқ дошта бошанд. Дар мақолаи таҳлилгарон нисбат ба ин вазъияти ба амаломадаи динӣ тамоман бетарафӣ зоҳир карда шудааст, ҳол он ки муаллифони он, ки худро диншинос муаррифӣ мекунанд, ба ин вазъият бояд диққат медоданд. Вале аз мақолаи онҳо чунин бармеояд, ки онҳо ҳамроҳи уламои «шариф» кор мекунанд, ҳарчанд ки кормандони муассисаи илмии давлатианд.

Аз рӯи гуфтаи таҳлилгарон, ман забони тоҷикиро «намедонам» (ин гап дар мақола ду бор такрор шудааст). Барои «тақвият» додани ин фикри онҳо ва ба сабаби забони тоҷикиро «надонистанам» мехоҳам китобро ба забони русӣ [illegible] диҳам ва мегӯям: Как избавить философию от [illegible] если не известен их из философии. В со[illegible]ков в науку и философию не брали. В [illegible]много берут, что такие придурки [illegible] Абдуллозода и А. Шамо[illegible] политиков», не имея [illegible]

перематываясь между научным светским и религиозным мировоззрениями, не могут хранить верность какому-либо из них, и по мере того, как и душевные состояния приобретает они сами, меняют их без особой потери. Не имея определенной мировоззренческой позиции и ориентации, сами не знают кто они такие по своему мировоззрению и учености. Сегодня талантливый, высококвалифицированный ученый не востребован. Ни государство, ни частные инвесторы не вкладывают в них средства, они приравнены к таким авантюристам от науки, как авторы обсуждаемый статьи. Впрочем, тоже самое касается новых идей по развитию страны, уповают на ислом как на «наследие ниёгон», что совершенно глупо, арабы не наши «ниёгон». Учреждениями науки руководят некомпетентные чиновники от науки. Как развернуть ситуацию в обратном направлении, привлечь к руководству наукой настоящих исследователей, а не тех, кто купил или получил за должности ученые степени.

Нужно уяснить раз и навсегда, что наша сила в новых знаниях, в науке, а не в религиозной вере. Нам надо не оглядываться назад, как наши «аналитики», вспоминая с ностальгией о прошлом исламе, о том как и во что верили и чему поклонялись наши предшественники.

Содержание статьи «аналитиков» чуть не больше половины составляет пересказы чужих мыслей, а о повторениях в ней не может быть и речи. Она представляет собой назойливое повторение одних и тех же стандартных фраз в духе исламского словословия и риторики. Статья сама подскажет, что сами её авторы выступают как идеологи исламского феодализма.



## ЗАБОНИ РУСИРО МАСХАРА НАКУНЕД

«Ахбор»-ро варак зада чашмам ба яке аз аннотатсияхои маколахои дар он чопшуда расид. Онро хонда дидам, ки ба забони русй хеле хато навишта шудааст. Боз дидам, ки баъзе аннотатсияхо ба забони точикй хам хато навишта шудаанд. Баъзе ин аннотатсияхоро ин чо меорам, вале онхоро тахлил намекунам. Инак ин аннотатсияхо:

«Мыслитель дополняет и подтверждает свои высказываниями Пророком ислама и великих поэтов и мыслителей, призывая тем самым читателей к праведности, благочестия, добродушия, честности, справедливости и т. в. » (с. 20); «Абсолютное бытие является реальной истиной, существующее независимо от материального мира и человеческого представления. Мыслители прошлого, в том числе и Хафиз всегда пытались находить первопричину которого возникла вся бытия. По нему бытиё появилась...» (с. 26); «Наука существует и её существование относиться к субъективному существованию. Существование, в положение обязательное обладает некоторым определением» (с. 41); «Проблема познания, по мнению Мулло Садры заключается в том, что каким образом внешняя вид вещей переходит в человеческий разум» (с. 41). «В исламской философии то, что существует в нашем разуме, является свойством вещей» (с. 41); «Макола ... ба тахлили мохияти сиёсиву иктисодию минтакавий амалй гардонидани иктидори энергетикии ЧТ дар чанбаи равандхои интегратсионй дар фазои аврупой бахшида шудааст» (56)%, «Дар макола роххои халли ин масъала байн шудааст» (с. 74); «раванди ташаккули давлатдории миллии Чумхурии Казокистон хамаион чизхои хубе, ки дар таърихи мо буданд гирифта онро ба дастовардхои давлатхои мутамаддин омезиш хохад дод» (с. 80. Ох, ин казокхои зур. «Аз руи мохият категорияи

граждани, онлайн, маъмури ва мурофиаи гражданӣ ша-нохта мешаванд» (с. 84); «В данной статьей говорится об изучении ингдана со стороны русских ученых...» (с. 90); «Рассматривается как правовое средство использования объектов авторского права в условии развития информационной технологии...» (с. 106)...

«Ахбори Институти фалсафа...» нашрияи хусусии барои «бизнес» таъйин шуда нест, нашрияи илмии Академияи илмхои Точикистон аст. Хар чизе, ки дар он чоп мешавад, бояд босаводона бошад. Дар чопи он (шумараи 2) хам сармухаррир ва хам хайати тахририя ба бемасъулиятӣ рох доданд. На факат забони русӣ, забони точикиро хам масхара карданд.



*Хафиз Бобоёров*

## ДАР МАВРИДИ ТЕОЛОГИЗАТСИЯИ ИЛМХОИ ФАЛСАФӢ

Вакти барахна гуфтан аст, ман ба киноя гуфтаам,
Худ ту бигӯ, кучо барам хамнафасони хомро?
*(Мухаммад Икбол)*

Маколаи худро бо номи "Чаро ман аз Институти фалсафа меравам?" бахори соли 2014 ба чоп расонда будам. Ин макола хеч рабте ба Шуъбаи таърихи фалсафа ва китоби сечилдаи "Таърихи фалсафаи точик" надошт. Аммо кормандони Шуъба инро чун асли бахсу накд донистa, дар чавоб маколаи муфассали тахкиромези худро дар мачаллаи "Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва хукуки ба номи А. Баховаддинови Академияи илмхои Чумхурии Точикистон" (№ 2, соли 2014, сах. 108-121) бо унвони "Таърихи фалсафа хамчун майдони набардхои фикрӣ ва худшиносӣ" ба нашр расондаанд. Муаллифони макола ба таври мушаххас номбар нашудаанд, вале чуноне ки аз сухбати рӯбарӯ бо кормандони Шуъба дарёфтам, А. Шамолов, А. Махмадхочаев, М. Хазраткулов, С. Ҷонбобоев, А. Шарипов ва дигарон сахми бевосита дар таълифи ин асар доштаанд. Чун дар макола ба муаллифон мурочиат мекунам, пеш аз хама, хамин нафаронро дар назар дорам.

Дар аст, ман дар маврили як кисми (на хамаи) таълифоти Институти фалсафа сухан гуфтаам, ки характери теологӣ доранд. Ин бахси методологӣ аст ва хеч зарурате надорад, ки хамчун объекти тахлилу танкид номи шахсиятхо, шуъбахо ва маколаву китобхои алохида оварда шавад. Балки объекти тахлилу танкиди методологӣ хамеша категорияхо мебошанд. Дар ин робита, бахси ман ба хотири "бархам додани Академияи илмхои ЧТ" набуд, чуноне ки муаллифон иддао кардаанд. Шахсан худи ман мехохам Академияи илмхоро чун як муассисаи пешкадам ва мехва-

рии ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ, сайқалдиҳандаи қудрати зеҳнӣ ва дастовардҳои техникӣ бубинам. Барои ҳамин ҳам, муддати зиёда аз 16 сол дар ин даргоҳ кор мекунам. Аммо танқиди ман ба хотири барҳам додани он ва таҳвил додани зерсохторҳои он ба дигар ниҳодҳо, чун марказҳои исломӣ нест, балки таҳаввул додани мавзӯъгузорӣ ва таҳқиқу баррасии масъалаҳо, аз он ҷумла масъалаҳои диншиносӣ мебошад. Зерсохторҳои Академияи илмҳо бояд ислом ва умуман ҳама гуна падидаҳои диниро танҳо аз нуқтаи назари илмӣ (на теологӣ) омӯзанд ва хулосаҳои дастовардҳои илмӣ, чорчӯбаҳои методологӣ, моделҳои татбиқии худро ба дигар ниҳодҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ пешниҳод кунанд. Ман Академияи илмҳоро ҳамин гуна дидан мехоҳам.

Масъалаи дигаре, ки зеҳни муаллифони мақоларо ба ташвиш меорад, он аст, ки ҷаро бо вуҷуди ваъда додаам ҳанӯз аз Институти фалсафа нарафтаам. Магар иштиёқи зиёди шумо буд, ки дар бойгонии Институт дафтарчаи меҳнатии маро гум карданд, вале бо вуҷуди муроҷиатҳои расмӣ ва шифоҳии зиёд то ҳанӯз барқарор накардаанд? Баъдан, чӣ далел доред, ки ман бояд аз Институт равам? Худи маъмурият чӣ далел дошт, ки дафтарчаи меҳнатии маро гум кардааст, дар соли ҷорӣ (2015) маро бе ҳеҷ гуна огоҳӣ аз кор ҷавоб додааст ва бо ман дигар қарордод ва шартномаи меҳнатӣ набастааст? Оё чунин муносибат аз рӯи талаботи ҳуқуқӣ аст? Бо вуҷуди ҳамин, маъмурият ба ду аризаам барои аз кор рафтан имзо накарда буд. Магар фурсати муносиберо интизор буд, ки инак фаро расид ва ин дафъа бе ариза ва пурсиш маро аз кор озод кард. Магар далели маъмурият ҳамин мақолаи Шуъбаи таърихи фалсафа аст, ки маро "нодон"-у "зеҳни хом" номида, мегӯянд: ". . . як нафар ҷавоне, ки ҳанӯз ҳеҷ таҳқиқоте нанавишта. . ."

Хоҳиш мекунам, ба ғайр аз ин мақолаи танқидии навиштаам, дигар далелҳоро низ ошкор кунед. Дар даврае, ки ман ва ҳамкоронам дар Маркази омӯзиши равандҳои муосир ва оянданигарии илмӣ дар тӯли каме зи-



...аз ним сол (июни 2014 – январи 2015) зиёда аз 200 ...илмӣ, илмӣ-оммавӣ, публисистӣ, гузоришу ба-...ҳои телевизионӣ, радиоӣ ва интернетӣ нашр кар-...ва дар самти ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ ва ...ят аз манфиатҳои давлатдории миллӣ ва дунявӣ ...бориза бурдаанд. 5 маҷмуаи мақолаҳо ва рисолаҳои ...навишта, чоп ва омодаи нашр кардаанд, магар ...шумо ба ҷуз навиштани ин мақола ва дигар ...олаҳои ҷавобӣ ба С. Наврӯзов ва Р. Бобохонов ва ...мухокимаи рисолаҳои илмии аспирантҳои ...боз чӣ кори дигар кардааст?

Баъдан ба маълумоти камназар ва мутакаббири шумо ...ба, ки ман на "дорои дипломи магистратура", балки соҳиби дипломи "PhD" ("philosophy doctor" – "доктори фалсафа") ҳастам, ки онро дар тӯли омӯзишу таҳқиқи ...ҳои худ аз Факултаи фалсафаи Донишгоҳи Бонни Олмон 6 декабри соли 2011 дастрас кардам ва дар асоси ...китоби худро ба забони англисӣ соли 2013 дар Берлин ба чоп расондам. Аз хонандагон узр мепурсам, барои шикастани рукни муҳими ахлоқи ҳамидаи инсонӣ, ки хоксорӣ мебошад. Вале агар баъзе паҳлуҳои шахсияти худро ошкор насозам, нафароне пайдо шуданд, ки мехоҳанд "тасодуфӣ" буданамро ҷилва диҳанд ва ҳатто "исбот намоянд".

Ходимони Институти фалсафа аз гиребони ман гирифтаанд, ки "ӯ (яъне Бобоёров Ҳафиз) хунари навиштани мақолаҳои илмӣ ё рисолаи илмиро ҳанӯз надорад", балки гӯё "хусуматомез" ва "бо супориши дигарон" менависад. Агар як нафаре чун ман хунари навиштани мақола ва рисолаи илмиро надошта бошад ва ба гуфтаи шумо, "аз кӯчаи ин илм (таърихи фалсафа) нагузаштааст", чӣ гуна муддати зиёда аз 10 сол ӯро дар Институт ва боз ба сифати ходими калони илмӣ таҳаммул кардаед? Шӯрои олимонро чег зада, салоҳияти илмии ӯро баррасӣ накардаед? Магар шумо ҳам салоҳият надоред, ки дар байни шумо чунин кормандӣ "тасодуфӣ" вуҷуд доранд.

Ман бевосита дар мавриди забоннодонии муаллифон хеч ишорате хам накардаам, вале онхо ин камбудии худро дар зехнашон, ки хаст, аз ман дидаанд, ки гӯё ман онхоро таъна задаам. Дар айни хол борхову борхо мехоханд дурустии даъвохои теологии худро аз "хар гӯшаю канори чахон ва ба кадом забоне набошад" (113) собит кунанд, аммо аз гуфтан то далел овардан рох аз замин то осмон аст, ки онро бо илм мешавад паймудан, на бо афсона.

Ба маълумоти шумо мерасонам, ки ман ба истилохи шумо "тавон" ва "хунар"-и бахси таърихи фалсафадиншиносӣ ва инсоншиносии динро аз дидн методологӣ дорам. Шояд ин шумо хастед, ки аз он бехабар хастед ва худро захмат намедихед, ки навтарин сарчашмахо ва бахсхоро омӯзед ва дар коргохи худ баррасӣ намоед. Вале хохиш мекунам, барои чунин омӯзиши маро "гарбгаро" нагӯед. Ин колаби кадимаи уламои исломӣ аст, ки касе осори пешазисломӣ мехонд, ӯро зиндик мегуфтанд, касе осори аврупоӣ хонд, ӯро гарбгаро меномand. Магар тахсил ва дифои рисолаи илмиам дар Олмон кофист, ки шумо маро "Ғарбгаро" меномед, ки гӯё "ба Ғарб таклид карданро талкин менамоям" (113). Барои исботи ин шумо мисол меоред, ки консепсияи теологии "инсони комил"-ро танкид кардаам. Ин гуна иттихомот, яъне "гарбгаро" ва хамчунин "тасодуфӣ" будани ман аз забони нахзатиён низ садо медихад. Шумо аз як мавкеи идеологӣ химоя мекунед. ...
мавкеи ...

... филология ва Аспирантураи Институти фалсафа.
... стипендияи президенти тахсил мекардам ва дар
... шумо имтихонхои минимуми фалсафа ва чоме-
... сиро супорида будам, яъне магар ба бахохои гу-
... худ эътимод надоред? Ба чуз ин, аз январи соли
... инчониб дар Шуъбаи онтология ва гносеология
... бошад дар Шуъбаи фалсафаи фарханг ба хайси
... калони илмӣ кор мекунам ва тӯли ин муддат ба
... методология ва консепсияи омӯзиши манзарахои
... ва илмии олам ва ахиран аклгарой дар фархан-
... фалсафаи точик машғул хастам. Дар ин замина, рисо-
... илмиам дар хачми 354 сахифа омодаи чоп аст. Борхо
... лахоям дар шуъба баррасӣ шудаанд ва дар айни за-
... дар тахлилу баррасии маколаву рисолахои илмии
... мандони илмии шуъба ва дигар шуъбахо, аспиран-
... точик ва хоричӣ сахм гузоштаам. Агар шумо ба
... сияти ман шубха доред, магар ин маънои онро надо-
... ки ба салохияти илмии Шуъбахое, ки дар он чохо
... хои охир кор мекунам, шубха доред, ба такризхои
... шумори рисолахои илмии аспирантон, ки як кисми
... онаш аз Шуъбаи таърихи фалсафа буданд, шубха до-
... ред? Пас, чаро такризхои маро чун асос дониста, аспи-
... хоро аз мухокимаи шуъбахо ва Шурои дифои рисо-
... хои илмӣ гузарондед? Магар шумо ба салохияти
... Шурои диссертатсионӣ низ шубха доред, ки худ низ [illegible] агар
[illegible] АИ ЧТ ва Ин-
[illegible] бойни
[illegible] Пасон,
[illegible] шумо
[illegible]

роттароӣ хатарнок ва сахлангорӣ нест? Магар муассисае, ки худро "идеологӣ" муаррифӣ кардааст, чунин мавкеи бетарафона дар робита ба такдири миллат ва давлат мегирад? Агар шумо иддао доред, ки ин рафтори ман зидди "ахлоки ихтисоси коргохӣ" аст, метавонед ба кавли худатон даъвои худро ба "суд" баред, вале фаромӯш накунед, ки даъвохо дучониба хастанд.

Таъкидан савол ин аст, ки магар бахсу баррасӣ ва накди илмии тахкики ғайриилмии мероси фалсафаи халки тоҷик зидди арзишхои мероси маънавии халки тоҷик аст? Магар танкиди баъзе (на хамаи) ҷихатхои кори Институти фалсафа, аз он ҷумла теологизатсияи илмхои фалсафӣ ва тарғибу ташвики ғайританкидии осори зидди манфиатхои миллии тоҷикон (чуноне, дар мавриди Фатхулло Гюлен) хилофи арзишхои миллии тоҷикон мебошанд. Худ аз худ аён мегардад, ки кормандони илмии Шуъбаи таърихи фалсафа дар пушти "арзишхои мероси фалсафаи халки тоҷик" пинхон меҷӯянд ва маро ба "душманӣ" ба ин мерос гунахкор мекунанд. Дар холе ки худи онхо на арзишхои мероси фалсафаи халки тоҷик, балки арзишхои ғайрифалсафӣ ва ғайритоҷикиро бештар тарғиб мекунанд. Дар ин маврид маҷмӯаи "Ҳикмати тахаммул" далели побарҷо хаст.

Назари танкидие, ки ман пешниход кардаам, дидгохи мустакили худи ман буда, таъкид бар он мекунад, ки хам таърихи фалсафа ва хам диншиносӣ илм хастанд. Ман дар ягон ҷо инро инкор накардаам. Факат муаллифон мехоханд хонандаро гӯл зананд, ки гӯё ман онхоро илм намехисобам. Балки шеваи тахкики онхоро аз тарафи як гурӯх мухаккикони Институт ғайриилмӣ номидаам. Ин танкид танкиди методологӣ мебошад ва дар кишвархои пешрафта на факат як бору ним бор, балки хар хафтаву хар рӯз тавассути семинару маколахо садо медихад. Маҷаллахои илмии русӣ ва англисӣ моломоли чунин танкидхо хастанд, вале мо хастем, ки танкидро ба дард кабул мекунем ва ислох шудан намехохем. Вокеияти хол аст, ки таърихи фалсафа ва диншиносии мо асосхои илмии



ро аксаран аз даст додаанд. Балки ин омӯзишхо ба тарғиби кӯркӯронаи дину мазхабхо машғул буда, дар нисбат ба "теологизатсия"-и илми тоҷик сахм мегузоранд.

Дар хакикат, таърихи фалсафа таърихи ташаккули афкори фалсафӣ буда, равишхои методологӣ ба а) заминахои таърихии ташаккули афкори фалсафӣ, б) рохҳои ба хам хамоханг кардани даврахои гуногуни ташаккули афкори фалсафӣ, в) асосхои ягона ва ё конуниятхои умумие, ки дар атрофи онхо афкори фалсафӣ ташаккул ёфта, онхоро шарх медиханд ва с) моделхои интихоб ва системасозии афкори фалсафӣ барои ташаккули муносибатхои ҷамъиятӣ асос ёфтаанд. Ба истилохи дигар, равишхои методологие чун материализми диалектикӣ, детерминизм, натурализм, феноменология, герменевтика, футурология, методологияхои антропологӣ, ҷомеашиносӣ, равоншиносӣ ва ғайра мавҷуданд. Дигар ҷихати бахси методологӣ аз он иборат аст, ки мухаккики эҷодкор наметавонад аз ягон методологияи тайёр кӯркӯрона истифода барад. Дар холе ки то хануз аксарияти равишхо натавонистаанд хакикати мутлак будани худро собит кунанд. Барои хамин, хар як макола ва ё рисолаи илмӣ бо бахши методологӣ ва назариявӣ сар мешавад, ки фарогири боби алохида аст. Дар он ҷо мухаккик нишон медихад, ки мавзӯъ аз тарафи кӣ омӯхта шудааст, омӯзиши онхо аз ҷихати назариявӣ чӣ камбудӣ дорад, кадом назарияхо дар мавриди мавзӯъ вуҷуд доранд, агар яке аз ин назарияхо хамчун чорчӯбаи тахлили мавзӯъ кабул нест, пас мухаккик вазифадор аст, ки ё методологияи (чорчӯбаи назариявӣ)-и худро пешниход кунад ва ё дар заминаи назарияхои мавҷуда як чорчӯбаи методологӣ созад.

Масалан, мавзӯи "бозгашти абадӣ" дар осори Нитше ва ё дар осори [illegible] худ аз худ наметавонад хакикати илмӣ дошта бошад, балки тахлили методологии он метавонад аз ҷихати илмӣ асоснок гардад ва ё не. Мирча Элиаде "бозгашти абадӣ"-ро ба устурахои дунёи кадим дар Байтулмукаддас марбут медонад. Аммо назари ин инсоншиносро низ кофӣ нест, чунки бахси ин мавзӯъро дар таъри-

хи фарханг ба мифология махдуд мекунад. Гӯё Нитше ва Мавлавӣ андешаи фалсафӣ ва ирфонии худро дар асоси хамин миф ба вучуд овардаанд. Барои хамин, дар рӯхияи мухаккиқ шубха пайдо мешавад ва омӯзиши методологии худро идома медихад. Дар асари омӯзиш ӯ ба консепсияхои нав ба нави инсоншиносӣ ва равоншиносӣ шинос мешавад. Яке аз ин консепсияхо дар равоншиносӣ Архетипхои Карл Густав Юнг мебошад, ки "бозгашти абадӣ"-ро чун архетипи рӯх баён мекунад. Архетипи рӯх колаби зехнии хар як инсон мебошад, ки он аз чисм чудо буда, ба нуктаи ибтидоии худ бармегардад, яъне аз чисм чудо мешавад. Аз ин дидгохи Юнг, Гегел низ ба бозгашти рӯх ба нуктаи ибтидоӣ бовар дошт, чунонки одамони ибтидоӣ низ дорои чунин боварӣ буданд. Аммо барои олими нуктасанч хануз пешниходи Юнг каноаткунанда нест, ки гӯё дар хотираи инсон бо номи "мнемо" колаби рӯхи ба асли хеш баргарданда вучуд дорад. Барои хамин дар хоб хам ин аслро мебинад. Ин чо мо ба консепсияи дигари равоншиносӣ ва чомеашиносӣ бархурд мекунем (албатта, дар натичаи мутолиа ва чустучӯи чандзабона), ки "бехатарии онтологӣ" ном дорад ва аз тарафи Петер Бергер, Томас Лукманн, Энтони Гидденс, Катарина Киннвал, Майкл Ҳоч, Энтони Кохен ва Чарлз Тилли ташаккул ёфтааст. Инсон ба он хотир ба рӯхи ба асл баргарданда бовар дорад, ки махз дар хамин шакл маъно, хадаф ва абадияти хастии худро тасаввур мекунад. Барои хамин, Мавлавӣ инсонро ба най монанд мекунад ва мегӯяд: "Хар касе, к-ӯ дур монд аз асли хеш, Боз чӯяд рӯзгори васли хеш". Ин як равиши бахси методологии мавзӯи "бозгашти абадӣ", "бозгашт ба асл", "рӯх", "абадият" ва монанди ин мавзӯъхое хастанд, ки дар осори фалсафӣ, ирфонӣ ва динии точикон фаровонанд. Дар китоби худ бо номи "Методологияи бехатарии вучудӣ: Мавзӯи нестӣ дар фалсафаи Ғарб", ки ба зудӣ дар нашриёти АИ ЧТ "Дониш" (354 сахифа) ба табъ мерасад, ин масъаларо муфассал баррасӣ кардаам.

Бубинед, ки мо ин арзишхоро паст назадем, инкор



накардем, балки кӯшиш кардем кушода дихем, ки чӣ гуна ва дар кадом шароити таърихӣ ба вучуд омадаанд, ба якдигар ва дигар мафхуму падидахои фархангӣ робита доранд, кадом конуниятхои умумии чомеаи инсониро ифода мекунанд ва барои ояндаи инсоният чӣ ахамият дошта метавонанд. Мутаассифона, вобаста ба баъзе масъалахо, аз он чумла махдуд будани доираи мутолиахои методологии олимони мо, танбалии тахкикотӣ ва махсусан зехни мазхабӣ доштани онхо, тахкикоти солхои охири таърихи афкори фалсафӣ ва динӣ характери илмӣ надоранд. Факат номбар кардани олимону донишмандон, чунонке дар маколаи Шуъбаи фалсафа анчом дода шудааст, маънои онро надорад, ки илмияти макола ва ё рисоларо таъмин мекунад. Дар натича, бисёре аз маколахо ва рисолахо ба тавсиф ва тафсири матнхо ва шеърхои файласуфон, сӯфиён, шоирон ва факехони гузашта махдуд мондаанд. Бе методологияи хоси тахкикотӣ бисёре аз таълифот аз чихати назариявӣ гибрид шудаанд. Дар тахлили заминахои таърихии афкори ин ё он мутафаккир ба диалектикаи материалистӣ такя мекунанд, вале дар тахлили худи афкор ба теология рӯ меоранд. Ман инро ба тамоми масъулият ва бо дарназардошти далелхои фаровон мегӯям.

Аз ин рӯ, бахси мо дар мавриди "теологизатсия", яъне бо усули теологӣ омӯхтани таърихи афкори фалсафӣ, ирфонӣ ва динӣ маънои "аз мероси фархангии замони ислом даст бояд кашид"-ро надорад. Ман шахсан ин гуна иддао накардаам. Балки ин як гуна тахайюлпардозӣ ва ё кӯшиши тахрифи мавкеи ман аз тарафи нависандахои Шуъбаи таърихи фалсафа мебошад. Мавкеи ман аз он иборат аст, ки мероси фархангии замони ислом ва умуман мероси фархангии гузаштаи миллати худро бо назари танкидӣ омӯзем ва пешкаши хонандахо намоем. Барои ба чунин максад расидан, мо бояд бахсхои методологӣ дошта бошем. Мутаассифона, ягона мактаб ва ё чорчӯбаи методологие, ки аксарияти мухаккикони мо такя мекунанд, теология мебошад. Дигар мактаби маъруф - диалектикаи материалистӣ фаромӯш шудааст, чунки дар муддати зиёда

аз 20 сол олимони мо омӯзишҳои худро аз Марксизм аз ёд бароварданд. Дигар мактабҳо вуҷуд надоранд, чунки мутолиаҳо ва семинарҳои методологӣ вуҷуд надоранд.

Дигар ҷанбаи баҳси "теологизатсия", ки аз тарафи муаллифони Шуъбаи таърихи фалсафа таҳриф шудааст, масъалаи динӣ ва ё зиддидинӣ (атеистӣ) будани фалсафаи тоҷик мебошад. Афкори фалсафии тоҷик иборат аз ҳар ду мебошад. Баъдан, тибқи методологияе, ки худи ман ба он такя мекунам ва он дар рисолаи илмиам бо номи "Методологияи бехатарии вуҷудӣ" баён гардидааст, дар ҷустуҷӯи дин ва ё бединӣ дар ин ё он афкори фалсафӣ нестам. Тибқи методологияи бехатарии вуҷудӣ, на баҳси дину бединӣ, аввалияти материя ва ё идея ва ғайра, балки баҳси ҳастӣ ва нестӣ афкори фалсафии ҳар як файласуфро фаро мегирад. Моҳияти асосии баҳси ҳар як мутафаккир масъалаи ҳастӣ ва нестӣ аст. Яъне, чӣ гуна ҳал кардани ин масъала мебошад. Чунончи, дар Юнони Бостон бо мафҳумҳои логос, генезис, атом, айдос ва ғайра ин масъаларо ҳал мекарданд. Мавзӯъҳои ирода (Шопенҳауер, Нитше), озодӣ (Сартр) ва абсурд (Камю) низ ба ҳамин мақсад буданд. Аз ин нуқтаи назар, мо ҳеҷ гоҳ даъво накардаем, ки дар таърихи фалсафаи тоҷик бояд фақат афкори бединӣ (атеистӣ) ҷустуҷӯ карда шавад, ки дар асл яктарафа ва дур аз ҳақиқати илмӣ мебошад. Ин асоси методологии шинохти мутафаккирони гузаштаи тоҷик буда наметавонад. Балки мавзӯи ҳастӣ ва нестӣ баҳси марказӣ дар афкору таълимоти мутафаккирони тоҷик низ ҳаст. Аммо муҳаққиқони афкори фалсафии асрҳои миёнаи тоҷик, агар дар даврaи Иттиҳоди Шӯравӣ атеизмро дар афкори гузаштагони мо меҷустанд, акнун баҳси худро ба дину диндорӣ, ирфон, имон, инсони комил, тақдир, фақру таваккул, қаноату сабр ва ғайра аз дидгоҳи теологӣ маҳдуд кардаанд.

Дар ин маврид, муаллифон мепурсанд, ки: "Магар баррасии андешаи физикӣ (олами моддӣ) ва равобити он бо метафизика (олами улвӣ) теологизатсия аст?!" Худи ҳамин савол аз ҷиҳати илмӣ сиҳат надорад, чунки маълум нест,



онҳо калом дидгоҳи методологиро барои баррасии равобити ин ду "олам" пешниҳод кардаанд. Як зумра мақолаҳо ва рисолаҳои таърихи фалсафа нишон медиҳанд, ки дидгоҳи теологӣ дар муқоисаи ин ду "олам" асос гирифта шудааст. Аз ин рӯ, ҷавоби савол чунин аст: "Бале, чунин баррасӣ теологизатсия аст!"

Аз баҳсу баррасии муаллифон бармеояд, ки аз ҷиҳати фалсафӣ ва методологӣ онҳо "дин" гуфта чиро дар назар доранд: "Аз ғояти фикри муаллиф (яъне Ҳафиз Бобоёров) ... бармеояд, ки мо ... ходимони илмии Шуъбаи фалсафа ба мисли даврaи Эҳёи Ғарб танҳо ба ҷиҳатҳои ахлоқӣ, озодандешӣ ва ватанпарастии дин аҳамият дода, ба дин муносибати уфуқӣ (яъне он чи ба олами моддӣ, физикӣ судманд аст) дошта бошем. Он чи ба муносибати амудӣ (яъне он чи ба олами улвӣ, метафизикӣ мансуб аст) аз он даст кашида, ҷомеаи имрӯзаро ба сӯи фардои фирӯз ба мисли мамолики Ғарб равона созем. .." (110-111). Аввалан, ман аз шумо чунин талаброро накардаам, яъне дар ҳеҷ куҷо нагуфтаам, ки шумо бояд асосҳои методологии даврaи Эҳёи Ғарбро дар таҳқиқу шинохти дин қабул кунед. Баъдан, вижагии методологии даврaи Эҳёи Ғарб аз он иборат буд, ки ба дин ва ҳамаи дигар падидаҳои табиию иҷтимоӣ нигоҳи натуралистӣ дошт. Аз ҳамин ҷо, мафҳумҳо ва фанҳое чун "натурализми фалсафӣ", "деизм" ва ғайра ба миён омаданд. Яъне, шахсан худи ман дар чорчӯбаи методологии худ ин нуқтаи назарро (мухтасар ҳам бошад) танқид кардам. Он чӣ ман мехостам ва ҳоло ҳам мехоҳам гуфтан, таҳмили ягон ақида ва чорчӯбаи фикрӣ набуда, балки гуфтан аст, ки таҳқиқотҳои афкори фалсафии мо теологӣ ҳастанд. Чи муносибати амудӣ ва чи муносибати уфуқӣ ба дин асоси илмӣ надоранд, балки ду шакли баҳси теологӣ мебошанд. Дигар ин ки матни мазкур пур аз ғалати мантиқӣ аст.

Ҳамчунин, динро аз назари илмӣ баҳсу нақд кардан ба маънои "илми моддигаро" ва "атеизми шӯравӣ" нест, ки мехоҳед ба ҳар баҳона ба ман часпонед. Пешниҳоди методологии "бехатарии вуҷудӣ", ки дар китоби худ кардаам, маҳз ба хотири яктарафа ва моддигаро будан даврони нави

Аврупоро танқид кардаам ва гуфтаам, ки сабаби асосии ташаккули афкори қудратмеҳварӣ дар фалсафа ва ҷомеашиносӣ гардидааст. Инсон ҳамеша ба маънавиёт дар шаклҳои гуногуни он, аз он ҷумла афкори фалсафӣ, метафизикӣ, дин, ахлоқ, ҳунар ва ғайра ниёз дорад. Аммо тибқи дидгоҳи теологӣ сабаби чунин эҳтиёҷоти ботинӣ ва иҷтимоии одамон ба маънавиёт он аст, ки онҳо берун аз ҷаҳони ботинии инсон дар "ҷаҳони улвӣ" вуҷуд доранд ва майл ба онҳо боиси такомул мешавад. Маҳз ҳамин мавқеъро мо дар замини таҳқиқи афкори фалсафӣ, ирфонӣ, ахлоқӣ ва динии тоҷикон аз тарафи як қисми олимони Институти фалсафа мушоҳида мекунем. Танқиди ман маҳз дар ҳамин мавридаст, бо сабаби зеҳни мазҳабӣ ва хурофотии худ онҳо ба мутлақият ва берун аз замону макон арзиш доштани категорияҳои ирфонӣ ва ахлоқӣ бовар кардаанд. Пас, куҷо мешавад тафаккури фалсафии онҳо?! Бо тафаккури ғайриилмӣ ва ғайрифалсафӣ мақолаҳо ва рисолаҳо кофӣ набуданд, ки олимони Шуъбаи таърихи фалсафа ин мақолаи дифоӣ аз худашонро низ ороста аз афкору хаёлоти теологии худ кардаанд. Агар то саҳифаи 111 тасвиру тахайюл дар мавриди таҳқири шахсияти ман бошад (дар саҳифаҳои баъд низ ин лаҳзаҳо вомехӯранд), аз он пас аксари хаёлбофиҳои теологӣ мебошанд. Ва идома дорад!

Агар иддаоҳои теологии олимони мо дуруст бошанд, савол ин аст: Дар мавриди сарҳати охири қатори якуми саҳифаи 111 чӣ далели илмӣ доранд? Саволи дигар: Оё "назму низоми офариниши олам ва дарки онро ба қолаби илмӣ, ки қобили қабули ақл бошад, баррасӣ намудан" дар чорчӯбаи теологии он имкон дорад? Агар теология ва умуман тасаввуроти мифологию динӣ барои дарк кардани ҳақиқати офариниши олам қудрат дошта бошад, пас чӣ зарурат ба физика ва дастгоҳҳои азими омӯзиши лабораторӣи заррҳои нахустгаркиш вуҷуд дорад? Магар баҳсҳои теологии офариниш "комёбии системаноки беш аз ҳазорсолаи мост, ки ниёгони мо барои мо ба ирс гузоштаанд"? Магар ваҳй ва ҳадис чӣ асоси илмӣ дорад ва дар ҷараёни маърифати олами ҳастӣ чӣ нақш дорад? Магар мешавад



ҳақиқатро зинабандӣ ва вобаста ба наздикию дуриаш аз категорияи теологии худо раддабандӣ кард? Магар "басирати ботинӣ" исботшаванда аст ва қувваи шинохти куллан худо аз ақл аст? Магар силсилаи маротиби ҳастӣ, судур, сохтори вуҷудшиносии теологии "офаридгор – ақли кулл – нафси кулл – ҳаюло – чаҳор унсур – маволиди сегона – инсон-иҷтимоъ" (113) ва дигар консепсияҳои марбута асоси илмӣ доранд? Бояд таҳқиқоти мо аз фиқҳҳо ва мутакаллимон фарқ дошта бошад. Мо бояд дидгоҳ ва чорчӯбаи илмӣ дошта бошем, на коргоҳи тафсири беаввалу беохири теологӣ. Таълимоти онҳоро "тӯтивор такрор накунем" ва "бо зеҳнҳои хоми худ баҳо надиҳем", бинобар ин "харза нагӯем" (иқтибоси ин таҳқирҳо аз худи муаллифон). Балки бояд донист, ки ҳамаи ин таълимоти бузургон аз ҷиҳати илмӣ дақиқ нестанд, исботшаванда ҳам нестанд. Онҳоро метавонем ҳамчун арзиш қабул кунем ва сипас аз дидгоҳҳои гуногуни инсоншиносӣ ва ҷомеашиносӣ баҳо диҳем. Фарз кардем, барои чӣ таълимоти фравашиҳо ва паймон дар Зардуштия, мусул дар Афлотун, ақли даҳгона дар Сино, нур дар Сухравардӣ ба вуҷуд омаданд. Тибқи методологияи бехатарии вуҷудӣ, онҳо роҳи ҳалли мушкилии нестиро дар ҳамин таълимотҳо дидаанд. Вале онҳое, ки тафаккури теологӣ доранд, пофишорӣ мекунанд, ки ҳамин мафҳумҳо ҳақиқат ҳастанд, яъне ба таври объективӣ вуҷуд доранд.

Аллакай дар асри 17 Декарт пешниҳоди ҷолиб карда буд: шинохти моҳият ва нияти Худо, аз он ҷумла дар робита ба офариниш ғайриимкон аст, аз ин рӯ, он аз доираи баҳси фалсафа ва илм берун меафтад. Дар асри 20 Хабермас дар "Мантиқи навини илмҳои иҷтимоӣ" тақсимотро дар байни илмҳои табиӣ ва инсонӣ, яъне дар байни "факт" ва "арзиш" таъкид мекунад. Ҳақиқати илмӣ он аст, ки офариниш аз нуқтаи назари теологӣ "арзиш" аст, на "факт". Он факти физикӣ буда наметавонад. Ягон теолог ё сӯфӣ дар бораи Нахустгаркиш ва заррҳои он маълумот надошт, то ин ки олимони мӯшикофи физика дар бораи онҳо факт пешниҳод накарданд.

Дар рафти бахси теологии худ, муаллифон фаромӯш мекунанд, ки дар оғози мақола ва рисолаи худ рӯйхати дарози "бузургон"-и фалсафа ва илмро оварда буданд. Магар ин маънои онро надорад, ки чунин равиши методологӣ равиши эътиборписандӣ аст, чуноне ки дар давраи Шӯравӣ хамаи олимон, аз он чумла олимони сохаи кишоварзӣ (селексияи тухмӣ ва ё тибби хайвонот) низ аз Маркс у Ленин иктибос меоварданд, вале дар сахифахои баъдӣ хеч зарурат ва имкони аз онхо иктибос овардан намеёфтанд.

Дар робита ба он ки мо "илми динӣ"-ро хамчун илм рад кардаем, ба асосхои методологии илм ва фарқияти онхо аз биниши динӣ такя мекунем. Аммо муаллифони мақолаи дастчамъӣ боз хам мавзӯи бахсро теологӣ мекунанд, яъне барои исботи ақидаи худ аз Қуръон ва дигар сарчашмахои нақлии динӣ далел мечӯянд. Боз хам савол ин аст: Се мархилаи сайри илм, ки аз Миён Мухаммад Шариф далел меоред, тавассути кадом илми имрӯза тасдиқ ёфтаанд ва М. М. Шариф инро бо кадом усули тачрибавӣ ба даст овардааст? Ҳамин савол дар мавриди "илми ладунӣ" низ пурсида мешавад: Ба кадом далели илмӣ хамин гуна илм вучуд дорад?

Дар ин мавриди фарқияти усулии илм аз дин он аст, ки аввалӣ ба фактхои ба дастомада хақиқатро боз гӯ мекунад, вале охирӣ, яъне дин ба ахкоми нақлшудаи муътабар хақиқатро мешиносад. Яъне барои теология тахқиқоти тачрибавӣ хос нест. Мухим нест, ки аввал вучуд доштани "се мархилаи сайри илм" ва "илми ладунӣ"-ро дар олами объективӣ кашф ва баъд ба онхо истинод кунад. Барои хамин, вазифаи тахқиқоти илмӣ на бо сари хам ва итоаткорӣ қабул кардани ин гуна хақиқатхои теологӣ, балки ошкор кардани ин матлаб аст, ки дар чӣ шароит, бо кадом мақсад ва вобаста ба кадом ниёзхои маънавӣ ва моддии одамон чунин таълимотхои ғайриилмии теологӣ ба вучуд омада буданд. Масалан, сабаби пайдоиш, функсияи ичтимоию сиёсӣ ва ниёзи маънавии "илми ладунӣ" чӣ буд? Ин аст саволгузории илмӣ.

Барои хамин, муаллифони дар назари хонанда но-



[ма]ълуми мақола ва дар пушти пардаи Шуъбаи таърихи фалсафа пинхоншуда, саволи мо ин нест, ки: "Оё дар хар [х]учое, ки истилохҳои фалсафии ақли куллу нафси кул, [на]зарияи судур бошад, мо онро тахқиқ накунем?" Бори дигар таъкид мекунам, ки ин масъалахо бояд омӯхта ша[ва]нд, фақат аз дидгохи методологияи илмӣ, на теологӣ, ки дар боло фарқиятҳошонро бо далелҳои алохида баён кардем. Дар хақиқат, хар як мухаққиқ хақ дорад, ки ин масъаларо дар чорчӯбаи хоси методологияи худ баррасӣ намояд. Масалан, ман бо методологияи "бехатарии вучудӣ" онхоро тахқиқу тахлил мекунам. Диққати бештар ба лахзахое медихам, ки хатархои вучудии инсон дар та[ш]аккули чахонбинии мифологӣ, динӣ, системахои метафи[з]икӣ, категорияхои онтологӣ, гносеологӣ ва ғайра чӣ сахм доранд. Масалан, "сохтори вучудшиносии Исмоилия", ки дар навбати худ аз консепсияи Фравашихои Зардуштӣ реша мегирад, ба хотири асли муқаддас ва абадӣ бахшидани олами вучуд, аз он чумла инсон мебошад. Инсони мазхабӣ бехатарии худро хам дар чахони моддӣ ва хам дар чахони ухравӣ ба хамин гуна сохтори вучудшиносӣ марбут медонад. Ин тасаввуротро ботил кардан, чунове ки боварҳои дигари диниро зери шубха гузоштан, маънои инкор кардани хастии фардӣ ва ичтимоии ӯро дорад. Барои хамин, инсони мазхабӣ тезтар ифротгаро мешавад.

Бо хамин узр, яъне равиши хоси методологии омӯзиши таърихи фалсафа, дин, хунар, рафтору муносибатхои ичтимоӣ ва равонӣ доштанам ман дар навиштани китоби сечилдаи "Таърихи фалсафа" сахм нагузоштаам. Вале чун дигар файласуфон хақ дорам ва дар мадди назар низ гирифтаам, ки "таърихи фалсафа"-и хосеро пешниход намоям, ки як қисми он ба зудӣ чоп мешавад.

Баррасии муаллифони мақола дар мавриди тақсимот ва чудоӣ дар байни дин ва тасаввуф асоси илмӣ надорад. Хам аз нигохи эпистемологӣ, яъне хақиқатшиносӣ ва хам аз нигохи чомеашиносӣ намешавад ин ду падидаро билкул аз хам чудо кард ва иддао кард, ки чи сӯфиёни ибтидоӣ ва чи сӯфиёни баъдӣ "... боисрор таълимоти та-

саввуфиро ба унвони як ҷараёни оппозиционӣ нисбат ба дини исломи ортодоксалӣ ташаккул доданд". Зарринкӯб ва бисёр донишмандони тасаввуфшинос ба чунин назар ҳастанд, ки аз як тараф, сабабҳои пайдоиши тасаввуф ба исломи сиёсӣ марбут буд, гарчанде он унсурҳои бовару эътиқодоти маҳаллиро низ фаро гирифта буд. Аз тарафи дигар, тасаввуф ба ҷараёни ахлоқӣ ва ё худ тарбияи ботинии муносибатҳои динӣ ва сиёсӣ табдил ёфта буд. Дар ин маврид, Маломатия ва Нақшбандияро мисол овардан метавон. Мутаассифона, бо вуҷуди сӯфимашраб ва муҳаққиқи тасаввуф будани аксарияти муаррихони фалсафа ин масъаларо дарк накардаанд. Онҳо ба фазлфурӯшиҳо ва авомфирибеҳои зоҳидону сӯфиён дода ва мафтун шуда, робита ва ҳамкории пинҳонии онҳоро бо ҳокимони давр (Хилофати Бағдод, Салҷуқиён, Туркҳои усмонӣ, Темуриён...) сарфи назар мекунанд. Худи А. Маҳмадхоҷаев дар мақолаву рисолаҳои худ доир ба Нақшбандиён фактҳои ҷолиби ҳамкорӣ ва ҳамдастӣ бо золимонро оварда, вале хулоса мекунад, ки осори ахлоқии баланде аз худ ба мерос гузоштаанд. Олимони мо тарафҳои иртиҷоии таълимоти ахлоқии тасаввуфро нодида гирифта, ба дарки моҳияти масъала намерасанд. Масалан, дарк намекунанд, ки Маломатиён дар давраи Туркҳои усмонӣ ва Нақшбандиҳо дар давраи Темуриён ва дигар сулолаҳои минбаъда аҳкоми ахлоқии таваккул, сабр, таҳаммул, қаноат ва монанди инҳоро ба мардуми мазлум таҳмил карда, худ дар густариши зулму ситам саҳм мегузоштанд. Онҳо ба табақаи миёнарав табдил ёфта, бо истифода аз таълимоти ахлоқии худ, ки бар пояи дин асос ёфта буд, мардумро аз эътирозу исён бар зидди ҳокимони золим нигоҳ медоштанд. Савол ин аст, ки чаро адабиёти форсу тоҷик сартопо васфи "ахлоқи ҳамида" аст ва тасаввуфи исломӣ ҳазорҳо рисолаи ахлоқӣ ба мерос гузоштааст, вале ҷомеаҳои Осиёи Марказӣ аз разолатҳои ахлоқӣ ва нобаробариҳои иҷтимоӣ пок нестанд. Як сабаб он аст, ки ба ифодаи Ҳофизи Шерозӣ:



*Воизон, к-ин ҷилва бар меҳробу минбар мекунанд,*
*Чун ба хилват мераванд, он кори дигар мекунанд.*

Сабаби асосии дигар он аст, ки дар кул таълимоти ахлоқии тасаввуф барои таслим, сарҳам, вобаста ва дастнигари золимон кардани мардуми одӣ буд. Консепсияҳои "фақр" ва "қаноат" далели ин гуфтаҳоянд, ки дар мақолаҳои алоҳида онҳоро баррасӣ кардаем. Дигар ҷиҳати ҷаҳоншиносӣ ва таълимоти ахлоқии тасаввуф дунёбезорӣ ва инкори шахсияти худ (аз худ фонӣ шудану дар Ҳақ бақо ёфтан) мебошад. Дар ин сурат, мо ҳеҷ гоҳ "ҷомеаи солимеро тасаввур карда (на)метавонем, ки онро сӯфиён пешниҳод мекарданд" (117). Он чи дар робита ба "аҳвол", "мақомот", "сайру сулук", "ҳафт шаҳр", "фано филлоҳ" ва дигар таҷрибаҳои амалии муридон аст, ҳама роҳу воситаҳои дасту дил аз дунё шустану кашидан аст, на чизи дигар. Дар таҷрибаҳои муридон инчунин ҳолатҳои норохатӣ ва фишору зӯроварии равонӣ, аз қабили худкамбинӣ, худшиканӣ (мазохизм) ва ғайра ба мушоҳида мерасад. Аммо як чиз бояд фаромӯш нашавад: муршидон дар ҷанд ҳалқа мурид доштанд. Онҳо муридони ҳалқаи аз ҳама дури худро ба чунин амалҳои дунёбезорӣ ҳидоят мекарданд, дар ҳоле ки худ ва муридони ба ҳалқаи худ наздикро ба сиёсату давлат ва иқтисоду тиҷорат вомедоштанд. Далели ин Хоҷа Аҳрори Валӣ ва аксарияти дигар сӯфиҳову эшонҳои гузашта ва имрӯза ҳаст, ки мо шоҳидем. Магар сӯфиҳо, эшонҳо, тураҳо ва хоҷаҳо нестанд, ки қудратҳои сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии беҳисоб доранд? Мутаассифона, на мо (аз ҷумла Султои Наврӯзов), балки муаллифони мақола "ба чунин таҳлилҳо оҷизанд, аз дарки чунин масоил фарсахҳо дуранд, . . бо сабаби надонистани моҳияти таълимоти тасаввуф. . ." (с. 118)

Маҳз ҳамин функсияи миёнаравии сӯфиҳо ва дигар ашрофони диниро ба ҳисоб гирифта, имрӯз абарқудратҳо онҳоро дар Афғонистон вориди сиёсат кардаанд. Воқеан, онҳо ҳамеша вориди сиёсат буданд ва ҳамеша ба манфиати синфи ҳукмрон хизмат мекарданд ва дар айни ҳол, дар бо-

тинӣ ва рӯхонӣ кардани таассуботу хуроофоти исломӣ саҳм мегузоштанд. Аммо он чӣ муаллифони мақола дар мавриди "муборизаи фақеҳон ҳамчунон ба муқобили сӯфиён" (115) мегӯянд, хусусияти лаҳзаина ва характери шахсӣ дошт. Яъне баъзе сӯфиҳо чунин мавқеъ доштанд. Аксарият ҳамчун табақаи иҷтимоӣ дар хизмати синфи ҳукмрон буданд. Имрӯз ҳам чунин аст. Шайх Темур, ки аз тарафи мақомот боздошт шуд, дар тақвияти системаи иҷтимоие саҳм мегузорад, ки зулму ситам ва тааддиро дар нисбати мардум бештар тақвият медиҳад. Ӯ дар истисмори меҳнати мазлумон, аз худ кардани манофеи онҳо дар баробари муридони худ, ки баъзеашон ба синфи ҳукмрон шомиланд, саҳм мегузорад. Ин ба он монанд аст, ки дар идораи давлатҳои Темуриён то Манғитиён хоҷагони Нақшбандӣ низ нақш мебозиданд ва амирон ҳамеша муридони онҳо буданд. Дар Осиёи Марказӣ ва Афғонистон чунин муносибат ҳанӯз роиҷ аст. Бе омӯхтани ин паҳлуҳои ҷомеашиносии тасаввуф баҳогузорӣ кардан ба масъалаҳои ахлоқии он яктарафа ва ғайриобъективӣ мебошад.

Нависандагони мақолаи дастҷамъии дар чанд моҳи охир таълифкарда зарурати "бо забони одди" ба ман фаҳмонданро надоранд, балки ман мефаҳмам, ки дар ҳамаи ин саҳифаҳо боз ҳам таълимоти теологии худро дар либоси тасаввуф ба намоиш гузошта, маро ба нофаҳмӣ ва қобилияти дарк надоштан таҳқир мекунед. Табиат ба шумо ҳамин зеҳн ва тавони таҳқир карданро додаасту дигар ҳеҷ.

Дар вазъияти мавҷуда мо ниёз ба ҷавононе дорем, ки ба ин масъалаҳо беғаразона нигаранд ва саҳифаи наверо дар таҳқиқи фалсафӣ кушоянд. Бо ҳамин умед ин ҷо мақоларо анҷом мебахшам.

(Мақола бо номи «Теологизатсияи илмҳои фалсафӣ дар Тоҷикистон» дар рӯзномаи «Тоҷикистон» №№ 8-10 26. 02. 2015, 05. 03. 2015, 12. 03. 2015 чоп шудааст. )



# МУНДАРИҶА

Муқаддима ........................................................................3

Аҳли таҳлил ва ҳарифон:
Кӣ чӣ мегӯяд ва чӣ менависад........................................10

Хаёлоту ҳисобот ва андешаҳои
подарҳавои аҳли таҳлил ..................................................59

Дурӯғгӣ, сохтакорӣ ва парвозҳои
хаёлии аҳли таҳлил ........................................................113

Назария ва фалсафафурӯшии таҳлилиён ........................160

Хулоса.................................................................................192

Дар мавриди теологизатсияи илмҳои фалсафӣ ..............201

СУЛТОН НАВРӮЗОВ

**ФАЙЛАСУФОНИ ГУМНОМ
Ё АРВОҲҲО ДАР ФАЛСАФА**

*(Нашри дуюм)*

Муассисаи нашриявии «Ирфон»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев, 17а
Тахти рақами № 41.

Ба матбаа 17.10.2016. супорида шуд.
Чопаш 19.10.2016 ба имзо расид.
Андозаи 60х84 1/16. Ҷузъи чопӣ 13.75.
Адади нашр 300 нусха.

